СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**Иззатулло САИДЗОДА,**
**директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**



# РУШДИ БОСУРЪАТИ КИШВАР ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИРО ТАЛАБ МЕНАМОЯД

**Дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Маърифати ҳуқуқӣ асоси ташаккули ҳар як ҷомеаи қонунмеҳвар буда, заминаи асосии рушди босуботи ҳар як кишвари муосир ва ҳуқуқбунёд мебошад, зеро муносибатҳои солими ҳар як ҷамъият аз тарз ва сифати дарки мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ вобастагии комил дорад.

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ барои рафъи инкори қонун, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба ин васила, мустаҳкам намудани асосҳои давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Имрӯз бо дарназардошти ҷаҳонишавӣ ва ба миён омадани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мавзуи маърифати ҳуқуқӣ на танҳо рӯзмарра, балки мазмуну моҳияти нав пайдо намуда, он метавонад ба рушди Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ба сифати омили мусоидаткунанда баромад намояд. Бинобар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 пешниҳод намуданд, ки соли 2024 Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон карда шавад.

Дар ҳамин замина, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, таҳти №668 ба имзо расид.

Зери мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ раванди иттилоотонии ҳуқуқӣ доир ба қоидаҳои умумии ҳатмии рафтори (меъёри) муқаррарнамудаи қонунгузорӣ фаҳмида мешавад, ки мақсади он ба баланд бардоштани шуурнокии субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, амалишавӣ ва риояи қонунҳо, инчунин, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ равона шудааст.

Омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ собит менамояд, ки соли 2024 ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои зерин Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардидааст:

1. Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ.
2. Тарғиби арзишҳои демократӣ.
3. Мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон ва муносибати эҳтиромона бо он.
4. Боз ҳам баланд бардоштани мақоми қонун.
5. Тарбияи субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар руҳияи эҳтиром нисбат ба қонун ва бартараф намудани инкори он.
6. Таъмини волоияти қонун.
7. Ташаккули низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ.
8. Оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ.
9. Ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ.
10. Ташкили механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ.

Анҷом додани тадбирҳои зикргардида арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро таъмин намуда, ба эҳтиром ва риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, тақвияти рағбати шаҳрвандон ба донишҳои соҳаи ҳуқуқ, васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ, паст гардидани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар робита ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам

## СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 зикр намуданд, ки дастоварду пешравиҳои то имрӯз ноилшудаи кишвар натиҷаи қонунҳои таҳия ва қабулкардаи Парламенти мамлакат мебошад.

Таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад. Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон ҷиҳати боз ҳам ҷоннок намудани кор дар ин самт муроҷиат карданд.

Иштироки фаъолонаи шаҳрвандон ва дигар субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ барои ноил шудан ба ин вазифаи гузошташуда - такмили қонунгузорӣ ба манфиати кор аст.

Қобили зикри хос аст, ки барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон заминаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ фароҳам аст. Чунончи, мувофиқи моддаи 1-и Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад.

Дар моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардидааст. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Дар моддаи 92-и Конститутсия меъёр пешбинӣ шудааст, ки шаклҳои ёрии ҳуқуқиро қонун муайян менамояд. Ҳамин тариқ, аксари меъёрҳои Конститутсия бевосита ё бавосита ба падидаи маърифати ҳуқуқӣ алоқамандии зич доранд.

Ин заминаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ имкон медиҳанд, ки дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шаклҳои гуногун қабул гарданд ва вазифаҳои онҳо бевосита ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шаванд.

Қабул гардидани Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ шудааст, Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №565 тасдиқ шудааст, мисоли гуфтаҳои болост.

Баҳри пурра расидан ба ҳадаф - баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонуни болозикр таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ» мувофиқи мақсад мебошад.

Лозим ба ёдварист, ки пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 низоми қонунгузории кишвар мунтазам ташаккул ёфта, имрӯз, тибқи феҳристе, ки дар Маркази миллии қонунгузорӣ пеш бурда мешавад, нишондоди санадҳои қонунгузорӣ дар шаклҳои гуногун 401 ададро ташкил медиҳад. Айни замон, низоми қонунгузории Тоҷикистон аз Конститутсия, 17 қонуни конститутсионӣ, 22 кодекс ва 361 қонун, инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар даврони соҳибистиқлолӣ ташаккул ёфта, барои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ маърифатнок намудани субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши назаррас дорад.

Дар баробари ин, мувофиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вазорату идораҳо ва шахсони мансабдори он вазифадор мебошанд, ки барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва дигар субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ чораҳои дахлдор, ба монанди фаҳмондадиҳии муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотонии ҳуқуқӣ, қабули бевоситаи шаҳрвандон, нашри мақолаҳои илмӣ-оммавӣ дар маҷаллаву рӯзномаҳо ва дигар корҳои пешбининамудаи қонунгузориро роҳандозӣ намоянд.

Ҳамин тариқ, эълон шудани соли 2024 ҳамчун Соли маърифати ҳуқуқӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими мақому манзалати инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, таъмини волоияти қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона гардида, дар рушди низоми қонунгузорӣ ва муносибатҳои қонунмандонаи ҷамъият саҳми шоиставу маънавӣ хоҳад гузошт!

**Ҳасан АЗИЗОВ,**
**«Маърифати омӯзгор»**



# ОЗОДӢ - АРЗИШМАНДТАРИН НЕЪМАТ БАРОИ ҲАР ЯК ХАЛҚУ МИЛЛАТ

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои миллати маърифатпарвару фарҳангсолори тоҷик муҳимтарин аркони ҳастӣ ва пойдорӣ маҳсуб мешавад, зеро дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳон танҳо истиқлол ва арзишҳои маънавии он метавонанд, миллатро муттаҳид намуда, кишварро ба сӯйи муваффақиятҳои бунёдӣ раҳнамун созанд!

Боиси фараҳу шодмонист, ки имрӯз мардуми саодатманди Тоҷикистон соҳиби давлати соҳибистиқлоли худ мебошад ва ин неъмати бузург боис гаштааст, ки кишвари моро дар ҷаҳон ба расмият мешиносанду бузургтарин давлатҳои дунё ҳамчун миллати соҳибтамаддун ва қонунманд эътироф мекунанд. Магар ин неъмати бузург барои миллати тоҷик хушбахтӣ нест?!

Дар вазъияти кунунии ҷаҳони пуртазод ҳар як сокини мамлакат, хусусан, наврасону ҷавонон, ки неруи пешбарандаи ҷомеа маҳсуб мешаванд, бояд суханони ҳикматомези Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро шиори ҳамешагии зиндагию рӯзгори хеш карор диҳанд, ки таъкид кардаанд: «Соҳиби давлат будан, соҳиби Ватани озод будан, на ҳар як миллатро насиб мегардонад. Мо худ ба худ савол диҳем, ки ман чи хизмате кардам барои ободию пешрафти Ватани азизи худ. Барои наслҳои ояндаи худ, барои фарзандонам, барои набераҳоям чи хизмат кардам, ки онҳо осоишта зиндагӣ кунанд, умр ба сар баранд. Ҳеҷ гоҳ, дар ҳеҷ ҳолат хиёнат ба миллат, давлат ва Ватани худ накунед! Ҳеҷ гоҳ! Шукр кунед, ки мо - тоҷикон Ватан дорем, давлат дорем, баробари кишварҳои абаркудрат аъзои кулли созмонҳои байналмилалӣ ҳастем ва баробари онҳо як овоз дорем».

Дар ҳақиқат, озодӣ арзишмандтарин неъмат барои ҳар як миллат мебошад. Барҳақ соҳибназарон гуфтаанд, ки «Истиқлол вожаи муқаддасест, ки дар партави худ калидвожаҳои минбаъдаи давлатдории тоҷиконро, аз қабили сулҳу осоиштагӣ, Ваҳдати миллӣ, амният, рушду пешрафти давлатдорӣ ва ғайраро таҷаллӣ менамояд ва устувории Истиқлоли давлатии мо, аз устувориву сарҷамъии якояки мо – тоҷику тоҷикистониён вобаста аст, чунон ки устувории занҷири оҳанин аз устувории ҳар як ҳалқаи он вобаста аст. Пас, набояд ғафлат варзид ва ин неъмати гаронбаҳоро, ки бо азобу машаққатҳои зиёд, бо рехтани хуни ҳазорҳо тоҷик, бо талафи ҷонӣ, бо шабҳои бедорхобӣ ва сарсониҳову ғарибиҳои дур аз Ватан ба даст омадааст, залил гардонид».

Тавре ҳамагон медонем, имтиҳони таърихие, ки барои халқи тоҷик дар охири қарни XX омада буд, наметавон фаромӯш кард. Ҷангу ҷидоли таҳмилӣ миёни ҳамватанон, ки бо тавтеаи бегонагон аланга гирифта буд, боиси қатлу куштор, азобу ситам, гуруснагию оворагӣ ва харобиҳои бузурги моддию маънавӣ гардид. Ҳатто масъалаи ҷонкоҳу нанговар - хатари фурӯпошии давлату миллати тоҷикон низ пеш омада буду дар баъзе манотиқи кишвар дастаҳои хиёнатпешаи ифротгарову сепаратист ташаккул ёфта буданд.

Дар чунин шароит, бо ҷоннисориҳои Сарвари муҳтарами кишвар Ватани муқаддаси мо ба сулҳу салоҳ даст ёфт ва имрӯз дар кишварамон суботи комил ҳукмрон аст. Тоҷикистони ҷангзадаи дирӯз ба яке аз амнтарин кишварҳои сайёра мубаддал гардидааст. Вале муаммои рӯзҳои мудҳиши бародаркуш то имрӯз дар зиндагии миллат эҳсос мешаваду лаккаҳои нанги он дар таърихи кишвар сабт гардидааст. Оё аз ин дасисаи бузургтар дар таърихи як миллат вуҷуд дошта метавонад?!!

Имрӯзҳо мо шоҳиди бевоситаи ҷангҳо, фавти зиёди одамон, ранҷу азоб ва муҳоҷиратҳои иҷбории сокинон дар манотиқи гуногуни ҷаҳон мешавем, ки сарчашмаи аслии он барҳам хӯрдани арзишҳо ва аз байн рафтани иттиҳоду ваҳдати миллӣ мебошад, ки ба буҳрони башарӣ мубаддал шудааст. Мо ин ҳолатро дар кишварҳои Фаластин, Сурия, Ироқ, Лубнон, Яман, Украина, Афғонистон ва бахше аз кишварҳои африқоӣ дида истодаем.

Ин таҳаввулотҳои хатарзо, ки боиси ба ҳалокат расидани занону кӯдакони бешумор гардидааст, як сарнавишти талхе мебошад, ки барои миллати тоҷик бегона нест ва ин мусибатҳоро мо аз сар

## ИФТИХОР АЗ ИСТИҚЛОЛ

гузаронида, беш аз 150 ҳазор ҳамватани худро аз даст додаем. Ҳарчанд имрӯз зиндагии осудаву борифоҳро соҳиб ҳастем, вале дарду доғи он рӯзҳои мусибатбор дар пайкари таърихи миллат сабт гардидааст!

Аммо солҳои охир, мушоҳида мешавад, ки баъзе аз шаҳрвандон, ки бештарашон ҷавононанд, ба қадри ин неъмати бузург намерасанд ва бо рафтору гуфтори носолими худ ба осиёби душманон об рехта, мехоҳанд, ба ин озодӣ, ободӣ, сулҳу амният латма бизананд. Ин тоифаи роҳгумкарда бо рафтори худ, мехоҳанд дар Ватане, ки падару модар, хоҳару бародар, зану фарзанд, хешу табор ва ёру дӯстонашон дар фазои осудаи он ба сар мебаранд, пойи бегонагонро бикашанду бозиҳои сиёсиро роҳандозӣ кунанд.

Ин ва дигар далелҳо барои ашхосе, ки дар доми сиёсатҳои бегонагон афтидаанд, бурҳоне барои таҷдиди назар дар дидгоҳу аъмолашон мебошад. Лозим аст, ки ҳар аъмолро дар тарозуи ақл баркашанд, ки рафтори онҳо ба имрӯзаву ояндаи миллат ва Ватан таъсири мусбат мерасонад ё манфӣ?

Ҷаҳоне, ки имрӯз ба сар мебарем, ғарқи мушкилот ва майдони мубориза некиву бадӣ шудааст. Барои иддае рисолати инсонӣ ба манофеи молиявӣ ва гурӯҳӣ мубаддал шудаву имрӯзу фардои миллат ва башарият барояшон беарзиш гардидааст. Кишварҳо ва шаҳрҳои ободу сарсабз маҳз бо дасти инсонҳо ба харобазор табдил ёфта, садҳо ҳазор одамони бегуноҳ аз зиндагӣ маҳрум ва миллионҳо инсон овора гардидаанд.

Набояд фаромӯш сохт, ки яке аз муҳимтарин дастовардҳои миллати тоҷик дар 1000 соли гузашта Истиқлоли сиёсӣ, сулҳи пойдор ва давлатдории миллӣ аст. Дар шароити кунунӣ устувор гардонидани пояҳои давлатдории миллӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ шарти инсонӣ ва миллии ҳар як сокини он мебошад.

Даҳсолаи охир пешрафти босуръати илму техника инсониятро ба муҳити нави муносибатҳо ворид намуда, боиси ташаккул ёфтани низоми равобити сиёсиву иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иттилоотии инсонҳои сайёра гардидааст. Ин падидаи технологӣ маълум намуд, ки инсоният ҳамеша дар ҳаракат аст ва роҳҳои навини иртибот ва рифоҳи умрро мепӯяд. Дар чунин шароит бо эътимод метавон гуфт, ки танҳо неруи таҳкимбахши Истиқлоли давлатӣ ва рушди давлатдории миллии тоҷикон неруи илмӣ, зеҳнӣ ва маънавии мардуми Тоҷикистон аст. Пас, мо - ҳар як фарди ҷомеаро лозим аст, ки барои рушди Ватани муқаддас, устувории истиқлоли Меҳан ва беҳбуд бахшидан ба зиндагии миллат улуми муосирро аз бар намуда, дар талотумҳои ҷаҳони муосир арзишҳои миллӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва иқтисодию иҷтимоии тоҷиконро шиносанду аз ин арзишҳо дифоъ карда тавонем, зеро истиқлол асоси саодат ва ҳастии миллат аст. Дар ҳақиқат, имрӯз замоне расидааст, ки мо-фарзандони Тоҷикистони хуршедӣ ба қадри ин нуктаҳои гуҳарбори Роҳбари давлат бирасему аз ин миллати рашид биболему барои боз ҳам номдору машҳур гардидани он тамоми кӯшишу ғайрати худро сарф намоем, чунки ғайр аз мову шумо касе Ватани азизамонро ободу шукуфон намекунад.



**С. ҶОНОНОВ,**
**устоди кафедраи ҷомеашиносии**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон,**
**профессор**

# ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ВА МАСОИЛИ ҲИФЗИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Дар асри XXI, ки онро "Асри иттилоот" унвон кардаанд, таъсири иттилоот ва расонаҳои иттилоърасон ба тафаккури ҷомеа бисёр амиқ ва нишонрас аст. Расонаҳои иттилоърасон ба майдони мубоҳисаҳои сиёсӣ табдил ёфтаанд, аз ин лиҳоз, таъмини амнияти иттилоотӣ дар замони муосир ба унсури асосии таъмини амнияти миллӣ мубаддал гардидааст. Зеро иттилоот дар шароити кунунӣ танзимшаванда ва ё идорашаванда буда, дар ҳолатҳои лозима ҳамчун фишанг ва ҳатто, ҳамчун силоҳ низ истифода мешавад.

Дар замони ҷаҳонишавӣ раванди таъсиррасонии омилҳои байналмилалӣ, аз қабили робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ба ҳаёти иҷтимоии ҳар як кишвари алоҳида маҳсуб мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид гашта, дар шароити мураккаб ва пуртазодди ҷаҳонӣ саъю кӯшиши хешро бахри ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи истиқлол равона намудааст.

Имрӯзҳо терроризм ва экстремизм бо тамоми зуҳуроти номатлубаш ҳамчун вабои хатарнок доираи васеи кишварҳо ва минтақаҳои оламро фаро гирифта, зарурати дарки амиқ ва пешгирии ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Афзоиши зуҳуроти терроризми байналмилалӣ дар манотиқи мухталифи сайёраи мо боиси афзоиши назарраси таблиғот ва интишори ғояҳои террористӣ, ҷалби ҷонибдорон ва ташкили экстремизм ва терроризми иттилоотӣ гардидааст. Воситаи асосии чунин фаъолияти харобиовар имкониятҳои ҳамеша нави воситаҳои интиқоли иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ мебошанд. Дар даҳсолаи охир мисолҳои таблиғи ифротгароӣ ва терроризм дар интернет мушоҳида мешаванд, ки ҳеҷ марзу бум надоранд.

Бояд гуфт, ки дар зарфи солҳои охир зиёда аз сад мамлакати дунё ҳадафи амалҳои харобкоронаи террористон қарор гирифта, бар асари ҳамлаҳои террористӣ садҳо ҳазор аҳолии осоишта ба ҳалокат расида, миллионҳо нафар макону манзили зисташонро тарк кардаанд. Воқеан, бар асари амалҳои террористӣ дар бисёр мамолики дунё одамони бегуноҳ ба ҳалокат расида, шаҳру деҳот ва ёдгориҳои беназири таърихӣ хароб мегарданд, зарари ба иқтисодиёти кишварҳо расонидашуда ба миллиардҳо доллар мерасад.

Идомаи ин зуҳуроти номатлуб аз ҳар ҷиҳат хатарро дар пай дошта, на фақат боиси афзоиши таҳдиду хатарҳои сиёсиву иқтисодӣ, амниятӣ ва башариву фарҳангӣ мегардад, балки сабаби хурӯҷу афзоиши ҳар гуна бемориҳои сироятӣ дар тамоми минтақаҳои олам шуда, солимии ҷомеаро зери суол мебарад, инчунин, сарбории зиёдро ба буҷаи кишварҳо ворид месозад.

Яке аз роҳҳои муосире, ки ақидаҳои мардумфиребонаи ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ тавассути онҳо паҳн гардида, ба амнияти кишвар хатар эҷод менамояд, ин дастрасии умумии иттилоот дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Иттилооти ҳадафмандонаи созмонҳои ифротгаро, ки бар зидди якпорчагии давлат, сохтори конститутсионӣ ва ҳамбастагии миллат равона гардида, оқибат ба содир намудани амалҳои террористӣ аз ҷониби шахсони кундфаҳму кӯтоҳандеш мегардад, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн карда мешавад.

Дар сурате, ки мо дар баробари ҳуҷумҳои иттилоотии муғризонаи душманони созмонҳову гурӯҳҳои манфиатхоҳ истодагарӣ накунем, он метавонад ба амнияти давлату миллат таъсири манфӣ расонад. Мисоли равшани он, ҷангҳои таҳмилии ҷаҳони муосир мебошанд, ки аксари онҳо бо даъватҳои оммавӣ тавассути

воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба майдонҳо, анҷом додани амалҳои гуногун ва ғайраҳо сурат гирифтааст.

Дар муқобили чунин ҳуҷумҳои иттилоотии тарҳрезишаванда, ҳар як узви ҷомеа бояд посухҳои муносиб диҳад, зеро таъмини амнияти иттилоотии кишвар дар шароити ниҳоят тезу тунди ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷузъи таркибии амнияти миллӣ ва тақвияти пояҳои давлатдорӣ ба шумор меравад. Мо набояд дар муқобили ҳуҷумҳои иттилоотӣ бетарафӣ ва хомӯширо пеша кунем. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, шиддат гирифтани мубориза ҳои иттилоотӣ ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ омили асосии таъмини суботу амният ва оромии ҷомеа, рушду шукуфоии кишварамон мебошад. Ҳар яки мо бояд хушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳем.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша зимни ироаи Паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ ва суханрониҳояшон дар мулоқотҳои ҷудогона оид ба афзоиши хатари терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир изҳори назар менамоянд. Аз ҷумла, Сарвари давлат дар яке аз Паёмҳои хеш таъкид карда буданд, ки: «Гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд. Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳи тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гароидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар руҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд».

Тавре маълум аст, раванди инкишофи босуръати технологияи муосир, дар баробари пешравиҳо, як қатор мушкилиҳоро низ ба бор овардаву сабаби ташвиши ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст. Баъзе аз дастовардҳои ҷадиди илмию техникие, ки инсоният кашф кардааст, имрӯз ба амнияти худи сокинони сайёра хатар эҷод намуда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки зиёд гардидани таҳдидҳои иттилоотӣ давлатҳоро водор сохтааст, ки ба амнияти иттилоотии худ таваҷҷуҳи бевосита зоҳир намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар сафи пеши мубориза бо терроризму ифротгароӣ дар ҷаҳони муосир қарор дошта, бо сиёсати устувори худ дар таъмини суботу амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ саҳми ҷиддӣ мегузорад. Баҳри мубориза бо терроризм ва экстремизм соли 1999 як зумра санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ қабул шуданд. Роҳбари давлат 16 ноябри соли 1999 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» имзо гузоштанд ва 21 ноябри соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм» ба тасвиб расидааст. Ин ду қонун барои Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии мубориза бо терроризм ва экстремизмро фароҳам овард.

Ҷомеаи ҷаҳониро имрӯз бе иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳар рӯз ба фазои маҷозӣ миллиард ва аз он ҳам зиёд иттилоъ ворид шуда, коркард мегардад, ки дар дохили он маводу хабарҳои пурғалат ва бардурӯғ (фейк) низ зиёд мебошанд. Имрӯз шабакаҳои иҷтимоӣ ва васоити ахбори оммаи хориҷӣ ба ҷойи густариш ва ҳамбастагӣ бо ҳадафҳои геополитикӣ ба майдони набардҳои иттилоотӣ табдил шуда, вазъи кишварҳо ва ҷомеаҳоро ноором менамоянд.

Дар ин раванди набардҳои иттилоотӣ, ки ҷиҳати ноороми кишварҳо равона шудааст, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву меҳанпарастии шаҳрвандон, пешгирии пайравии ҷавонони суст иродаву гумроҳ ба ақидаҳои террористиву экстремистӣ, баланд бардоштани ҳисси зиракии сиёсии ҷавонон, таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим дар назди ҷомеаи имрӯза ба ҳисоб рафта, кишвари моро ҳамчун низоми давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ ҳифз мекунад ва арзишҳои миллию таърихии кишвари моро барои ҳазорсолаҳои оянда солиму ҷовидон нигоҳ медорад.

**Барно САИДОВА,**
**омӯзгори кафедраи психологияи умумидонишгоҳии**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ**

# АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ - ОМИЛИ ТАШАККУЛИ ВАТАНДӮСТИСТ

## Ба ифтихори 30-солагии Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тарбияи ватандӯстӣ падидаи ҷамъиятиву сиёсӣ буда, аз ибтидои ташаккули тамадунҳои инсонӣ таваҷҷуҳи олимону донишмандон, шоирону нависандагон ва ҳукуматдорони замонро ҷалб намудааст. Рукни асосии рушди ҷамъияти муосир бо эҳёи худшиносии миллии халқи тоҷик, ҳувияти миллӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ тавсиф меёбад. Бинобар ин, тамоми низоми омодасозии наврасону ҷавонон дар тарбияи худшиносӣ, арзишҳои миллӣ ва муқаддасоти давлатӣ ба ҳимояи Ватан ва арзишҳои волои давлатдории миллӣ равона карда шудааст.

Масъалаи тарбияи ватандӯстӣ дар Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оҳангу нафаси баланди меҳанпарварӣ, ки реша аз таърихи беш аз ҳазорсолаи миллати тоҷик дорад, бо руҳи замони муосир тавъам гардида, тасвири муборизаи озодихоҳонаи халқи тоҷикро бахри расидан ба соҳибистиқлолӣ, ки неъмати нодиру бебаҳост, дар бар гирифтааст. Суруди миллиро хурду калони мамлакат бо ифтихор, даст ба рӯйи сина месароянд. Иқдоми ватандӯстонаи муассисаҳои таълимӣ аст, ки он аз ҷониби хонандагон пеш аз оғози дарс мунтазам қироат карда мешавад. Ин раванд шаҳодат аз он аст, ки ҳар фарди худогоҳи тоҷик бо замзамаи Суруди миллӣ худро соҳиби фарҳанги баланди ватандорӣ ва молики ҳар пораи хоки марзи аҷдодӣ медонад. Ин тасаввур дар шинохти амиқу бештари Ватан, муқаддас донистани он, шоистаи дастгирӣ ва ба сифати равияи хештаншиносӣ дар марҳалаи кунунии замони муосир муҳим мебошад.

Ҳадафу ғояи меҳварии Суруди миллӣ аз шинос шудан бо марҳалаҳои таърихии муборизаҳои истиқлолхоҳонаи миллати тоҷик, умеду эътиқод ба марзи ниёӣ ва эътимод ба ояндаи дурахшони Тоҷикистони азиз мебошад. Аз ҷумла, мисраъҳои

**Зи дурии замонаҳо расидаем,**
**Ба зери парчами ту саф кашидаем,**
**кашидаем.**
**Зинда бош, эй Ватан,**
**Тоҷикистони озоди ман!**

далолат ба пос доштани таърих, парчам ваояндаи пойдори кишвари соҳибистиқлоли тоҷикон мебошад!

Хондани Суруди миллӣ ва дигар ашъори ватанпарастӣ меҳру муҳаббати Ватанро дар қалби ҳар як хонанда афзун намуда, шукӯҳу барҷастагӣ ва азамати кишвари куҳанбунёди тоҷикро бештару равшантар таҷассум менамояд. Аҳаммияти таърихиву ватанпарваронаи Суруди миллӣ, қабл аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки мо ба ваҳдату муттаҳиддии халқи тоҷик якпорчагию бақои ин марзу буми аҷдодӣ, раванди бунёдкорию созандагӣ бахри пешрафту рушди бесобиқаи Тоҷикистони азиз саъю кӯшиш ва талош меварзем. Бинобар ин, пос доштани арзишҳои миллӣ бениҳоят дар ташаккули ҳисси волои ватандӯстии насли наврас нақши беназирро иҷро менамояд.

Агар аз лиҳози забоншиносӣ ва маънавӣ низ таҳлил кунем, «Тоҷикистон, Ватан, зодгоҳ» ва монанди инҳо калимаҳои зебо ва хуҷастае мебошанд, ки бо шуниданашон хонаву дар,

гаҳвора ва модар пеши назар падид меоянд. Педагоги машҳур В.А. Сухомлинский мазмуни мафҳуми «Ватан»-ро одилона ба мафҳумҳои «инсон», «маънои зиндагӣ», «қарзи фарзандӣ», «оила», «забони модарӣ», «муҳити табиат» «садоқат» алоқаманд мекунад. Воқеан ҳам, Ватан сарнавишту қисмати ҳар як миллат ва инсонҳои он ва модари мушфиқу меҳрубон аст. Агар модари аслӣ моро ба дунё оварда бошад, Ватан ба сарамон дасти навозиш гузошта, барои идомаи зиндагии рангин имкон фароҳам овардааст. Халқи тоҷик аз шумори он миллатҳоест, ки марзу буми худро хеле дӯст медорад ва барои ҳастии он ҷоннисорӣ мекунад. Тавре шоир мегӯяд:

**Ҳама сар ба сар сар ба куштан диҳем,**
**Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.**

Қаҳрамониҳои Темурмалику Шерак, Деваштичу Восеъ далели гуфтаҳои болост. Шоири шинохтаи тоҷик Лоиқ Шералӣ ибтидои Ватанро аз гаҳвора ва аз шири поки модар донистааст:

**Ватан сар мешавад аз гаҳвора,**
**Зи шири поку аз пистони модар.**
**Ватан сар мешавад аз он тавора,**
**Ки онро сохта дастони модар.**
**Ватан беҳбудию беҳрӯзии мост,**
**Ватан хушномию фирӯзии мост.**

Агар ба масъалаи ватандорӣ аз лиҳози қудсият назар андозем, дар олам чанд муқаддасоти ҷовидонӣ ва беназир мавҷуд аст, ки Модару Ватан аз ҷумлаи онҳоянд. Ҳисси волои ватандӯстӣ то дараҷаест, ки хокашро аз тахти Сулаймон ва хорашро аз лолаву райҳон ва гадоияшро болотар аз шоҳии хоки бегона медонанд. Аз ин эҳсоси воло бармеояд, ки Ватан ифтихор, шаъну шараф, ноёбтарин неъмат, сарвати бебаҳост, ки онро ба ҳеҷ ганҷе наметавон иваз намуд. Ва бояд дарк кард, ки оромиву шукӯҳ, пешрафту тараққӣ ва шукуфоии Ватан ба масъулияти баланди ҳар як сокини он вобаста аст. Агар Ватан орому осуда бошаду дар саросари он сулҳу субот ҳукмрон гардад, нозу неъмат фаровон мешаваду муҳаббати мардум меафзояд. Дар он ҷое, ки пояҳои маънавиёт устувор набошанд, акси ин ҳол ба миён меояд. Муҳаббат ба Ватан, асосан, дар давраи кӯдакӣ зуҳур меёбад ва минбаъд дар заминаи тарбият ва омилҳои дигари муассир такмил пайдо мекунад. Инсон ба ҳар зарра хоку ҳар қатра оби Ватан дил мебандад, ки бе он наметавонад, ки хушбахту бахтиёр бошад. Ватандӯстӣ волотарин хислати инсон аст, садоқат ба Ватан бошад на дар суханпароканӣи бемаврид, балки саъю кӯшиш дар роҳи хидмат кардан ба он мебошад. Ифтихори мо-омӯзгорон аст, ки шогирдони худро дар руҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба марзу буми ниёгон тарбия намоем. Онҳоро ончунон ба воя расонем, ки шиори ҳамешагии зиндагиашон чунин бошад:

**Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам,**
**Ба ҳарфи Ватан гӯш дорад дилам**.

Ҳамчунин, тарбия ва инкишофи инсон ҳанӯз аз овони кӯдакӣ шуруъ шуда, дар ҳар як давраи синнусолӣ махсусиятеро ба худ касб менамояд. Ин хусусиятҳо сабабҳои ба вуҷуд омадан ва шакл гирифтани бисёр сифатҳои шахсӣ, ба монанди гапдарoӣ, дилсӯзӣ, меҳрубонӣ, хоксорӣ, ҳаётдӯстӣ хушёрию зиракӣ, нотарсӣ, чолокӣ ва ғайраҳо мегардад. Дар баробари ин, омили асосии баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҳувияти миллӣ тавассути донистани фарҳангу таърихи хеш, пос доштани арзишҳои миллӣ ташаккул меёбад.

Омӯзгори барҷаста И.П. Павлов таъкид мекард, ки таълиму тарбия ҳосилшавии алоқаҳои наву мураккаб ва системаҳои онҳо мебошад. Тараққиёти психикии кӯдак аз тараққиёти системаи асаб ҷудо нест, худи системаи асаб, дар навбати худ, вобаста ба шароити берунӣ, дунёе, ки кӯдак дар он зиндагӣ ва амал мекунад, инкишоф меёбад. Ба ҳамин тариқ, қувваҳои пешбарандаи тараққиёти кӯдак хусусиятҳои модарзодии системаи асаби ӯ не, балки алоқаҳои нави асабӣ мебошанд, ки дар натиҷаи ҳаёту фаъолияти ӯ дар шароити муайяни ҷамъиятӣ ҳосил мешаванд. Ин ба он ишора мекунад, ки дар инкишофи кӯдак шароити ҷамъиятӣ-таърихӣ ва тарбия аҳаммияти пешбаранда доранд. Пас, ҳар як падару модар ва омӯзгору мураббиро лозим аст, ки дар тарбияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва маънавию ахлоқии наврасону ҷавонон нақши арзишманд дошта бошанд.

**Нигора ҚОСИМОВА,**
**мураббии кӯдакистони 31-и ноҳияи Сино**

# ДАР БОРАИ ФАСЛҲОИ СОЛ ЧӢ МЕДОНЕД?

## (Гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб)

Зинаи таҳсилоти томактабӣ марҳилаи муҳимми таҳсилот ба шумор рафта, кӯдаконро барои ворид шудан ба фазои муназзаму барномавии таҳсил омода месозад. Махсусан, марҳилаи тайёрӣ ба мактаб марҳилае мебошад, ки кӯдаконро дар яккадамии ворид шудан ба дунёи дабистон қарор медиҳад. Дар ин нигошта чанд маслиҳате барои мураббиҳое, ки кӯдакони гурӯҳи тайёрӣ ба мактабро роҳнамоӣ мекунанд, манзур мешавад ва метавонад, барои мураббиҳо ва волидони кӯдакони синну соли томактабӣ маълумоти муфид бошад.

**Мақсад:** Мустаҳкам кардани дониши кӯдакон дар бораи фаслҳои сол, моҳҳо, аломатҳои онҳо ва пайдарҳамии онҳо.

**Вазифаҳо:**

**- дақиқ кардани сатҳи дониши кӯдакон дар бораи фаслҳои сол, моҳҳои сол, моҳҳои фаслҳо;**

**- инкишофи қобилияти ҷавоби пурра додани бачаҳо бо ҷумлаҳо, асоснок кардани андешаҳояшон;**

**- тарбия кардани хоҳиши донистани чизи нав.**

**Кори пешакӣ:** омода намудани чистонҳо дар бораи фаслҳои сол, хондани афсонаи «12 моҳ», суҳбатҳо дар бораи фаслҳои сол: зимистон, баҳор, тобистон ва тирамоҳ, шиносоӣ бо вақт, кор дар гӯшаи табиат, азёд кардани шеъри «Сайри баҳорӣ» ва тамошои тақвимҳо.

### Рафти машғулият

### 1. Муқаддима

- Бачаҳо, ҷавоби ин муамморо ёбед! Ҳар сол ба меҳмонии мо меоянд: яке сарсафед, дигаре ҷавон, сеюмӣ савор меояд, чорумӣ мегиряд.

**Ҷавоб:** 4 фасли сол.

### 2. Фаслҳои сол

Фаслҳои сол аз паси ҳам меоянд ва солро ташкил медиҳанд. Бачаҳо, инсоният шаклҳои гуногуни ҳисобкунии вақтро дорад. Бо яке аз онҳо мо аллакай шинос ҳастем, ки ин соат мебошад. Мо аз рӯйи он вақтҳои шабонарӯзро муайян мекунем.

Барои фаҳмидани рӯзҳо ва моҳҳо ба мо чӣ ёрӣ медиҳад? Дуруст, тақвим. Тақвим ҳисобкунии рӯзҳои сол мебошад. Як сол аз 365 рӯз иборат аст. Бинед, тақвим чӣ хел ғафс аст. Ҳар як варақаш як рӯзи сол мебошад. Одамон барои осон ҳисоб кардан, ҳамаи рӯзҳои солро ба ҳафтаҳо ва моҳҳо ҷудо кардаанд.

Бачаҳо, моҳҳои фасли зимистон кадомҳоянд? Декабр, январ ва феврал (ҷавоби бачаҳо).

Моҳҳои баҳор чӣ? (Март, апрел, май).

Тобистон аз кадом моҳҳо ибрат аст? (Июн, июл, август).

Ана, ин моҳҳо дар фасли тирамоҳ мебошанд (расмҳои манзараҳои тирамоҳро нишон медиҳем). Бачаҳо ҷавоб медиҳанд.

Бачаҳо як сол аз чанд моҳ иборат аст? (Аз 12 моҳ).

Ба берун нигаред. Ҳоло кадом фасли сол аст? Кадом моҳи тобистон аст? (Июн, июл, август).

Кадом аломатҳо нишони тирамоҳ мебошанд? (Баргҳои дарахтон зард шуданд. Меваҳо пухта расиданд).

Аломатҳои баҳорро медонед? (Барф об мешавад, офтоб гармтар мешавад, сабза медамад).

### 3. Кори луғавӣ

Акнун, бачаҳо, ман ба шумо афсонаи халқии тоҷикӣ «Нахӯдак»-ро нақл мекунам. Шумо дар ин афсона калимаҳои бароятон навро мешунавед: «деҳқон», «пирамард»,

«нахӯдак», «дос» ва «асо».

Афсона ба шумо маъкул шуд? (Ҳа) Калимаҳои навро ба хотиратон гиред.

«Деҳқон» - марде, ки дар саҳро гандум ва сабзавот мекорад.

«Пирамард»- мӯйсафед, марди калонсол.

«Нахӯдак» - нахӯд барин хурд.

«Дос»-асбоби махсуси алафдаравӣ.

«Асо»-чӯбе, ки шахсони калонсол ба он такя намуда, роҳ меравconfigured.

**4. Лаҳзаи варзиш – шеъри «Сайри баҳорӣ»**

**Дар пайраҳа, дар пайраҳа,**
**Мо бо як пой мечаҳем.**
**Дар пайраҳа, дар пайраҳа,**
**Мо бо ду пой мечаҳем.**
**Мечаҳему мечаҳем,**
**Ба майдонча мерасем.**
**Дар майдончаи боғча**
**Мисли харгӯш мечаҳем!**

Истед!
Фурсате дам мегирем,
Ба хонаамон меравем,
Ҷаҳиш бо пой чап,
Ҷаҳиш бо пой рост.
Дар ҷойи худ давидан
Бо ҳар ду по ҷаҳидан.
Менишинем.
Роҳгардӣ дар ҷойи худ.

Мо нафас рост кардем, дар курсичаҳо менишинем.

Номҳои ҳар як моҳ, рӯзҳои ҳафта, фаслҳои солро донистан ҳатмӣ мебошад. Аз тақвим истифода карда тавонистан лозим. Ҳар як фасли сол пайи ҳам-бо навбат омада, зебоиҳои худро дорад.

**5. Ҷамъбаст**

- Бачаҳо шумо имрӯз чӣ чизи аҷоибро донистед?
- Бо кадом калимаҳои нав шинос шудед?
- Чӣ маъкул шуд?
- Ягон мушкилӣ буд?
- Ба дӯстон ва падарону модарон чӣ накл мекунед?

Бо чунин шакли суҳбат бо кӯдакони гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб анҷом меёбад ва онҳо асоситарин чизҳоеро, ки барои ҳар як инсон дар зиндагӣ муҳим мебошанд, меомӯзанд!



**Комрон ШУКУРОВ,**
**омӯзгори технологияҳои иттилоотии**
**Коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан**

# ЗЕҲНИ СУНЪӢ ТАЛАБОТ БА НЕРУИ ИНСОНИРО КОҲИШ МЕДИҲАД?



Аз замони ихтирои компютерҳо қобилияти онҳо дар иҷрои вазифаҳои гуногун ба таври назаррас афзоиш меёбад. Одамон қудрати системаҳои компютериро тавассути зиёд кардани шумораи вазифаҳои иҷрошуда ва андозаи компютерҳо инкишоф медиҳанд. Ҳадафи асосии муҳаққиқон дар соҳаи тафаккури сунъӣ сохтани компютерҳо ё мошинҳое мебошад, ки мисли инсонҳо зирак бошанд. Аслан, тафаккури сунъӣ ё зеҳни сунъӣ - ЗС (искусственный интеллект - ИИ) чист?

Истилоҳи "зеҳни сунъӣ" аз ҷониби Ҷон Маккарти, ихтироъкори забони Лисп, асосгузори барномасозии функсионалӣ (барандаи Ҷоизаи Тюринг барои саҳми беандозааш дар соҳаи тадқиқоти зеҳни сунъӣ) эҷод шудааст.

Зеҳни сунъӣ як роҳи сохтани компютер, роботи идорашаванда ё барнома буда, қодир аст, ба мисли инсон оқилона фикр кунад.

**Фалсафаи зеҳни сунъӣ**

Ҳангоми кори системаҳои пуриқтидори компютерӣ ҳама савол медоданд: Оё мошин метавонад мисли инсон фикр ва рафтор кунад?

Ҳамин тариқ, рушди ЗС бо нияти дар мошинҳо ба вуҷуд овардани ҳамин гуна зеҳн, ки ба зеҳни инсон монанд аст, оғоз ёфт.

**Ҳадафҳои асосии ЗС** эҷоди системаҳои экспертӣ - системаҳое, ки рафтори оқилонаро нишон медиҳанд: омӯхтан, нишон додан, тавзеҳ додан ва маслиҳат додан, мебошад.

Татбиқи тафаккури инсон дар мошинҳо ин сохтани мошинест, ки қобилияти фаҳмидан, фикр кардан, омӯхтан ва рафтор карданро дорад.

**Рушди сохти зеҳниро чӣ водор мекунад?**

Зеҳни сунъӣ илм ва технологияест, ки дар заминаи фанҳои гуногун, аз қабили информатика, биология, психология, забоншиносӣ, математика ва мошинсозӣ асос ёфтааст. Яке аз самтҳои асосии тафаккури сунъӣ рушди функсияҳои компютерии марбут ба тафаккури инсон, аз қабили мулоҳизакорӣ, омӯзиш ва ҳалли мушкилот мебошад.

**Барномаи ЗС ва ғайри ЗС**

Барномаҳои ЗС ва бе ЗС бо хосиятҳои зерин фарқ мекунанд:

| Бе ЗС | Бо ЗС |
|---|---|
| *Барномаи компютерӣ бидуни ЗС танҳо метавонад ба саволҳои мушаххасе посух диҳад, ки ба он посух гуфтан барномарезӣ шудааст.* | *Метавонад ба саволҳои умумие, ки барои он барномарезӣ шудааст, посух гӯяд.* |
| *Тағйирот ба барнома боиси тағйирёбии сохтори он мегардад* | *Барномаи ЗС метавонад тағйироти навро тавассути ҷобаҷогузории қисматҳои хеле мустақили иттилоотӣ аз худ кунад. Аз ин рӯ, шумо метавонед қисматҳои иттилоотро аз барнома бе таъсир ба сохтори худи барнома тағйир диҳед .* |
| *Дигаргунӣ зуд ё осон нест.* | *Дигаргунсозӣ зуд ва осон аст.* |

**Барномаҳои ЗС**

ЗС дар соҳаҳои гуногун бартарӣ доштааст, ба монанди:

• Бозиҳо - ЗС дар бозиҳо нақши ҳалкунанда дорад, ки дар он компютер қодир ба ҳисоби шумораи зиёди ҳар гуна қарор дар асоси дониши **heuristic** мебошад.

• Коркарди забони табиӣ ин қобилияти муошират бо компютерест, ки забони табиии одамонро мефаҳмад.

• Шинохти сухан - баъзе системаҳои интеллектуалӣ қодиранд, забонеро, ки инсон бо онҳо муошират мекунад, бишнаванд ва дарк кунанд.

• Шинохтани дастхат - нармафзор матни бо қалам навишташударо ва ё дар экран бо қалам навиштаро мехонад. Ӯ метавонад шакли ҳарфҳоро шиносад ва онро ба матни таҳриршаванда табдил диҳад.

• Роботҳои интеллектуалӣ роботҳое мебошанд, ки қодиранд, вазифаҳои таъйинкардаи инсонро иҷро кунанд. Онҳо сенсорҳо доранд, ки маълумоти физикиро аз ҷаҳони воқеӣ, ба монанди нур, гармӣ, ҳаракат, садо, зарба ва фишор муайян мекунанд. Онҳо коркардчиёни сермаҳсул, сенсорҳои сершумор ва хотираи азим доранд. Ғайр аз он, онҳо метавонанд аз хатогиҳои худ сабақ гиранд ва ба шароити нав мутобиқ шаванд.

**Таърихи рушди ЗС**

Таърихи рушди тафаккури сунъӣ дар асри 20 чунин аст:

| Сол | Чорабинӣ |
| --- | --- |
| 1923 | Карел Чапек дар Лондон намоишномае бо номи Universal Robots мегузорад, ки аввалин истифодаи калимаи робот бо забони англисӣ мебошад. |
| 1943 | Асосҳо барои шабакаи нейронӣ |
| 1945 | Айзек Азимов, хатмкардаи Донишгоҳи Колумбия, истилоҳи робототехникаро ҷорӣ мекунад. |
| 1950 | Алан Тюринг озмоиши Тюрингро барои арзёбии иктишоф таҳия мекунад. Клод Шеннон таҳлили муфассали бозии Тафаккурии шоҳмотро нашр мекунад. |
| 1956 | Ҷон Маккарти истилоҳи зеҳни сунъиро ҷорӣ мекунад. Намоиши нахустин барномаи ЗС дар Донишгоҳи Карнеги Меллон. |
| 1958 | Ҷон Маккарти забони барномасозии lisp барои ЗС-ро ихтироъ мекунад. |
| 1964 | Рисолаи Дэнни Боброу дар MIT нишон дод, ки компютерҳо забони табииро хуб мефаҳманд. |
| 1965 | Ҷозеф Вейзенбаум дар MIT Элиза, ёвари интерактивиро таҳия мекунад, ки бо забони англисӣ муколама мегузаронад. |
| 1969 | Олимони Институти тадқиқотии Стэнфорд Шеки, роботи мотордорро, ки қобилияти ҳис кардан ва ҳал кардани вазифаҳоро дорад, таҳия карданд. |
| 1973 | Гурӯҳи муҳаққиқони Донишгоҳи Эдинбург Фредди, як роботи маъруфи шотландиро сохтаанд, ки қодир аст, бо истифода аз рӯъё ёфтан ва васл кардани моделҳоро иҷро кунад. |
| 1979 | Аввалин мошини худгарди идорашавандаи компютерӣ,<br>троллейбуси Стенфорд сохта шудааст. |
| 1985 | Ҳаролд Коэн - тархрезӣ ва намоиш додани барномасозӣ, Аарон. |
| 1997 | Барномаи зеҳни сунъии шоҳмот, ки қаҳрамони ҷаҳон оид ба шоҳмот Гарри Каспаровро мағлуб мекунад. |
| 2000 | Ҳайвоноти интерактивии роботӣ ба тиҷорат дастрас мешаванд. MIT тасвири Кисмет, робот бо чеҳраест, ки эҳсосотро ифода мекунад. Робот Номад минтақаҳои дурдасти Антарктидаро меомӯзад ва метеоритҳоро пайдо мекунад. |

**Тарафҳои мусбат ва манфии зеҳни сунъӣ**

**Тарафҳои мусбат:**

- Ёрирасони аз ҳама донои инсон мегардад.
- Тамоми кашфиёте, ки инсон асрҳо боз ҷустуҷӯ мекунад, дар сонияҳо ҳал менамояд.

**Тарафҳои манфӣ:**

- Эҳтимол дорад, ки зеҳн сунъӣ худро аз одамҳо боло гирифта, одамизодро зарар расонад ё ин ки онҳоро идора кунад. Ҳаддалимкон дақиқ ҳам шудааст, ки дар бештари маврид мавқеи инсонро дар иҷрои вазифаҳо коста намуда, талабот ба неруи инсониро коҳиш медиҳад.

**Меҳрангези АСЛИДДИН,**
**омӯзгори Литсейи №2**
**барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**

# САРФА ВА ИСТИФОДАИ ҚУВВАИ БАРҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Физика яке аз фанҳои муҳим дар низоми таҳсилоти ҳамагонӣ маҳсуб шуда, асоси тараққиёти техникии олам аз он вобастагӣ дорад. Дар ин навишта, як намунаи дарс барои сарфаи энергия манзур карда мешавад.

**Салоҳиятҳои асосӣ:**

- хонандагон мустақилона ба саволҳо ҷавоб мегардонанд;

- бо истифода аз аёният мустақилона таҷриба мегузаронанд.

**Мақсади дарс:**

- хонандагон бояд тарзи истифодаи энергияи электрикиро донанд;

- бояд сарфаи моҳонаи энергияи электрикии оилаи худро ҳисоб карда тавонанд;

- фарқ байни лампаҳои тафсон ва каммасрафро донанд;

- неругоҳҳои барқиро номбар карда тавонанд;

- сарчашмаҳои энергияи электрикиро донанд.

**Таҷҳизоти дарсӣ:** китоби дарсӣ, плакатҳо, наворҳо оид ба неругоҳҳои барқӣ, рӯйнамо (презентатсия), расму овезаҳо оид ба ҳисобкунаки барқӣ.

**Равиши дарс.** Қисми ташкили дарс:

а) одоби салом ба ҷо оварда мешавад;

б) шиори дарсӣ аз ҷониби хонандагон садо медиҳад;

с) омода шудани хонандагон ба дарс;

д) аз назар гузаронидани шумораи хонандагон;

е) аз назар гузаронидани тозагии синф.

**Санҷиши дониш.** Пурсиши вазифаи хонагӣ.

Омӯзгор чун анъана шаш хонандаро назди тахтаи синф даъват карда, супориш медиҳад, ки аз мавзуъҳои гузашта формулаҳо нависанд. Вақте ки хонандагон формулаҳоро менависанд, дар тахтаи электронӣ тестҳо намоиш дода мешавад ва омӯзгор аз дигар шогирдон дархост мекунад, ки ҷавоби тестҳоро ёбанд.

Мо мехоҳем, бо усули «Блитс - пурсиш», яъне саволҳое, ки ҷавоби хело кӯтоҳ мехоҳанд, пурсиш гузаронем ва ҷавобҳоро баррасӣ намоем. Ба онҳо то 10 сония вақт дода мешавад. Ин усул барои такрори маводҳои омӯхташуда хело муфид мебошад.

Омӯзгор дар байни хонандагон қадам зада, аз онҳо бо роҳи фронталӣ саволу ҷавоб мекунад ва нафароне, ки ҷавоб медиҳанд, дар овезаи махсус аввали ҳарфҳои ном ва насабашонро навишта, холгузорӣ менамояд. Баъдан, ба онҳо мурочиат намуда, мегӯяд: «Биёед, бачаҳо, якҷоя формулаҳои навиштаи ҳамсинфонатонро месанҷем». Ба назди тахтаи синф омада, формулаҳои навиштаи бачаҳоро месанҷад ва ба овезаи махсуси холгузорӣ хол мегузорад.

**Омӯзгор:** Бачаҳо, ба саволи якуми мо кӣ ҷавоб мегӯяд?

Ҳамин тавр, бонавбат бо роҳи блитс-пурсиш тестҳоро низ мепурсад.

Акнун навбат ба тестҳо:

1. **Расиши кӯтоҳ кай рӯй медиҳад?**

А) Ҳангоми набудани сим.

Б) Ҳангоми луч будани сим.

С) Ҳангоми изолятсия шудани сим.

2. **Муҳофизакҳоро дар хона пеш аз кадом асбоб пайваст мекунанд?**

А) Пеш аз амперметр.

Б) Пеш аз реостат.

С) Пеш аз ҳисобкунак.

## ФИЗИКА

3. **Мӯяки лампаро аз кадом метал тайёр мекунанд?**

А) Аз мис.

Б) Аз волфрам.

С) Аз алюминий.

**4.Формулаи шиддати электрикиро нишон диҳед:**

А) U=A/q Б) I=q/t С)R=U/I.

**5. Муҳаррики дарунсӯз чанд такти корӣ дорад?**

А) 4 Б), 2 С), 3 Д).

**Баёни мавзуи нав:**

**Мазуъ: Истифода ва сарфаи энергияи электрӣ дар неругоҳҳои барқӣ**

Як хонанда даст бардошта, аз омӯзгор хоҳиш менамояд, ки доир ба «Аҳаммияти энергияи электрӣ дар рӯзгор» андешаҳои худро баён намояд.

Ҳамин тавр, расмҳои таҷҳизоти рӯзгор, ки бо қувваи барқ кор мекунанд, дар тахтаи электронӣ намудор мешаванд (чойники барқӣ, яхдон, дарзмол, лампа ва ғайра).




Пас аз баромади хонанда, омӯзгор навореро мегузорад, ки дар он аз паст шудани сатҳи обанбори Неругоҳи барқи обии «Норак» маълумот дода, аз сокинони кишвар сарфаи энергияи электрикӣ дар хонаву коргоҳҳо ва чойҳои дигарро тақозо мекунад.

**Омӯзгор:** Бачаҳо, чӣ тавре ки аз навор пай бурдед, имрӯз яке аз мушкилоти ҷомеа риояи сарфаву сариштакорӣ дар истифодаи энергияи электрикӣ мебошад. Энергияи электрикиро дар неругоҳҳои барқӣ истеҳсол мекунанд. Энергияи электрикӣ нисбат ба дигар намудҳои энергия чунин бартариҳо дорад:

1. **Онро бе талафи калон ба масофаҳои дур интиқол додан мумкин аст.**

**2. Ба тарзи осон аз як шиддат ба дигар шиддат табдил додан мумкин аст.**

**3. Ба тарзи одӣ ба намуди дигари энергия табдил дода мешавад.**

**4. Ба тарзи осон ба ҳиссаҳои дилхоҳ тақсим карда мешавад.**

**5. Аз ҷиҳати экологӣ ба муҳити атроф зарар намеорад.**

Вобаста ба намуди табдилдиҳии энергия, неругоҳҳои барқӣ, асосан ба обӣ, ҳароратӣ, бодӣ, офтобӣ ва атомӣ тақсим мешаванд.




Дар Тоҷикистон барои истеҳсоли ҷараёни электрикӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Кишвари мо дорои захираҳои бузурги обӣ мебошад. Нақши неругоҳҳои барқии обӣ дар пешрафти иқтисодиёт хеле калон аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон неругоҳҳои барқи обии «Варзоб-1», «Варзоб-2», «Варзоб-3», «Бойғозӣ», «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», «Сарбанд», «Норак», «Хоруғ», «Қайроққум» ва «Роғун» энергияи электрикӣ истеҳсол мекунанд. Яке аз НБО-и пуриқтидор «Норак» ба шумор меравад ва қисми асосии энергияи электрикиро дар Тоҷикистон истеҳсол менамояд. Энергияи истеҳсолкардаи неругоҳҳоро фавран ба истеъмолкунандаҳо нақл кардан лозим аст. Онро ба воситаи симҳо бо талафи нисбатан кам ба масофаҳои дур нақл кардан ва ба истеъмолкунандагон тақсим кардан осон аст. Аксар вақт истеъмолкунандаҳо садҳо километр аз неругоҳҳо дуртар ҷойгир мебошанд. Нақли энергияи электрикӣ бо талафёбии як қисми он ба амал меояд, чунки ҳангоми ҷоришавӣ ҷараёни электрикӣ симҳоро гарм мекунад. Аз

ҳама муҳим он аст, ки ин энергияро бо ёрии дастгоҳҳои хеле сода ба намудҳои дигари энергия – энергияи механикӣ, энергияи дохилӣ (гармшавии ҷисм) энергияи рӯшноӣ ва ғайра, табдил додан мушкил нест. Барои нақли энергияи электрикӣ ба масофаҳои хеле калон шиддатро садҳо киловатт зиёд менамоянд. Ҷараёни электрикиро «генератор» ном дастгоҳ истеҳсол мекунад, ки ин ё он намуди энергияро ба энергияи электрикӣ табдил медиҳад. Элементҳои галвонӣ, мошинҳои электростатикӣ ва батареяҳои офтобӣ.

Омӯзгор нақшаи нақл ва тақсимоти энергияи электрикиро дар тахтаи электронӣ нишон дода, мефаҳмонад, ки чунин мебошад:




Ҳамин тавр, пас аз ба истеъмолкунандагон додан дар ҳар як хона ва заводу корхонаҳо ҳисобкунаки баркӣ насб карда шудааст, ки барои муайян кардани масрафи моҳонаи барқ ва маблағи он лозим аст. Омӯзгор дар тахтаи электронӣ навореро доир ба кори ҳисобкунак намоиш дода, ба хонандагон шарҳ медиҳад.




**Омӯзгор:** Бачаҳо, барои ҳисоб кардани кори ҷараёни электр аз асбоби махсус, ки онро ҳисобкунаки электрӣ меноманд, истифода мебаранд. Дар дохили ҳисобкунак муҳаррики электрӣ мавҷуд аст, ки он ба занҷири истеъмолкунанда пай дар пай пайваст карда шудааст. Агар истеъмолкунандагони энергияи электр аз занҷир ҷудо бошанд, аз занҷир ҷараён намегузарад ва ҳисобкунак ҳам кор намекунад. Дар занҷир шумораи истеъмолкунандагон чи қадар бисёр пайваст шуда бошанд, аз онҳо ҳамон қадар зиёд ҷараёни электр мегузарад ва ҳисобкунак ҳамон қадар тез чарх мекунад. Чархи муҳаррики ҳисобкунак аз оина намоён аст. Адади чархзании дискро қисми баҳисобгиранда мешуморад ва дар шкалаи ҳисобкунак рақамҳое пайдо мешаванд, ки кори ҷараёнро ба ҳисоби киловатт. соат нишон медиҳанд.

Баъдан наворе ба бачаҳо вобаста ба ҳисобкунак намоиш дода мешавад.

**Омӯзгор:** Хуб, бачаҳои азиз, пас аз тамошои ин навор кӣ ба назди тахтаи синф омада, хароҷоти моҳонаи қувваи барқи хонаашонро ҳисоб мекунад?

Як хонанда ба назди тахтаи синф омада, ҳисобкунаки барқиро гирифта, чунин мегӯяд, ки барои донистани он, ки оилаамон дар охири моҳ чӣ қадар қувваи барқ сарф кардааст, аз нишондоди ҳисобкунак дар охири моҳ нишондоди онро дар аввали моҳ тарҳ кардан лозим аст. Ду рақами охирин рангашон дигар хел аст. Онҳо ҳиссаи даҳӣ ва садии киловатт. соат-ро нишон медиҳанд.



Масалан, дар охири моҳ ҳисобкунак 501,30кВ.соат-ро нишон медиҳад, аммо як моҳ пеш 401,30кВ.соат-ро нишон медод. Пас

дар як моҳ: 501,30-401,30=100 кВ.соат ё ин ки 100кВ.соат=3,6.108 Ҷ кор иҷро шудааст. Барои муайян кардани арзиши энергияи электри сарфшуда, бузургии корро ба ҳисоби кВ.соатҳо ба арзиши муқарраршудаи як кВ.соат энергия зарб кардан лозим аст.

**Омӯзгор:** Бачаҳо, дуруст нишон дод ҳамсинфатон. Бинобар ин, ҳар яке моро зарур аст, ки сарфаву сариштакориро донем.

Баъдан омӯзгор таҷрибаеро барои хонандагон нишон медиҳад. Ӯ ду лампаро, ки яке тафсон ва дигаре каммасраф аст, ба қувваи барқ пайваст карда, аз бачаҳо пурсон мешавад, ки кадоме аз ин лампаҳо равшантар ва гармтар аст?



Бачаҳо дар ҷавоб лампаи тафсонро интихоб менамоянд. Барои боварӣ ҳосил кардан, омӯзгор бо ёрии амперметр қувваи лампаҳоро месанҷад, ки нишондоди амперметр дар лампаи тафсон зиёдтар нисбат ба каммасраф аст.

Бачаҳои азиз, дар баробари истифода ва сарфаи энергияи электрикиро донистан, бояд аз қоидаҳои техникаи бехатарӣ огоҳ бошем. Инак, саҳнача дар иҷрои хонандагон. Барои намоиш додани саҳнача хонандагон ба назди тахтаи синф даъват карда мешаванд.

**Мафҳуми саҳнача чунин аст:**

**Хонандаи 1.** Вақте ки писар дар болои манқали электрӣ чойникро гузоштан мехоҳад, ба ӯ қувваи барқ таъсир мекунад ва ба падараш мегӯяд, ки падарҷон, маро қувваи барқ зад.

**Хонандаи 2.** Дар дасташ дастпӯшаки резиниро мепӯшад ва чойникро ба болои манқали барқӣ мегузорад.

**Хонандаи 1.** Падарҷон, барои чӣ ба шумо қувваи барқ таъсир накард?

**Хонандаи 2.** Барои он ки писарам, ман дар дастам дастпӯшаки резинӣ доштам. Резин ба диэлектрикҳо дохил мешавад ва қувваи баркро намегузаронад. Ҳамчунин, сабаби таъсири қувваи барқ ба ту, шояд дар манқали электрӣ расиши кӯтоҳ ба амал омада бошад. Онҳо бо ҳам таҷҳизоти барқиро таъмир мекунанд.

Баъдан омӯзгор доир ба диэлектрикҳо ва расиши кӯтоҳ ба хонандагон маълумот дода, мавзуъро ҷамъбаст мекунад.

**Мустаҳкамкунӣ:**

1. Энергияи электрикиро дар куҷо истеҳсол мекунанд?
2. Кадом намуди неругоҳҳоро медонед?
3. Дар ҷумҳурии мо аз кадом намуди неругоҳҳо бештар истифода мебаранд?
4. Энергияи электрикиро дар куҷо истифода мебаранд?

**Арзёбӣ:**




**"Аҳаммияти техникаи барқӣ дар рӯзгор"**

**Супориши хонагӣ:** Хондан аз саҳифаи 162 то 164, иҷрои машқҳои 417, 418, 419 (Р), навиштани 10-то формула.

**Эълони баҳо:** Бачаҳо, дар дарси имрӯза ҳамаи шумо фаъол будед, офарин. Дар раванди дарс бартарияти шумо аз ҳамдигар дида мешуд. Аз ҳамин сабаб баҳои шуморо нисбатан мегузорем.

| р/т | 5 | 4 | 3 | 2 | 1 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |

Бояд таъкид намоем, ки дарси мавриди назар аз ҷониби муаллиф дар амал татбиқ гардидаву аз чараёни он аксҳо барои навиштаи мазкур истифода шудаанд.

**Абзал ОДИНАЕВ,**
**омӯзгори физика ва математика,**
**Фирдавс РАҶАБОВ,**
**омӯзгори математика ва информатикаи**
**Мактаб-интернати №5 барои кӯдакони имконияташон**
**маҳдуди шаҳри Душанбе**

# НАМУНАИ МИСОЛҲО БАРОИ ИШТИРОКДОРОНИ ОЗМУН

Озмуни ҷумҳуриявии "Илм-фурӯғи маърифат" соли чорум аст, ки дар Тоҷикистон баргузор шуда, алоқамандони зиёд дорад. Дар поён мо намунаи мисолҳоеро пешкаш менамоем, ки дар озмуни охирин барои дӯстдорони математика пешниҳод шуда буд. Мисолҳои зеринро барои иштирокдорони навбатии озмун ҳамчун намуна тавсия медиҳем.

**1.** Узви нуҳуми прогрессияи арифметикии $(b_n)$-ро ёбед, агар $b_3 + b_{15} = 30$ бошад.

A) 10 B) 15 C) 20 D) 30

**Ҳал:**

$b_3 + b_{15} = 30$, $b_3 = b_1 + 2d$, $b_{15} = b_1 + 14d$, $b_9 = b_1 + 8d$, $b_1 + 2d + b_1 + 14d = 30$, $2b_1 = 30 - 16d$ ба 2, $b_1 = 15 - 8d$, он гоҳ $b_9 = b_1 - 8d = 15 - 8d + 8d = 15$.

**Ҷавоб:** B) 15.

**2.** Адади x -ро аз таносуби $x : 15 = 8 : 24$ ёбед.

A) 4 B) 5 C) 7 D) 8

**Ҳал:**

$x : 15 = 8 : 24$, $x \cdot 24 = 15 \cdot 8$, $24x = 120$, $x = 120 : 24$, $x = 5$.

**Ҷавоб:** B) 5.

**3.** Муодиларо ҳал кунед: $x^2 - (x+1)(x+6) = -5$.

A) $\frac{1}{7}$ B) $\frac{2}{7}$ C) $-\frac{1}{7}$ D) $\frac{3}{7}$ E) $-\frac{2}{7}$

**Ҳал:**

$x^2 - (x+1)(x+6) = -5$, $x^2 - (x^2 + 6x + x + 6) = -5$,

$x^2 - x^2 - 6x - x - 6 = -5$, $-7x - 6 = -5$, $-7x = 1$, $x = -\frac{1}{7}$.

**Ҷавоб:** C) $-\frac{1}{7}$.

**4.** Системаро ҳал кунед: $\begin{cases} x = 2(1-2y) \\ y - 5 = 2x \end{cases}$

A) (2; 1) B) (−2; 1) C) (2; 2) D) (2; 3) E) (−2; −1)

**Ҳал:**

$$\begin{cases} x = 2(1-2y) \\ y - 5 = 2x \end{cases} \Rightarrow \begin{cases} x = 2(1-y) \\ y - 5 = 2 \cdot 2(1-2y) \end{cases} \Rightarrow$$

$$\Rightarrow \begin{cases} x = 2(1-y) \\ y - 5 = 2 \cdot 2(1-4y) \end{cases} \Rightarrow \begin{cases} x = 2(1-y) \\ y - 5 = 4 - 8y \end{cases} \Rightarrow$$

$$=>\left|\begin{array}{l} y-5=4-8y \\ y+8y=4+5 \\ 9y=9 \\ y=9:9 \\ y=1 \\ x=2\cdot(1-2y)\ \text{ва}\ y=1 \\ x=2\cdot(1-2\cdot1) \\ x=2\cdot(1-2) \\ x=2-4 \\ x=-2 \end{array}\right. => \begin{cases} x=-2 \\ y=1 \end{cases}$$

**Ҷавоб:** B) $(-2; 1)$.

**5.** Муодиларо ҳал кунед:

а) $\sqrt{5^x\cdot3^x}=15$

A) 1 B) 2 C) 3 D) 4 E) 5

**Ҳал:**

$\sqrt{5^x\cdot3^x}=1,\ \left(\sqrt{5^x\cdot3^x}\right)^2=15^2,\ 5^x\cdot3^x=225,\ (5\cdot3)^x=225,\ (15)^x=225,$
$15^x=225,\ 15^x=15^2,\ x=2.$

**Ҷавоб:** B) 2.

б) $\pi^{\log_\pi 4x}=2^{3+\log_2 3}$.

A) 2 B) 3 C) 4 D) 5 E) 6

**Ҳал:**

$\pi^{\log_\pi 4x}=2^{3+\log_2 3},\ \pi^{\log_\pi 4x}=2^3\cdot2^{\log_2 3},\ \pi^{\log_\pi 4x}=8\cdot2^{\log_2 3},$
$4x=8\cdot3,\ 4x=24,\ x=24:4,\ x=6.$

**Ҷавоб:** E) 6.

**6.** Муодиларо ҳал кунед: $\left(\frac{2}{3}\right)^x\cdot\left(\frac{9}{8}\right)^x=\frac{27}{64}$.

A) 3 B) 2 C) 1 D) 5 E) 4

**Ҳал:**

$\left(\frac{2}{3}\right)^x\cdot\left(\frac{9}{8}\right)^x=\frac{27}{64},\ \left(\frac{2}{3}\cdot\frac{9}{8}\right)^x=\frac{27}{64},\ \left(\frac{3}{4}\right)^x=\frac{3^3}{4^3}=\left(\frac{3}{4}\right)^3,\ \left(\frac{3}{4}\right)^x=\left(\frac{3}{4}\right)^3,\ x=3.$

**Ҷавоб:** A) 3.

**7.** Муодиларо ҳал кунед: $5^{x-4}=6^{x-4}$.

A) 1 B) 2 C) 3 D) 4 E) 5

**Ҳал:**

$5^{x-4}=6^{x-4},\ \frac{5^x}{5^4}=\frac{6^x}{6^4},\ 5^x\cdot6^4=5^4\cdot6^x,\ \frac{5^x\cdot6^4}{6^x}=\frac{6^x\cdot5^4}{6^x},\ \left(\frac{5}{6}\right)^x\cdot6^4=5^4.$
$\left(\frac{5}{6}\right)^x\frac{5^4}{6^4}=\left(\frac{5}{6}\right)^4,\ \left(\frac{5}{6}\right)^x=\left(\frac{5}{6}\right)^4,\ x=4.$

**Ҷавоб:** D) 4.

**8.** Ҳисоб кунед: $2^{4\log_2 3-1}$.

A) 30 B) $30\frac{1}{2}$ C) $40\frac{1}{2}$ D) 40 E) 41

**Ҳал:**

$2^{4\log_2 3-1}=2^{4\log_2 3^4}\cdot2^{-1}=2^{\log_2 81}\cdot2^{-1}=81\cdot2^{-1}=\frac{81}{2}=40\frac{1}{2}.$

**Ҷавоб:** C) $40\frac{1}{2}$.

**9.** Сода кунед: $\frac{\sin^2\alpha}{1+\cos\alpha}+\frac{\sin^2\alpha}{1-\cos\alpha}$.

A) 6 B) 5 C) 4 D) 2 E) 3

**Ҳал:**

$$\frac{\sin^2\alpha}{1+\cos\alpha}+\frac{\sin^2\alpha}{1-\cos\alpha}=\frac{\sin^2\alpha\cdot(1-\cos\alpha)+\sin^2\alpha\cdot(1+\cos\alpha)}{(1+\cos\alpha)(1-\cos\alpha)}=$$

$\frac{\sin^2\alpha-\sin^2\alpha\cdot\cos\alpha+\sin^2\alpha+\sin^2\alpha\cdot\cos\alpha}{1-\cos^2\alpha}=\frac{2\sin^2\alpha}{\sin^2\alpha}=2$, ки дар он

$\sin^2\alpha+\cos^2\alpha=1$ ва $\sin^2\alpha=1-\cos^2\alpha$ мешавад.
**Ҷавоб:** D) 2.

**10.** Муодиларо ҳал кунед: $\mathrm{tg}^2\,x-4\,\mathrm{tg}\,x=0$.
A) $\frac{\pi n}{3}$ B) $\frac{\pi n}{2}$ C) $\mathrm{arctg}\,4+\pi n$ D) $\pi n$ E) $\pi n, \mathrm{arctg}\,4+\pi n$
**Ҳал:**
$\mathrm{tg}^2\,x-4\,\mathrm{tg}\,x=0$. Ҳар ду тарафи муодиларо ба $\mathrm{tg}\,x$ тақсим мекунем, он гоҳ
$\frac{\mathrm{tg}^2\,x}{\mathrm{tg}\,x}-\frac{4\,\mathrm{tg}\,x}{\mathrm{tg}\,x}=\frac{0}{\mathrm{tg}\,x}$, $\mathrm{tg}\,x-4=0$, $\mathrm{tg}\,x=4$, $x=\mathrm{arctg}\,4+\pi n$ мешавад.
**Ҷавоб:** C) $\mathrm{arctg}\,4+\pi n$ .

**11.** Масоҳати фарши хона 12 м 45 дм$^2$ аст. Онро бо метрҳои квадратӣ ифода кунед.
A) 1,245 м$^2$ B) 12,45 м$^2$ C) 124,5 м$^2$
**Ҳал:**

$$12\text{ м }45\text{ дм}^2=12\text{ м}^2+45\cdot\left(\frac{1}{10}\right)^2\text{ м}^2=12\text{ м}^2+45\cdot\frac{1}{10}\text{ м}^2=12\text{ м}^2+\frac{45}{100}\text{ м}^2$$

$=12\text{ м}^2+0{,}45\text{ м}^2=12{,}45\text{ м}^2$.
**Ҷавоб:** B) 12,45 м$^2$.

**12.** Усто ва шогирд 800 асбоб сохтанд. Шогирд 25% - и асбобҳоро сохтааст. Шогирд чанд дона асбоб сохтааст?
A) 150B) 200 C) 250
**Ҳал:**
$x=\frac{800\cdot25}{100}=\frac{20000}{100}=200$ ё

$800=100\%$
$x=25\%$
$800\cdot25\%=100\%\cdot x$

$$x=\frac{800\cdot25}{100}=\frac{20000}{100}=20$$
**Ҷавоб:** B) 200.

**13.** Дар синф 17 писар ва 8 духтар мехонад. 20%-и шумораи умумии хонандагони синф чанд нафар аст?
**Ҳал:**
A) 5 B) 6 C) 8
25 н = 100%,
$x=20\%$
25 н $\cdot$ 25% = 100% $\cdot$ x

$x=\frac{25\cdot20}{100}=\frac{500}{100}=5$ н, пас 20%-и хонандаи синф 5 нафарро ташкил медиҳад.
**Ҷавоб:** A) 5.

**Аслинисо КАСИРОВА,**
**омӯзгори калони кафедраи химияи органикӣ ва биологии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**



# БАНАҚШАГИРИИ ДАРС ДАР МАВЗУИ «СПИРТҲО»

Методикаи таълими химия яке аз илмҳои педагогӣ буда, мазмун, мундариҷа, вазифаҳои фанни химия ва қонуниятҳои азхудкунии онро меомӯзад. Моҳияти методикаи таълими химия ҳамчун илм аз он иборат аст, ки қонуниятҳои омӯзиши химияро муайян менамояд. Он аз мақсади таълим, мундариҷа, методҳо, воситаҳо, фаъолияти муаллим ва талабагон таркиб ёфтааст. Вазифаи методикаи таълими химия аз он иборат аст, ки он роҳҳои мўътадили аз тарафи хонандагони мактаби умумӣ аз худ кардани далелҳо, мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳоро дар асоси хусусиятҳои ба химия хос муайян менамояд. Бо ин мақсад, мо дар мавзуи «Спиртҳо» дарси зеринро (барои синфҳои 10) нашр менамоем. Умедвор ҳастем, ки барои омӯзгорони ҷавон ҳамчун маводи методӣ хидмат мекунад.

**Мақсади дарс:**

• Пайдо намудани маълумот оид ба спиртҳо ва аҳаммияти онҳо.

• Муайян кардани формулаҳои умумии спиртҳо.

• Хосиятҳои физикӣ ва химиявии гурӯҳбандӣ кардани спиртҳо.

**Эҷодкорӣ:**

Маҳорати таҳияи ягон чизи нав, мустақилона пайдо кардани роҳҳои ғайримаъмулии ҳал дар масъалаҳои нав, тахайюлпазирӣ ва образнокии фикрронӣ, ҳамгиро кардани усулҳои маълуми фаъолият бо фаъолиятҳои нав, ҳалли комилан нави вазъияти проблемавӣ, ки ба ақидаҳои нав ва кашфиёт боис мешаванд.

Мавзуи спиртҳоро дида мебароем. Барои гузаронидани мавзуи нав аз ҷадвали зарб истифода мебарем. Ин ҷадвал алоқамандии фанни химия ва математикаро нишон медиҳад.

5 x 2 = 10 - С

4 x 3 = 12 - П

4 x 2 = 8 - И

5 x 1 = 5 - Р

4 x 1 = 4 - Т

5 x 3 = 15 - Ҳ

6 x 1 = 6 – О




**Нақшаи дарс**

1. Водорнамоӣ

**а) Ангезиши зеҳн:** Ҷамъи ақидаҳо (3 дақиқа).

Дар ин қисмати дарс мо ақидаҳои хонандагонро муайян мекунем ва аз диограммаи Т – нақша истифода мебарем.

Омӯзгор ба хонандагон дар бораи мавзуи "Спиртҳо" суҳбат мекунад. Савол ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Аз диограммаи Т–нақша истифода мебарем. Ин ҳолат саволҳоро пешниҳод мекунем ва ҳар як хонанда ба саволҳои додашуда ҷавоб медиҳад. Масалан, ба фикри шумо:

| Об | монанди | спирт |
|---|---|---|
| $H_2O$ ширин моеъ газ сахт оби шӯр намесӯзад оби ширин | моеъ газ | $C_nH_{2n+1}OH$ тунд моеъ газ тез бухоршаванда меомӯзад захрнок |

Дар диограммаи истифодабурдаамон хонандагон дар бораи обу спирт - фаркият ва монандӣ, инчунин, формуларо муқоиса мекунанд.

**б) Супориш ба хонандагон дар шакли кори гурӯҳӣ:** фаъолгардонии донишҳои мавҷуда, бунёди вазъияти ҷустуҷӯӣ, баркарорсозии алоқамандиҳо бо мавзуъҳои гузашта (6 дақиқа).

***Супориш:***

а) Спирт чист?

б) Формулаи умумии спирт.

в) Спиртҳо чанд намуд мешаванд?

г) Спиртҳо чандатома мешаванд?

д) Бори аввал спиртро кӣ кашф намудааст?

е) Атомнокии спиртҳоро чӣ гуна муайян мекунанд?

ж) Дар таркиби спиртҳо кадом гурӯҳи функсионалӣ буда метавонад?

з) Спиртҳо аз рӯйи таркиб ба кадом пайвастагиҳои органикӣ дохил мешаванд?

Гурӯҳҳо дар бораи саволҳои пешниҳодшуда ҷавобҳои донистаи худро мегӯянд.

Пас аз 3 дақиқа омӯзгор мулоҳизаронӣ гузаронида, бо хулосаҳои асосӣ натиҷаҳои кори гурӯҳҳоро ҷамъбаст менамояд.

**2. Даркнамоӣ:** Саволҳо барои таҳлил имкон медиҳанд, ки сохтори том фаҳмо гардад, алоқамандии байни қисматҳо ошкор гардад, маълумотҳо арзёбӣ шаванд (3 дақиқа).

**Саволҳои фронталӣ:**

а) Спиртҳо аз чӣ таркиб ёфтаанд? (формула).

б) Спирт кадом хосияти физикӣ ва химиявиро дорост? (реаксияҳо).

в) Спиртҳо аз рӯйи таркиб ба кадом пайвастагиҳои органикӣ дохил мешаванд?

г) Шарҳи тарифи спиртро аз рӯйи формула.

д) Аз рӯйи формулаҳои умумӣ спиртҳоро ҳосил карда тавонистан.

е) Навиштани реаксияҳои химиявӣ (усули истеҳсол ё хосиятҳои химиявӣ) (6 дақиқа).

Хондани матни мавзуи «Спиртҳо, саҳифаҳои 151 - 171».

ё) Татбиқи донишҳои нав: аз худ кардани тарзҳои нави фаъолият.

**Кори гурӯҳӣ:** Аҳли синф ба гурӯҳҳои хурд ҷудо карда мешаванд.

**Супориш:** Формулаҳои спиртҳоро дар ҷадвал ҷой диҳед.

| Спиртҳои якатома | Спирти дуатома | Спирти сеатома | Спирти бисё ратома |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

1) Формулаҳои спиртҳои якатома: метанол, этанол, пропанол, бутанол ва пентанол.

2) Формулаҳои спиртҳои дуатома: этилен, гликол.

3) Формулаҳои спиртҳои сеатома: глитсерин.

4) Формулаҳои спиртҳои бисёратома: глюкоза, фруктоза, рибоза ва дезоксирибоза.

в) Пурра кардани тасаввурот ва амалҳо:

**Муаррифии корҳои гурӯҳӣ (12 дақиқа).**

**3. Мулоҳизаронӣ.**

**а) Татбиқи дониш ва малакаҳо дар гурӯҳҳо** (8 дақиқа).

Супориш барои кор: Дар бораи ҳар як спирт, усули ҳосилкунии реаксияҳои химиявӣ навишта, маълумоти зарурии тахминан 4-5 реаксияро иншо намоед.

**б) Робитаи мутақобил** - ҷамъбасти натиҷаҳо.

Рефлексия: якдигарбаҳодиҳӣ, таҳлили таҷриба ва малакаҳои андӯхтаи якдигар (арзёбии фаъолияти гурӯҳҳо ба якдигар) (5 дақиқа ).

**ХИМИЯ**

**Арзёбии фаъолияти гурӯҳи №1 аз тарафи гурӯҳи №4**

| Меъёри баҳо | дараҷаи баҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | аъло | хуб | қ/б | ғқ/б |
| Муаррифии маълумотҳо дар бораи спиртҳо ва атомнокии спиртҳо | | | | |
| Реаксияҳои усули ҳосилкунии спиртҳо | | | | |
| Реаксияҳои хосиятҳои химиявии спиртҳо | | | | |
| Ороиши муаррифиҳои гурӯҳи №1 | | | | |

**Эзоҳ:** Ба ҳар як гурӯҳ 5 варақа дода мешавад ва як гурӯҳ ба 5 гурӯҳи дигар баҳо дода, арзёбии кардаашонро ба нишонии гурӯҳҳо пешниҳод менамоянд. Ҳар як гурӯҳ аз тарафи 5 гурӯҳи дигар арзёбӣ карда мешавад.

**в) Супориши вазифаи хонагӣ: (2 дақиқа)**.

1) Дар асоси матн аз саҳифаҳои 151 - 171 реаксияҳо ва масъалаҳои додашуда, мисол ҳал намоед.

2) Дар бораи аҳаммият ва зарари спиртҳои интихоб кардаатон Эссе нависед.

а) Усулҳои ҳосилшавии спиртҳоро бо реаксияҳои химиявӣ навишта, нишон диҳад.

б) Хосиятҳои химиявии спиртҳоро бо реаксияҳо дар озмоишгоҳ нишон диҳед.

в) Аҳаммияти спирт дар тиб чӣ гуна аст?

**Эзоҳ:**

| **Натиҷаи омӯзиш** | **Салоҳиятҳои хонандагон** |
|---|---|
| Хонандагон дар гурӯҳҳо кор карда метавонанд. | -ҳамкорӣ |
| Озодона фикру андешаи худро баён карда метавонанд. | -демократӣ |
| Натиҷаҳои коркарди маълумотро матнӣ (нақл) ва дар ҷадвалҳо омода карда метавонанд. | -эҷодкорӣ |
| Барои беҳтар ва пурмазмун ҷамъбаст ва муаррифии омӯзишҳояшон кӯшиш намуда, малакаҳояшонро сайқал медиҳанд. | -эҳсоси масъулият дар ҳалли мушкилот |
| Таҷриба ва малакаҳои якдигарбаҳодиҳӣ, таҳлили таҷриба ва малакаҳои андӯхтаи якдигарро ташаккул медиҳанд. | -ҳамкорӣ<br>-иҷтимоӣ |
| Малакаҳои хонандагон оид ба мавзуи таҷриба шакл меёбад. | натуралистӣ |

Омӯзгор варақаҳоро ҷамъ оварда, пас аз дарс натиҷаҳои татбиқи дониш ва малакаҳо дар гурӯҳҳоро таҳлил намуда, арзёбӣ менамояд. Барои дарсҳо ва фаъолияти оянда самтҳоро муайян менамояд.

**Салоҳиятҳои зарурии омӯзгор**

**• Маҳорати ташкил, гузаронидан ва назорати фаъолияти ҳамкории хонандагон.**

**• Қобилияти ташкили фазои эҷодии хонандагон.**

**• Салоҳияти ҳамкории омӯзгорӣ дар дарс.**

**• Салоҳияти эҷодкорӣ.**

**• Салоҳияти машваратдиҳӣ ва роҳбаладӣ ба хонандагон.**

**• Қобилияти муошират бо гурӯҳҳо.**

**• Қобилияти идоракунии вақт.**

**• Салоҳияти арзёбӣ ва таҳлил карда тавонистани натиҷаҳои кор ва салоҳияти хонандагон аз натиҷаҳои дарсҳо ва раванди таълим.**

**• Салоҳияти муайян кардани вазифаҳои наздик ва дурнамои таълим.**

Бо чунин раванд дарси мазкур хатм шуда, барои ташаккул ва таҳрики донишҳои химиявии хонандагон шароити созгорро муҳайё месозад.

**Б. ҲАЙДАРОВ,**
**мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# УСУЛИ ТАЪЛИМИ МАНЗУМАИ «ДУХТАРИ МУҚАДДАС»-И МИРЗО ТУРСУНЗОДА



Дар Барномаи таълимии адабиёти тоҷик дар синфҳои 5-11 (нашри соли 2007) барои таълими шеърҳои Мирзо Турсунзода-«Интизорӣ» (порча аз достони «Чароғи абадӣ»), «Сайёҳи Ҳинд», «Меҳмони мағрибӣ» ва «Духтари муқаддас» дар синфи 5-ум 5 соат пешбинӣ шудааст. Ба хотири дастгирии омӯзгорон ва мукаммал намудани маводи таълимӣ тасмим гирифтем, ки тарзи таълими манзумаи «Духтари муқаддас»-ро пешкаши онҳо гардонем.

Мақсади таълими манзумаи «Духтари муқаддас» дар синфи 5-ум хонандагонро бо симои яке аз муборизони роҳи озодӣ, сулҳу адолат, духтари далеру ҷасур, нотарсу дар ақидаи худ устувор шинос намудан аст.

**Салоҳиятҳо:**

-хонандагон тавассути хондани манзума тарзи дуруст ва бехато қироати шеърро меомӯзанд;

-ҳангоми хондан ба задаи ҳиҷоӣ ва задаи мантиқӣ риоя мекунанд;

-мазмуни матнро дарк мекунанд;

-асари бадеиро таҳқиқ, таҳлил ва арзёбӣ карда метавонанд;

-ба симои асосии манзума пайравӣ карда, ба рафтору фаъолияти ӯ баҳо доданро ёд мегиранд;

- аз мазмуни достон хулосаи мантиқӣ баровstatic, донишу ҷаҳонбинии худро рушд медиҳанд.

**Мақсади дарс:**

1.Рушд додани маҳорати шеърхонии хонандагон.

2.Шинос намудани хонандагон ба рафтору корномаи қаҳрамон.

3.Тавассути манзума бедор намудани завқи бадеии шогирдон.

4.Тарбия намудани хонандагон дар руҳияи инсондӯстӣ, сулҳхоҳӣ, хушахлоқӣ ва дар ақидаи худ устувор будан дар шабеҳи қаҳрамони асар.

**Маводи таълимӣ:** китоби дарсӣ, портрет ва осори шоир, харитаи сафарҳои ӯ ва харитаи сиёсии ҷаҳон.

Омӯзгор, пеш аз он ки ба хониши намунавӣ оғоз намояд, калимаҳои душворфаҳми онро, ки дар поварақи китоби дарсӣ нестанд, шарҳ медиҳад: муқаддас, шафақ, иблис, саҳоб, шиква, аҷз, адл, уд, қути лоямут, нидо, уфуқ, ҷидол, илқо ва даҳр. Дар шарҳу эзоҳи калимаҳо ӯ метавонад аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (иборат аз ду ҷилд) ва «Фарҳанги мухтасари мактабӣ» (мураттиб: С.Аминов) самаранок истифода барад. Ин тартиби кор, аз як тараф, ба дарки мазмуни матн ва нақли батафсили он кумак расонад, аз тарафи дигар, захираи луғавии хонандагонро ғанӣ мегардонад. Бо ин васила, нутқи шифоҳии хонандагон рушд ёфта, дар доираи забони адабӣ баён намудани мазмуни матни бадеӣ мусоидат менамояд.

Омӯзгор имкон дорад, дар аввал диққати аҳли синфро ба таърихи таълифи манзума ва

фарқияту умумияти байни ҳикояи Н.Тихонов ва достони «Духтари муқаддас»-и М.Турсунзода ҷалб намояд.

«Духтари муқаддас» яке аз манзумаҳои беҳтарини дар мавзуи сулҳу дӯстӣ ва иттиҳоду озодӣ навиштаи устод Турсунзода буда, қаҳрамони он як духтари ҳиндуе мебошад, ки аз ҳукми падару модар сар тофта, баъд аз хатми мактаб вай як пӯсти паланг ва як пӯсти бабрро гирифта, китобҳои даркорӣ ва баъзе чизҳои худро печонида аз хона берун рафт. Ниҳоят ба Кашмир омад ва ғореро бахри худ манзил интихоб кард. Дар ин ҳолат омӯзгор аз як шогирдаш хоҳиш мекунад, ки аз харитаи сиёсии ҷаҳон ба ҳамсабақони худ Кашмирро нишон диҳад ва бо ин васила, алоқаи байни фанҳоро таъмин менамояд.

Оқибат дар ғор нишастан ба дили духтар мезанаду ба ҷустуҷӯйи адолат ва ҳақиқат мебарояд. Омӯзгор барои исботи андешааш порчаи шеъриро ҳамчун намуна ифоданок қироат мекунад:

**Духтари ҳиндӣ адолатхоҳ шуд,**
**Аз баду неки ҷаҳон огоҳ шуд.**
**Ҷустуҷӯ мекард он инсофро,**
**Осмони софу кӯҳи Қофро.**
**Олами аз шӯру ғавғо покро,**
**Рӯҳпарвар, тозаву тар хокро.**

Вақте ки ӯ дар ҷустуҷӯйи кути лоямуте мамлакатро гаштугузор мекард, бо мардумони сулҳҷӯ, сулҳдӯсту сулҳпарвар, амниятхоҳу амниятталаб ва инсонпарвар вомехӯрад, ки:

**Одамон дар коғаз имзо мекунанд,**
**Сулҳро ташвиқу илқо мекунанд.**
**Сулҳ - мегуфтанд, ки - омоли мост,**
**Навбаҳори чор фасли соли мост.**

Ҳамин саъю ҷадалу талоши мардум бахри пойдории сулҳ, озодию бахти башар омили ҳалкунанда гардид, ки духтари ҳиндиро аз гӯшаи ибодатхона берун оварду ба ҳаракати муборизони сулҳу роҳи озодӣ ва саодати кулли башар-мардумони олам ҳамроҳ кард, сулҳдӯсту озодихоҳ шуд.

Омӯзгорро лозим аст, ки ҳангоми ифоданок хондани манзумаи мазкур шогирдонро ба он одат кунонад, ки ба тарзи хониши ӯ ва рафиқони худ бодиққат гӯш диҳанд, то ки пастию баландии овозро аз оҳанги вай ҳис карда тавонанд.

Ниҳоят муҳим аст, ки ҳангоми хондани матни достон аз тарафи ин ё он хонанда, аҳли синф тарзи хониши ӯро бо зеҳни тамом мушоҳида намуда, ғалатҳояшро ба таври ҷиддӣ эзоҳ дода, ислоҳ намоянд, вагарна дарси хониши адабӣ моҳияти худро гум мекунад ва хонандагон аз қонуну қоидаҳои санъати хониши ифоданок баҳраманд намегарданд. Яъне, омӯзгор чи дар ин дарс ва чи дар дарсҳои минбаъда, хониши бошууронаро ба роҳ монад, ки мақсади он дарк кардани мазмуни асари бадеӣ, буррою ифоданок хондани он ва баҳо додан ба хислату рафтору кирдори қаҳрамони асар аст. Бо ин васила, дар шогирдон эҳсосот, шавқу завқ ва ҳаяҷон бедор карда мешавад. Шарти асосӣ хонанда матнро бо овози баланду ифоданок хонаду худ мазмуни онро дарк намуда, ифоданок дар доираи меъёрҳои забони адабӣ онро гуфта тавонад, аз тарафи дигар, шунавандагон-ҳамсинфонаш аз қироати ӯ лаззат баранду ба ваҷд оянд, ҳисси маънавию завқи ботинӣ ва руҳияи зебоипарастии худро рушд диҳанд. Дар натиҷа завқи бадеии хонандагон, таваҷҷуҳи онҳо нисбат ба мутолиаи адабиёти бадеӣ боз ҳам афзуда, дар замири онҳо хислатҳои хуби инсонӣ-далерӣ, шуҷоатмандию ростқавлӣ, меҳнатдӯстӣ ва поквиҷдонӣ ташаккул меёбад.

Пас аз дуруст ба роҳ мондани қироати манзумаи мазкур шогирдон дарк мекунанд, ки дар манзума лаҳзаҳои асосии саргузашти ҳиндудухтар ба таври реалӣ тасвир ёфтааст. Яъне, ба ҷустуҷӯи ҳақиқату адолат баромаданаш, аз назари мардум худро дар канор гирифтанаш, таҳсилро идома додану аз дигар сарчашмаҳо дониш андӯхтанаш ва ниҳоят, ба сафари шаҳру вилояту кишварҳо сафар карданаш пурра нишон дода шудааст.

Омӯзгор ба хотири пурра нишон додани симои қаҳрамони асосии асар илова мекунад, ки ҳамин сулҳхоҳӣ ва сулҳдӯстию адолатхоҳии духтари ҳиндӣ ӯро ба мамлакатҳои

гуногун мебарад, ба халқҳои мухталиф ошно мекунад. Ҳатто, дар Конгресси муҳофизони сулҳ дар Вена (соли 1952) ҳамчун вакили занони муқаддаси ҳиндӣ ширкат меварзад ва дар Маскав меҳмон низ мешавад. Ҳиндудухтар пойтахти собиқ Иттиҳоди Шуравиро на танҳо бо чашми худ, балки аз диди халқи худ, бо чашмони тамоми сулҳхоҳони ҷаҳон мебинад.

Бо мақсади мустаҳкам кардани мавзуи нав ва санҷиши донишу малакаю маҳорати хонандагон ва муттаҳид намудани онҳо, омӯзгор хуб мешавад, кори гурӯҳиро ба роҳ монад, чунки ин натиҷаи хуб дода метавонад.

**Кори гурӯҳӣ**

**Гурӯҳи якум.** Сабабҳои сарсонию саргардонӣ ва ба ҷустуҷӯи адолат баромадани ҳиндудухтар.

**Гурӯҳи дуюм:** Аз матни достон тасвири манзараҳои Кашмирро ёфта нависед.

**Гурӯҳи сеюм:** Манзумаро мувофиқи мазмун ба қисмҳо ҷудо намоед ва ба ҳар як қисм сарлавҳаи мувофиқ гузоред.

**Гурӯҳи чорум:** Сабаби муқаддас эълон кардани духтари ҳиндиро шарҳ диҳед.

Бояд гуфт, ки кори гурӯҳӣ ба хонандагон дониши тайёр намедиҳад, балки онҳоро маҷбур мекунад, ки дар атрофи масъала фикр кунанд, андешаи якдигарро ба инобат гиранд, дар ёфтани роҳи беҳтарини ба даст овардани дониш ва ҳалли супориши додашуда, ки боиси инкишофи шахсият мегардад, ҳамкорӣ намоянд. Яъне, дар якҷоя амал намудани хонандагон имкон медиҳад, ки фикррониии онҳо ташаккул ёбад, андешаашонро озодона баён карда тавонанд ва эҷодкор бошанд.

Пас аз шунидани андешаю арзёбии сардорони гурӯҳҳо ва ҷамъбасти кори онҳо, омӯзгор бо мақсади фаҳмишу дониши хонандагон, тақвияти маҳорати онҳо пур кардани ҷадвали зеринро вазифаи хонагӣ месупорад:

| **Аз дарс чиро ба хотир гирифтам?** | **Чиро фаҳмидам ва баррасӣ карда метавонам?** | **Чӣ ба ман маъқул шуд ва шавқи маро бедор кард?** |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

Омӯзгор бояд дар назди хонандагон пайваста вазифаю супоришҳои нав ба нави амалии вобаста ба мавзуъ супорад, ки онҳоро ҷиҳати ба хотир овардани мавзуи дарс ва ба ҷустуҷӯи эҷодӣ ҳидоят карда тавонад. Муаллим мебинад, ки шогирдонаш ҷадвали болоро дуруст пур кардаанд, аз ин рӯ, аз натиҷаи дарси дирӯза худро қаноатманд ҳис мекунад.



**Резагул БУРҲОНОВА,**
**омӯзгори математикаи Гимназияи №1**
**барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**

# АЗ ТАҲТИ АЛОМАТИ РЕШАИ КВАДРАТӢ ОЗОД КАРДАНИ АДАД

Дар курси алгебраи синфи 8-ум хонандагон ба мавзуъҳои решаи арифметикӣ, решаи квадратӣ, аз таҳти аломати реша баровардани адад, ба таҳти аломати реша дохил кардани адад, решаи квадратӣ аз ҳосили зарб, решаи квадратӣ аз каср ва аз таҳти аломати реша тақрибан баровардани адад шиносоӣ пайдо мекунанд.

Барои дуруст омӯхтани мавзуи решаҳо ба хонандагон тавсия дода мешавад, ки хосиятҳои дараҷа, амалҳо бо аломатҳои арифметикӣ ва пайдарҳамии ҳамаи мавзуъҳои гузаштаро барқарор кунанд.

**Алгоритми аз решаи квадратӣ баровардани адади натуралӣ**

Аксар вақт ҳангоми ҳал кардани муодилаҳои квадратӣ лозим меояд, ки адади натуралиро аз решаи квадратӣ барорем. Алгоритми аз решаи квадратӣ баровarданро мавриде меорем, ки адади таҳти аломати решаи квадратӣ адади натуралӣ мебошад. Бигзор **√33489**-ро ҳисоб кардан лозим бошад. Адади **33489**-ро аз рост ба чап ба гурӯҳи рақамҳо (дурақамӣ) ҷудо мекунем:

**33 489**

Адади калонтаринеро меёбем, ки квадраташ аз рақами дар гурӯҳи якум калон набошад, ки он адади 1 аст. Онро дар ҷавоб менависем. Воҳидро ба квадрат бардошта, онро аз адади 3 тарҳ мекунем. Дар паси фарқи ҳосилшуда гурӯҳи дуюми рақамҳоро менависем. Адади **234** ҳосил мешавад.

Адади дар ҷавоб навишташударо, дар мисоли мо он як аст, дучанд карда, дар тарафи рости рақами ҳосилшуда чунин адади калонтаринеро менависем, ки ҳосили зарби адади дурақама бо ин рақам аз **234** калон нашавад. Дар мисоли мо ин рақам **8** аст:

$$28\cdot 8 = 224 < 234$$

Рақами **8**-ро дар паси адади **1**-и ҷавоб менависем. Аз адади **234** адади **224**-ро тарҳ карда, дар паси ҳосили тарҳи ҳосилшуда гурӯҳи охирини рақамҳоро менависем. Адади **1089** ҳосил мешавад.

Адади дар ҷавоб навишташударо - дар мисоли мо 18, дучанд карда, дар тарафи рости он - дар мисоли мо 36, чунин рақами калонтаринеро менависем, ки ҳосили зарби адади серақамаи ҳосилшуда ва рақами навишташуда аз адади **1089** калон нашавад. Дар мисоли мо ин рақам **3** аст:

$$363\cdot 3 = 1089$$

Рақами **3**-ро дар ҷавоб менависем: Амали аз решаи квадратӣ баровардани адад ба охир расид:

$$\sqrt{33489} = 183$$

Одатан, амали баёншудаи аз решабарориро ин тавр менависанд:

$$\sqrt{33489} = 183$$

```
            √ 33489 = 183
             −1
  × 28   |  − 234
     8   |    224
  ---------------
   363   |  − 1089
  ×  3   |    1089
  -----  |  ------
  1089   |       0
```

**Истифода аз ҷадвали квадратии ададҳои бо сифр тамомшаванда**

Тарзи содаи аз решаи квадратӣ озод намудан. Мисол, ададҳоро аз решаи квадратӣ озод намоед. **√2025; √1024; √1764.**

**1.** Барои ин амал квадрати ададҳои даҳиро (ададҳои бо сифр тамомшавандаро) навишта, муайян мекунем, ки адади таҳти решагии мо ба кадоме аз фосилаҳои ададӣ тааллуқ дорад.

**2.** Рақамҳои разрядӣ даҳии онро ба худашон зарб мезанем ва мувофиқи онро, яъне, ададеро интихоб мекунем, ки тамомшавияш ба тамомшавии рақами таҳти решагии мо мувофиқ аст.

**$10^2$=100, $20^2$=400, $30^2$=900, $40^2$=1600, $50^2$=2500.**

**Мисоли 1.** **√2025** ба фосилаи квадратӣ ададҳои **40** ва **50** тааллуқ дорад, пас рақами якуми адади мо **4** низ аст. Мутобиқи шарти **2** аз ҷадвали зарби рақамҳо бармеояд, ки рақамҳои дуюми рақами мо ба **5** баробар аст, зеро **5·5=25** аст. Ҳарду ҷавоби ёфтаамонро байни ҳам навишта,

адади **45**-ро ҳосил мекунем.

Пас, гуфтан мумкин аст, ки решаи квадратӣ аз адади $\sqrt{2025}$ ба адади **45** баробар аст. Яъне:

$$\sqrt{2025} = 45.$$

Аз ҷадвали квадрати ададҳои даҳӣ истифода карда, решаи квадратӣ аз ададҳои $\sqrt{1024}$; $\sqrt{1764}$ -ро ёфтан мумкин аст.

**Аз тахти аломати реша тақрибан баровардани адад**

Дар аксар мавридҳо ҳангоми ҳалли мисолу масъалаҳо ба ададҳои ирратсионалие сари кор мегирем, ки барои осонӣ ва саҳеҳии ҷавоб онҳоро аз реша озод кардан, лозим меояд.

Барои ин амал аз наздиктарин адади пурра аз решаи квадратӣ озод шуда ба квадрат бардоштан лозим аст. Ин тартибро то он замон иҷро кардан зарур аст, ки квадрати адади ба квадрат бардоштаамон бо худи адади таҳти решагӣ мутобиқат кунад ё наздиктарин адад бо он ҳисобида шавад. Қайд кардан зарур аст, ки дар ягон ҳолат адади ба квадрат бардоштаамон аз адади таҳти решагӣ набояд калон шавад, зеро ин бар хилофи қонунҳои баёншуда мебошад.

**Мисоли 1.** Адади $\sqrt{10}$-ро аз реша озод кунед.

Ба монанди ададҳои натуралӣ, ададҳои ирратсионалӣ низ ба зарбшавандаҳо дар таҳти аломати реша ҷудо шуда метавонанд. Аз формулаи решаи квадратии

$\sqrt{ab}=\sqrt{a}\cdot\sqrt{b}$

истифода бурда, мисоли матлубро ба зарбшавандаҳое чун

$\sqrt{10}=\sqrt{5}\cdot\sqrt{2}$

ҷудо мекунем. Аз ҷадвалҳои мисолҳои қаблӣ истифода бурда, қимати тақрибии $\sqrt{10}$-ро меёбем.

Аввал ҷавоби реша аз рақами $\sqrt{2}$-ро меёбем.

$1,1^2=1,21$, $1,2^2=1,44$, $1,3^2=1,69$, $1,4^2=1,96$, $1,5^2=2,25$.

Бинобар он ки квадрати адади **1,5** ба **2,25** баробар буда, он аз адади таҳти решаи матлуб (дар мисоли мо **2**) калон аст, пас ҷавоби интизории мо тақрибан ба **1,4** баробар мешавад, зеро квадрати он наздиктарин адад ба рақами **2** шумурида мешавад. Ин муносибатро дар математика чунин қайд мекунанд:

$$\sqrt{2} \approx 1,4.$$

Аз ҷадвали мисоли 1 маълум аст, ки $2,2^2 = 4,84$ ва он наздиктарин адад ба **5** рақами шумурида мешавад, пас ҷавоби матлуби мо ба **2,2** баробар мешавад. Ин муносибатро дар математика чунин менависанд:

$$\sqrt{5} \approx 2,2.$$

Ҳар ду қисми мисолро ба ҳам зарб зада, ҷавоби асосиро муайян мекунем:

$\sqrt{10} =\sqrt{2}\cdot\sqrt{5} \approx 1,4\cdot 2,2 \approx 3,08 \approx 3,1.$

Қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми ба зарбшавандаҳо ҷудо кардани решаи квадратӣ то охирон имкон онро ба чунон зарбшавандаҳое ҷудо кардан зарур аст, ки аққалан яке аз зарбшавандаҳо пурра аз таҳти реша озод шавад. Дар акси ҳол аз қоидаҳои мисоли **3** истифода мебарем.

**Мисоли 2.** Адади $\sqrt{12}$-ро аз реша озод кунед.

$\{\sqrt{12} = \sqrt{6}\cdot\sqrt{2},\ \sqrt{12} = \sqrt{4}\cdot\sqrt{3},\ \sqrt{12} = \sqrt{2}\cdot\sqrt{6}.$

аз ин зарбшавандаҳо $\sqrt{12} = \sqrt{4}\cdot\sqrt{3}$ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Маълум аст, ки $\sqrt{4} = 2$ мебошад. Ба монанди мисолҳои қаблӣ ҷадвали квадрати ададҳоро тартиб дода, барои $\sqrt{3}$ ҷавоб меёбем; чун квадрати наздиктарин ба рақами **3** аз рақами **1** оғоз мегардад, пас

$1,1^2 = 1,21$, $1,2^2 = 1,44$, $1,3^2 = 1,69$, $1,4^2 = 1,96$, $1,5^2 = 2,25$, $1,6^2 = 1,56$, $1,7^2 = 2,89$, $1,8^2 = 3,24$.

Бинобар он ки квадрати адади **1,8** ба **3,24** баробар буда, он аз адади таҳти решаи матлуб (дар мисоли мо 3) калон аст, пас ҷавоби интизории мо тақрибан ба **1,7** баробар мешавад, зеро квадрати он наздиктарин адад ба рақами 3 шумурида мешавад. Ин муносибатро дар математика чунин қайд мекунанд:

$$\sqrt{3} \approx 1,7$$

Ҳар ду ҷавобро зарб зада, ҷавоби асосии мисолро муайян мекунем.

$$\sqrt{12} = \sqrt{4}\cdot\sqrt{3} \approx 2\cdot 1,7 \approx 3,4.$$

Ба монанди мисолҳои таҳқиққардаамон мисолҳо бисёранд, ки ҳангоми тақрибан баровардани онҳо аз хосиятҳои дараҷа, хосиятҳои решаи квадратӣ, яклухткунии ададҳо ва ҷудокунии имконпазири адад ба зарбшавандаҳо мунтазам истифода бурдан мумкин аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки истифодаи қимати тақрибии реша дар математика на он қадар серистеъмол буда, дар ҳисобҳои физикӣ, химиявӣ ва нуҷум (астрономӣ) зич истифода мешавад.

Мисолҳо барои кори мустақилонаи хонандагон: $\sqrt{20}$, $\sqrt{24}$, $\sqrt{28}$, $\sqrt{30}$.

**Муъмин ҶУМЪАЕВ,**
**омӯзгори мактаби №40-и шаҳри Истаравшан**

# ДАРСИ ХЕШТАНШИНОСӢ: «БОБОҶОН ҒАФУРОВ - ФАРЗАНДИ ФАРЗОНАИ МИЛЛАТ»

Аллома Бобоҷон Ғафуров ҳамчун шахсияти миллӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон ва чеҳраи хидматгузори миллат яке аз инсонҳои саршинос ва таҳкимбахши худшиносии миллӣ барои насли наврасу ҷавони кишвар маҳсуб мешавад. Дар ин нигошта як намунаи дарсӣ дар самти таҳкими худшиносӣ манзур карда мешавад ва боварманд ҳастем, ки барои омӯзгорони ҷавон ҳамчун маводи методӣ метавонад ба кор ояд.

Синф бо расмҳои гуногуни Бобоҷон Ғафуров, китобҳои Бобоҷон Ғафуров ва гуфторҳо дар бораи Бобоҷон Ғафуров оро дода мешавад.

**Мақсади дарс:** ба тимсоли ҳаёт ва фаъолияти Бобоҷон Ғафуров тарбия намудани хонандагон.

**Омӯзгор:** Халқи тоҷик дар ҳазорсолҳо ба шарофати шахсиятҳои мубориэу ҷасур ватандӯсту меҳнатпарвар, донишманд ва бонангу номус тавонистааст, ки ба ганҷинаи таърих ва тамаддуни башар саҳми мондагор гузорад. Яке аз чунин шахсиятҳо фарзанди фарзонаи миллат, академик Бобоҷон Ғафуров мебошад.

Охири дарси гузашта ба гурӯҳҳо вазифаҳои зерин гузошта шуда буд.

Ба гурӯҳи якум супориш дода будем, ки оид ба «Ҳаёт ва фаъолияти Бобоҷон Ғафуров», ба гурӯҳи дуюм оид ба асари Бобоҷон Ғафуров «Таърихи халқи тоҷик» ва аҳаммияти он, гурӯҳи сеюм доир ба китоби шиносномаи миллат - «Тоҷикон» маълумотҳои зарурӣ пайдо намуда, манзури мо намоянд.

Ҳоло бошад сухан ба гурӯҳи якум:

**Сабоҳат:** Бо тақозои тақдиру таърих маҳз дар деҳаи Исфисор 31 декабри соли 1908 дар оилаи Ғафур - косиб ва бофандаи камбағал писаре ба дунё омад, ки волидайн бароям исми Бобоҷонро муносиб донистанд.

**Нодирахон:** Он замон ба гӯшаи хотири касе омада наметавонист, ки маҳз ҳамин писарбачаи навзод аз байни садҳо ҳамдеҳа ва миллионҳо тоҷики Осиёи Марказӣ, чун таҷассумгари дараҷаи аввали таърихи халқ ва ходими барҷастаи сиёсию ҷамъиятӣ ба воя мерасад.

**Маҳлиё:** Саводи ибтидоирo Бобоҷон аз модараш шоира Розия Озод гирифт.

**Ирода:** Соли 1922 дар деҳаи Қистақӯз мактаб-интернат кушода шуд. Солҳои 1922-1924 Бобоҷон дар ҳамин муассиса таълим гирифт.

**Шаҳзода:** Соли 1925 дар шаҳри Хуҷанд аввалин мактаби миёна кушода шуд, ки дар он Бобоҷон идомаи таҳсил намуд.

**Зухрохон:** Маҳз дар ҳамин мактаб, ки дар он намояндагони халқияту миллатҳои гуногун таҳсил мекарданд, ӯ аввалин сабақи ҷиддии ҳамбастагии халқҳо - башардӯстиро аз бар намуд, ки минбаъд дар тамоми ҳаёт ба ин таълимоти гуманистӣ содиқ монд.

**Сабрина:** Соли 1926 қобилияту лаёқати ташаббускории ҷавони 18-солаи дорои маълумоти миёна Бобоҷон Ғафуровро ба ҳисоб гирифта, ӯро ба Кумитаи комсомоли ноҳияи Хуҷанд ба кор даъват намуданд.

**Манижа:** Солҳои 1928-1929 бо сабаби зарурият ба ихтисосманди соҳаи ҳуқуқ роҳбарони вилоят Бобоҷонро ба курси яксолаи ҳуқуқшиносӣ ба шаҳри Самарқанд фиристоданд.

**Гулшода:** Раванди таҳсил дониши ӯро боз ҳам қавитар гардонид ва баъди анҷоми таҳсил чанд моҳ ҳамчун ёрдамчии Комиссари халқи адлияи Тоҷикистон адои хизмат намуд.

**Заррина:** Чун журналист Бобоҷон Ғафуров дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» бо мақолаҳои таҳлилию танқидии рӯзмарра баромад менамуд.

## БА ЁРИИ ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН

**Манзура:** Дар ин раванд ӯ ба нозукиҳои беадолатии тақсимоти миллии худудӣ ва мушкилиҳои таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон соли 1924 ва баъди 5 сол ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон ба хубӣ сарфаҳм рафта, таваҷҷуҳаш ба таъриху тақдири халқаш бедор шуд.

**Амирбек:** Ибтидои соли 1930 истеъдоди баланди журналистиашро ба назар гирифта, ӯро ба сифати муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Қизил Тоҷикистон» ба идораи бонуфузтарини Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунист даъват намуданд.

**Маҳваш:** Солҳои 1931-1935 дар донишкадаи олӣ - Институти коммунистии журналистӣ таҳсил намуд.

**Умеда:** Солҳои 1935-1936 ба ҳайси муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Қизил Тоҷикистон», солҳои 1936-1937 дастурдиҳандаи КМҲК(б) Тоҷикистон, 1937-1939 мудири шуъбаи нашриёти КМХК(б) Тоҷикистон, солҳои 1939-1940 мудири қисми сиёсӣ маърифатии КМ ҲК(б) шуда, фаъолият бурдааст.

**Меҳрона:** Бо ташаббуси ӯ курси 6-моҳаи муҳаррирони рӯзномаҳои маҳаллӣ ва мактаби дусолаи муҳаррирони рӯзномаҳои маҳаллӣ ташкил шуд буданд.

**Гулшода:** Солҳои 1938-1939 бо ташаббуси Бобоҷон Ғафуров интишори маҷаллаҳои «Коммунисти Тоҷикистон» ва «Коркуни партиявӣ» ба роҳ монда шуда буд.

**Меҳрангез:** Истеъдод ва қобилияти таҳқиқотии Бобоҷон Ғафуровро ба инобат гирифта, Кумитаи Марказӣ Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон соли 1940 ӯро ба аспирантураи Институти таърихи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ фиристод.

**Бадриддин:** Баъди хатми аспирантура моҳи марти соли 1941 узви бюро ва котиби Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон оид ба корҳои ташкилию ташвиқотӣ интихоб гардид.

**Сабрина:** Моҳи майи соли 1945 Котиби дуюми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон интихоб гардид.

**Маҳҷабин:** Моҳи июни 1946 истеъдоди роҳбарӣ, кордонӣ ва дигар сифатҳои барҷастаи ӯро ба ҳисоб гирифта, ӯро котиби Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон интихоб намуданд.

**Зайнура:** Тахти сарварии Бобоҷон Ғафуров дар ҷумҳурӣ раванди азнавбарқароркунии хоҷагии мамлакат ба анҷом расид, сохтмони муассисаҳои калони саноатӣ, азхудкунии заминҳои бекорхобида, рушди хоҷагии кишоварзӣ, пахтакорӣ, сохтмони роҳҳо, неругоҳҳои барқи обӣ, пешрафти рӯзафзуни соҳаи маориф ва илм, фарҳанг, таъсиси нахустин донишгоҳҳои давлатӣ, Академияи илмҳо ва садҳо комёбии дигар ба даст омаданд.

**Ганҷина:** Моҳи июни соли 1956 Бобоҷон Ғафуров аз вазифаҳои котиби якуми Кумитаи марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон озод гардида, директори Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ таъйин гардид.

**Гулчеҳра:** Бобоҷон Ғафуров дар ин вазифаи пурмасъул низ ташаббускори моҳиру олими тавоно будани худро нишон дод.

**Мухлиса:** Бо таассуф умр ба олими нотакрору барҷаста вафо накард ва Бобоҷон Ғафуров 12 июли соли 1977 дар Душанбе дар 68-солагӣ вафот кард.

**Моҳитобон:** Меҳнат ва заҳмати Бобоҷон Ғафуров дар давраи Шуравӣ бо 6 «Ордени Ленин», «Ордени Байрақи сурхи меҳнат» ва чандин медалҳои соҳавӣ қадрдонӣ карда шудааст.

**Шукрона:** Арзишмандтарин подоши меҳнати ин фарзанди баруманди миллат сарфароз гардидан ба унвони фахрии «Қаҳрамони Тоҷикистон» мебошад, ки 8 сентябри соли 1997 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифт.

**Омӯзгор:** Сухан ба гурӯҳи дуюм дода мешавад, марҳамат!

**Шаҳноза:** Бобоҷон Ғафуров ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик оғоз карда, соли 1947 нахустин асари худро бо унвони «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» таълиф намудааст.

**Мафтуна:** Олими дақиқкор дар ин китоб бо далелҳои илмӣ исбот кардааст, ки тоҷикон қадимтарин халқи бумии Осиёи Миёна мебошанд.

**Сабоҳат:** Ӯ бо ин асараш саҳифаҳои норавшани сарнавишти халқи тоҷикро ошкор карда,

илми тоҷикшиносии ватанашро бунёд гузоштааст.

**Нодирахон:** Чопи китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ҷавоби илмиву асоснок ба муаррихоне буд, ки аввали солҳои бистум сокинони аслии Осиёи Миёна будани тоҷиконро зери шубҳа гузошта буданд.

**Маҳлиё:** Бобоҷон Ғафуров бо нашри ин асар иктифо накарда, ду маротибаи дигар ин китобро бо иловаву тавзеҳот чоп намуда, исбот кард, ки тоҷикон дар Осиёи Миёна сокинони бумӣ ва соҳиби таъриху тамаддуни оламшумул мебошанд ва ҳамин тариқ ба олимони таҳрифгар зарбаи ҷонкоҳ зад.

**Ирода:** Донишманди борикбаён ва миллатдӯсту дурандеш ҳақиқати таърихиро бо ҷуръати бесобиқа таҳқиқ намуда, дар заминаи сарчашмаҳои муътамади илмиву таърихӣ ва ҳафриёти бостоншиносӣ ба қавмҳои ориёӣ нисбат доштани тоҷиконро исбот кард.

**Шаҳзода:** Ин далелҳо боис шуданд, ки китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ва нашри минбаъдаи он бо забони русӣ дар миёни ҷомеа шуҳрат пайдо намояд.

**Зӯҳрохон:** Таҳқиқу ҷустуҷӯҳои пай дар пай боис гардид, ки Бобоҷон Ғафуров масъалаи чопи китоби бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик»-ро ба миён гузорад.

**Сабрина:** Солҳои 1963-1965 «Таърихи халқи тоҷик» дар се ҷилд ва панҷ китоб нашр гардид.

**Манижа:** Ин китобҳо, ки омӯзиши таърихи тоҷикон ва халқҳои дигари Осиёи Миёнаро мукаммал гардониданд, дар асоси бозёфтҳои ҷадиду таърихиву бостоншиносӣ фарогири маълумоти нав дар бораи сокинони ин марзу бум ба ҳисоб мерафтанд.

**Гулшода:** Баъди ба вазифаи директори Институти шарқшиносии Академияи илмҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ таъйин гардидан, ба Бобоҷон Ғафуров имкон фароҳам омад, ки ба таълифи китоби «Тоҷикон» оғоз намояд.

**Омӯзгор:** Сухан ба гурӯҳи сеюм дода мешавад.

**Заррина:** Хушбахтона, баъди заҳматҳои зиёд китоби «Тоҷикон» бо забони русӣ соли 1972 бо теъдоди 10000 нусха аз чоп баромад.

**Маҳлиё:** Нашри китоби «Тоҷикон» дар он солҳо яке аз рӯйдодҳои муҳимми таърихӣ дар илми ховаршиносии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷаҳон ба шумор мерафт.

**Амирбек:** Табиист, ки дар он замон интишори китоб бо номи «Тоҷикон» кори осон набуд ва на ҳар шахсияти сиёсиву илмӣ ба чунин иқдом даст мезад.

**Манзура:** Мақоми илмиву ҷаъмиятӣ, ҷасорату матонати фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Бобоҷон Ғафуров имкон дод, ки ӯ асари худро маҳз бо номи «Тоҷикон» интишор кунад ва шуҳрати ҷаҳонӣ касб намояд.

**Маҳваш:** Китоби «Тоҷикон» соли 1983 ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр шуд.

**Умеда:** Дар нашри тоҷикӣ бо ҳидояти худи муаллиф сарчашмаҳои илмие, ки то соли 1977 доир ба халқи тоҷик ва халқҳои дигари Осиёи Миёна интишор нагардида буданд, ба китоб ворид ва феҳристи маъхазҳо такмил дода шуданд.

**Меҳрона:** Академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» таърихи халқи моро аз давраи қадимтарин то ибтидои асри XX таҳқиқ карда, қаламрави пайдоиш ва зисти гузаштагони тоҷиконро дуруст муайян намуда, давраҳои асосии ташаккулёбии ин халқро дар асоси сарчашмаҳои хаттии қадимӣ мавриди пажуҳиш қарор додааст.

**Гулшода:** Маҳз асари мондагори академик Бобоҷон Ғафуров пояи бунёди омӯзиши таърихи халқи тоҷикро ташкил дод.

**Омӯзгор:** Офарин, бачаҳо! Ба гурӯҳҳои якум, дуюм ва сеюм барои омодагии ҷиддияшон ташаккур гуфта, таъкид мекунем, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шахсияти Бобоҷон Ғафуров баҳои воқеӣ дода, таъкид кардаанд, ки: "Фарзанди фарзонаи миллат, ходими номдори давлатию сиёсӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров тамоми ҳаёт ва фаъолияти худро ба гирдоварӣ ва манзури ҷаҳониён гардонидани он сарф намудааст".

**ҶАМЪБАСТИ ДАРС:**

Бо чунин равиш дарс анҷом меёбад ва аз ин тарзи дарсгузарӣ ҳар як хонанда маълумоти фаровону комил мегирад, донишҳои худро такмил мекунад ва худшиносии миллии шогирдон қавӣ мешавад.

**Аҳтам НАЗАРОВ,**
**дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои педагогӣ**



# КИТОБХОНАИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА МАҚОМИ ОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ВА КОРҲОИ ИЛМИЮ ТАДҚИҚОТӢ



Китоб манбаи дониш ва маърифат аст. Ин василаи рушди тафаккур дар равандҳои таърихӣ таҳаввулоти зиёдеро сипарӣ намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳост, ки китобхонаҳои марказии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ фаъолият мекунанд. Дар онҳо барои ёфтани китоби зарурӣ мушкилиҳо буданд ва ҳоло ҳам вуҷуд дорад, зеро мушкили асосӣ дар аввал масъалаи молиявӣ ба ҳисоб меравад. Мушкилиҳои дигар вобаста ба қоғази босифат ва дастгоҳҳои чопкунанда буда метавонанд. Асри XXI асри технологияи иттилоотии компютерӣ буда, ба ин масъала такони ҷиддие додааст. Китоб сохтор ва шакли нав пайдо карда, китобхонаҳои электронӣ падид омадаанд. Мафҳуми китобхонаи электронӣ назар ба китобхонаҳои анъанавии дорои маводи қоғазӣ куллан фарқ мекунад.

Барои пардохтан ба ин масъала, моро зарур аст, ки нахуст мафҳуми китобхонаи электрониро шарҳ диҳем: Китобхонаи электронӣ низоми ба тартиб даровардашуда ва тақсимшудаи иттилоотию коммуникатсиониест, ки ба ҳамагон имкон медиҳад, то номгӯйи гуногуни китобҳо, мавод ва дигар ҳуҷҷатҳои электрониро тавассути шабакаҳои глобалии интиқоли маълумот - Интернет дастрас карда тавонад. Ҳама гуна мавод дар шакли барои истифодабарандаи ниҳоӣ қулай ҳифз гардида, самаранок истифода бурда мешаванд.

Барои ташкили китобхонаи электронӣ серверҳои пурқуввати дорои барандаҳои калонҳаҷми иттилоот зарур аст, зеро дар китобхонаи электронӣ ҳама намуд китобҳо (китобҳи дарсӣ, бадеӣ, дастурҳои таълимию методӣ, илмӣ, монографияҳо, донишномаҳо, харитаҳои ҷуғрофӣ ва ғайра) ва рӯзномаю маҷаллаҳо, диску китобҳои гӯё дар шакли электронӣ нигоҳ дошта мешаванд. Ҳама маводи номбаршударо дар якҷоягӣ "маводи электронӣ" ном мебарем. Ин яке аз фарқиятҳои аслӣ ва усулии китобхонаи электронӣ аз китобхонаҳои анъанавӣ мебошад.

Китобхонаи электронӣ низоми иттилоотие мебошад, ки захираҳои худро бо низоми ягонаи сохторию ташкилӣ муттаҳид намуда, паҳн менамояд. Китобхонаи электронӣ як намуди низоми иттилоотӣ мебошад, ки дар он ҳуҷҷатҳо низ нигоҳ дошта мешаванд ва метавонанд, дар шакли электронӣ истифода шаванд. Он шакли электронӣ бо истифода аз воситаҳои барномавӣ-компютерӣ кушода шуда, муҳити ягонаи дастрасиро аз як нуқта ба ҳуҷҷатҳои электронӣ, ки матнҳо ва тасвирҳоро дар бар мегиранд, таъмин мекунанд. Пойгоҳи додаҳои китобхонаҳои электронӣ метавонад, аз намудҳои гуногуни коллексияҳои электронии ҳуҷҷатҳо иборат бошад. Нашрияҳои электронӣ дар барандаҳои гуногуни иттилоот нигоҳ дошта мешаванд. Агар китобхона онҳоро дар шабакаи Интернет ҷойгир кунад ва бо низоми дастрасӣ ва ҷустуҷӯӣ таъмин бошад, пас он китобхонаи электронӣ ҳисобида мешавад.

Дар замони илми информатика дар қатори китобхонаҳои электронӣ, китобхонаҳои мавзуи

## ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

илмӣ-таълимӣ ҷойгоҳи махсусро касб мекунанд, ки дар онҳо нашрияҳои зарурӣ барои амалӣ кардани раванди таълим ва пешбурди корҳои илмию тадқиқотӣ ҷамъ оварда шудаанд. Мавҷуд будани ин шакли китобхонаҳои электронӣ пеши роҳи асардуздиро мегирад. Баъзе шахсон бар он нуқтаи назаранд, ки истифодаи нашрияҳои электронии муаллифон дар китобхонаҳои электронӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёна аксар вақт дар асосҳои на он қадар қонунӣ сурат мегирифта бошад, аммо ин далели номатлуб аз таваҷҷуҳи насли нав ба шакли электронии пешниҳоди иттилоот шаҳодат медиҳад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки захираҳои электронии таълимӣ ва илмӣ, одатан, аз ҷониби соҳибони ҳуқуқӣ ё бо розигии онҳо ташаккул меёбанд.

Каме дар бораи баъзе мушкилиҳои соҳа сухан меронем: Ҳарчанд асри XXI асри технологияи информатсионӣ бошад ҳам, ҳоло ҳам дар фазои маҷозӣ бобати дастрасӣ доштан ба шакли электронии дилхоҳ китоб, дастур ва умуман, маводи зарурӣ душвориҳо ба назар мерасанд, зеро ҳамасола дастурҳои таълимию методӣ, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмию методӣ ва монографияҳо ба нашр мерасанд, аммо ба таври кофӣ ва сартосарӣ дастраси хонандагон, донишҷӯён, унвонҷӯён ва кулли хоҳишмандон намешавад. Зеро дар китобхонаҳои электронӣ файлҳои электронии онҳо мавҷуд нестанд. Дар сомонаҳои интернетӣ мавод бештар бо забонҳои русӣ ва англисӣ вуҷуд доранд, вале аксари онҳо низ имкони боргирӣ кардан ва дастрас намуданро тариқи ройгон надоранд. Ҳар омӯзгор, ҳар олим ва умуман, ҳар нафаре, ки ҷӯянда аст, барои беҳтару хубтар ба роҳ мондани таълим ва корҳои тадқиқотӣ-илмӣ, мутолиаи маводҳои гуногун, маводи аз нигоҳи муҳтаво баланд ва ҷолибро мутолиа кардан, айни замон кӯшиши аз сомонаҳои электронӣ дастрас намудани онҳоро мекунанд. Омӯзгорону олимон онҳоро дар ҳар дарс ва корҳои илмӣ истифода месозанд. Бинобар ин, зарур аст, ки дар мо ба ташкили китобхонаҳои электронии тавоноияшон баланд бештар диққат дода шавад.

Олимону омӯзгорон ва кулли муаллифонро зарур аст, ки ихтиёран файлҳои электронии маводҳои худро дар сомонаҳои китобхонаҳои электронӣ ҷойгир кунанд. Чаро ихтиёрӣ? Зеро набояд қонун дар бораи моликияти зеҳнӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифро вайрон кард. Китобхонаҳои электронии бузург дар аксар давлатҳои хориҷа мавҷуд аст ва фаъолият доранд, аммо аксари онҳо бо дарназардошти масъалаҳои тиҷоратӣ амал мекунанд. Намунаҳои барҷастаи ин равиш бузургтарин хонаҳои нашриявии **"Elsevier"**, **"Springer"** ва даҳҳо шабакаи китобхонавии дигар мебошанд. Вақтҳои охир китобхонаҳои илмии электронии дастрасии боз (open access) пайдо шудаанд, ки яке аз намояндагони аввалини онҳо **arXiv.org** ва **PubMed Central** ҳисобида мешавад.

Дар Федератсияи Россия китобхонаҳои электронии таълимӣ бо истилоҳи махсус низоми электронӣ-китобхона аломатгузорӣ шудаанд. Ҷорӣ кардани он ба китобхонаҳои донишгоҳҳо таъсири мусбат расонидааст. Низоми электронии китобхонаро дилхоҳ муассиса метавонад, ҳам дар асоси китобхонаи электронии худ таҳия кунад ва ҳам аз провайдери хидматрасони беруна истифода барад. Китобхонаи электронӣ ҳамчун манбаи асосии таълими электронӣ, дар баробари дастрасии электронии мавод, инчунин, имкон медиҳад, ки «корҳои дастӣ» ва хизмати шахсони дигар дар китобхона кам карда шавад ва кори самаранок бо адабиёту нашрияҳо ба роҳ монда шаванд.

Мавриди зикр аст, ки аксаран дар раванди ҳимояи диссертатсияҳо эрод мегиранд, ки унвонҷӯи дараҷаи илмӣ аз корҳои олимону методистони тоҷик истифода накардаанд. На танҳо аз корҳои олимону муҳаққиқони тоҷик, инчунин, шояд бо корҳои олимону методистони хориҷа шинос набошанд ё истифода набурдаанд. Яке аз сабабҳои истифода накардани чунин маводҳо, дастраси умум набудани чунин матолиб мебошад, ки дар шабакаҳои интернетӣ ва китобхонаҳои электронӣ ҷой надодаанд, то хонандагон ва пажуҳандагони ҷавону навроҳ ройгон ва ба таври озод онҳоро дастрас карда тавонанд. Бинобар ин, аз кулли олимону муаллифон хоҳиш менамоям, ки маводи электронии худро тариқи ройгон ва озод дар фазои электронӣ гузоранд, то ба онҳо дастрасии комил пайдо шавад.

Китобхонаи электронӣ дар раванди таълим низ нақши хеле муҳим дорад. Агар синфхонаи таълимӣ бо шабакаи Интернет пайваст бошад, пас дастрасии дилхоҳ мавод осон сурат мегирад. Ҳамчунин, бо ёрии ин телефонҳо дилхоҳ маводро дастрас намудан мумкин аст.

**Зулфия ИСМАТОВА,**
**корманди Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ**

# НАХУСТИН МУҲАҚҚИҚИ ОСОРИ ПУБЛИТСИСТИИ УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ КӢ БУД?



Абдуқодир Маниёзов яке аз аввалин муҳаққиқонест, ки доир ба фаъолияти публитсистӣ ва назми солҳои 1918-1921-и сардафтари адабиёти муосири тоҷик, шоир, нависанда, публитсист, ходими барҷастаи илм - Садриддин Айнӣ тадқиқоти густурда ва ҷолиберо анҷом додааст.

Ӯ нуктаҳои муҳимми назм ва фаъолияти журналистии устод Айниро мавриди тадқиқ қарор додааст. Муҳаққиқ осори дар ин давра таълифнамудаи устод Айниро ба ду давра ҷудо намудааст. Дар давраи аввал, яъне, пеш аз Инқилоби Октябр ба шоирӣ машғул гардидани Садриддин Айниро, ки аксари эҷодиёти ӯро назм ташкил дода буд, марҳилаи дигари фаъолияти адабии ӯро, ки ба навиштани мақолаҳои публитсистӣ ва очеркҳои таърихӣ сарф шудааст, таъйин менамояд.

Ҳамин тавр, Абдуқодир Маниёзов ашъори пешазинқилобии ӯро ба таври муфассал таҳқиқ намуда, зикр мекунад, ки мавзуи ашъори устод Айнӣ дар ин давра асосан ишқӣ-иҷтимоӣ мебошад ва ӯ ашъори худро дар жанрҳои анъанавии назм, аз ҷумла, ғазал, қасида, қитъа, рубоӣ, маснавӣ ва инчунин, дар шакли байтҳои ҷудогона эҷод намудааст. Мавсуф дар мавриди назми Садриддин Айнӣ чунин таъкид кардааст: «Нахустин ва барҷастатарин намунаҳои назми тозабунёди адабиёти советии тоҷик низ ба қаламии Садриддин Айнӣ тааллуқ дорад». Инчунин, таъкид менамояд, ки устод Айнӣ дар баробари эҷоди назм ба забони тоҷикӣ, ҳамзамон, ба забони ӯзбекӣ ҳам асарҳо эҷод намуда, дар ташаккул ва тараққии назму насри советии ӯзбек саҳми арзишманди худро гузоштааст. Аз ҷумла, шеърҳои дар замони аввали инқилоб эҷодгардидаи ӯ, асосан, бо ду забон-тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷод гардидаанд ва роҷеъ ба ин нукта чунин қайд намудааст: «Нависанда дар ин бобат анъанаи пурифтихори адибони тараққипарвар ва инсондӯсти халқҳои тоҷик ва ӯзбекро, ки дар замони худ бо рафоқат ва робитаи илмӣ-адабиашон барои беш аз пеш мустаҳкам шудани дӯстии ин ду халқи бародарӣ мусоидат намудаанд, давом додаст». Сурудаҳои ба инқилоб бахшидашудаи устод Айнӣ «Марши ҳуррият», «Ҳуррият марши», «Инқилоб», «Ба муносибати Инқилоби Бухоро», «Байналмилал марши», «Биринчи май марши», «Ҳилоли аҳмар марши» ва ғайраҳо бо маҳорати баланди шоирӣ эҷод гардидаанд.

Устод А.Маниёзов ҳамчун муҳаққиқи нуктасанҷ ва серпажуҳ аз муҳтавои умумии шеърҳои инқилобии тоҷикию ӯзбекӣ, дар бораи ҳар кадом алоҳида сухан ронда, аз

табиати шеърҳо, мазмуну мундариҷаашон, хизмати бузурги сиёсию иҷтимоӣ адо кардани эҷодиёти индавраинаи устод Айнӣ бафурсат сухан мегӯяд.

Абдуқодир Маниёзов дар мавзуъҳои мухталиф, аз ҷумла, ишқӣ, сиёсиву иҷтимоӣ, инқилобӣ, тарғиби илму дониш, мактабу маориф ва ғайра эҷод намудани ашъори устод Айниро таъкид намуда, чунин мегӯяд: «Бешубҳа, шеърҳои инқилобии С. Айнӣ, ки идеяҳои револютсиониро тарғиб намуда, оммаи меҳнаткашро дар мубориза роҳи озодӣ ва сохтмони ҳаёти нав рухбаланд мекарданд, ҳамчун аввалин намунаҳои назми советиамон, дар ниҳодани асоси адабиёти реализми сотсиалистии тоҷик роли муҳим бозида ва дар он мавқеи сазоворе ишғол менамоянд».

Ба назари А. Маниёзов Садриддин Айнӣ бо мурури замон, бо таъсири дигаргуниҳои иҷтимоии ибтидои қарни XX ва ҳамзамон, бо таъсири ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ ба масъалаҳои муҳимми ҷомеа таваҷҷуҳ намуда, кӯшиш менамояд, ки ҳамаҷониба онҳоро дар осори хеш инъикос намояд. Ҳамзамон, иштироки фаъолонаи ӯро дар корҳои ҷамъиятӣ зикр намуда, китобҳои дарсӣ таълиф намудан, инчунин, дар ашъори хеш танқид ва мазаммат намудани тамоми нуқсонҳои сохти амириро таъкид намудааст.

Ба ақидаи А. Маниёзов яке аз сабабҳои ба наср рӯ овардани устод Айнӣ пеш аз ҳама дар он буд, ки ӯ барои инъикоси воқеаҳои ҳамонвақта роҳу воситаҳои дигарро меҷуст ва пай бурд, ки қолаби назм барои инъикоси ин воқеаҳо маҳдуд аст ва устод Айниро водор мекунад, ки ба навиштани мақолаҳои публитсистӣ ва очеркҳои таърихӣ машғул шавад. А. Маниёзов омилҳои асосии навиштани мақолаҳои публитсистии устод Айниро, пеш аз ҳама, дар иштироки фаъолонаи ӯ дар ҳаёти иҷтимоии ҳамонвақта медонад. Ӯ ба воситаи ашъори инқилобӣ ва мақолаҳои публитсистии худ вазифаи мубаллиғ ва ташаббускорро дар роҳи озодии халқи мазлум ва меҳнаткаш анҷом додааст. Яке аз омилҳои дигари фаъолияти публитсистии устод Айнӣ ба назари муҳаққиқ, таъсири бевоситаи ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш мебошад, ки ӯ дар осори хеш аз тарзи ифода ва воситаҳои бадеии он баҳравар гадидааст. Омили дигари ба публитсистика рӯ овардани устод Айниро аз пайваста мутолиа намудани матбуоти даврӣ вобаста донистааст. Ҳамзамон, ҳанӯз пеш аз Инқилоби Октябр бо матбуот шинос шудани устод Айниро дар натиҷаи мутолиаи рӯзномаву маҷаллаҳои туркиву тотории «Тарҷимон» ва «Вақт», рӯзномаҳои форсӣ, аз қабили «Ҳаблулматин», «Парвариш», «Ҷаҳоннамо» ва рӯзномаи ҳаҷвии озарбойҷонӣ бо унвони «Мулло Насриддин», ки дар Бухоро интишор меёфт, қайд намудааст.

Абдуқодир Маниёзов қисми зиёди ашъори инқилобӣ ва мақолаҳои публитсистии устод Айниро бо унвонҳои «Оташи инқилоб», «Васоили тараққӣ дар чист?», «Танвири афкор», «Ҳукумати шуроӣ ба мо чӣ дод?», «Масъалаи Шарқ», «Аҳволи Эрон», «Ба асокири сурх ёрӣ диҳем», «Бархез, Шарқи мазлум, ки «Урдуи Шарқ» расид!» ва ғайра, ки дар солҳои 1918-1921 навишта шудаанд ва нахустин маротиба дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ва рӯзномаи «Меҳнаткашлар товуши» нашр гардидаанд, баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, ӯ иқтибоси устод Айниро дар ин бора бевосита чунин хулоса намудааст: «Дар Самарқанд як журнал бо номи «Шуълаи инқилоб» дар забони тоҷикӣ ва як газета ба номи «Меҳнаткашлар товуши» дар забони ӯзбекӣ нашр мешуд. Ман дар дуи инҳо хизмат мекардам. Дар он вақт аз коркунони маҳаллӣ коркунони адабӣ ҳам кам буданд, бинобар ин, гуфта метавонам, ки қисми муҳимми ин журнал ва газетаро бо имзоҳои гуногун ман пур мекардам. Дар ду забон шеърҳо менавиштам, дар ду забон мақолаҳо менавиштам».

Зимни баррасии мақолаҳои публитсистии

устод Айнӣ муҳаққиқ онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст. Ба гурӯҳи аввали мақолаҳои публитсистии устод Айнӣ масъалаҳои муҳимми ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании ҳамон давра дохил мешавад, ки дар он ӯ моҳияти ҳодисаҳои инқилобӣ ва дигаргуниҳои беназири иҷтимоиро ба оммаи васеъ фаҳмонида медод. Инчунин, халқро ба муборизаи зидди душманони Ҳокимияти Советӣ, барои сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ ва омӯхтани илму маърифат тарғибу ташвиқ мекард.

Гурӯҳи дигари мақолаҳои устод Айниро ба мақолаҳое, ки дар хусуси масъалаҳои байналхалқӣ, аз ҷумла, вазъияти кишварҳои Шарқ бахшида шудаанд, ҷудо намудааст. Таъкид менамояд, ки устод Айнӣ онҳоро бо ҳисси хайрхоҳӣ ва садоқату самимият ба халқҳои мазлуми Шарқ ва боварӣ баояндаи дурахшони онҳо навиштааст ва иқтибоси худи нависандаро дар яке аз мақолаҳои худ бо унвони «Инқилоби Октябр ва Шарқ» чунин зикр намудааст: «Аҳолии Шарқ, ки дар хориҷи мамлакати Русия истиқомат доранд, онон ҳам аз ин инқилоби бузург манфиатҳои зиёд ёфтанд... Афғонистон, ки дар зери панҷаи англисҳо асир буд, озод шуда, мустақил шуд... Мисру Ҳиндустон зуд аст, ки озод шавад... Хитое, ки бо ин ҳама бузургӣ мурда ва дар шиками ҷаҳонгирон ҳазмшуда ба шумор мерафт, имрӯз бо рухи Инқилоби Октябр дар ҳаяҷон аст. Умед аст, ки ба зудӣ ин миллати серсол ва ин давлати куҳансолро ҳам дар рӯйи дунё озод ва дар қатори миллатҳои зинда бинем».

Нуктаи дигареро метавон зикр намуд, ки Абдуқодир Маниёзов дар баробари таҳқиқи ашъори пешазинқилобии устод Айнӣ ва мақолаҳои публитсистии навиштаи ӯ, инчунин, ду асари калони таърихии ӯ «Таърихи мухтасари ҳаракати инқилобӣ дар Бухоро» ва «Таърихи силсилаи манғития, ки дар Бухоро ҳукм рондаанд»-ро низ аз ҷиҳати публитсистӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. А. Маниёзов дар ин маврид чунин зикр намудааст: «Ин ду асар, ки қариб дар як вақт, дар арафа ва рӯзҳои револютсияи Бухоро навишта шудаанд, аз ҷиҳати мавзуъ ва мазмуни идеявӣ ба ҳам наздик буда, ба як мақсаду маром, яъне, фош кардани разолати давраи амирӣ ва нишон додани аҳаммияти бузурги револютсия равона гардидаанд. Аз ин рӯ, онҳо дар ҳамон шароити таърихӣ роли калони таблиғотӣ ва ташвиқотӣ ҳам бозида, маҳз бо ҳамин хусусияти худ бо публитсистикаи нависанда робитаи бевосита пайдо намуданд». Аз ин гуфтаҳои Маниёзов чунин бармеояд, ки дар ташаккул ва инкишофи насрнависии устод Айнӣ натанҳо мақолаҳои публитсистии ӯ, балки осори таърихии вай, ки нахустин бор тавассути рӯзномаву маҷаллаҳо интишор ёфтаанд, мавқеи намоёнро ишғол менамояд.

Ҳамзамон, А. Маниёзов забону услуби ашъор ва осори публитсистии устод Айниро бо тамоми ҳусусиятҳояш, ки аз забони ғанӣ ва фасеҳи халқ, инчунин, истифодаи бамавриди зарбулмасал ва ҳикматҳои он, ки дар ибораҳои мухтасар маъниву мазмуни зиёд касб намудаанд, тавзеҳ додааст.

Устод Абдуқодир Маниёзов таъкид намудааст, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти публитсистии устод Айнӣ барои инкишофи жанри публитсистикаи адабиёти тоҷик ва ҳам барои тадқиқи услуби худи нависанда аҳаммияти арзишмандеро дорост.

Хулоса, Абдуқодир Маниёзов бо тамоми масъулияти пажуҳандагӣ ҷанбаи публитсистии шеърҳои устод Садриддин Айнӣ ва мақолаву навиштаҳои публитсистии ӯро нахустин бор бо тамоми паҳлуҳояш ба таври мушаххас тадқиқу баррасӣ намуда, як бахши аслии фаъолияти эҷодии сардафтари адабиёти муосири тоҷик ва Қаҳрамони Тоҷикистонро равшан намуда, барои илми тоҷик хидмати шоиста ва барои фарҳанги миллат ғановати адабӣ зам кардааст.

**Муъминҷон ИБРОҲИМОВ,**
**омӯзгори химияи Литсейи**
**Донишкадаи политехникии шаҳри Хуҷанд**



# ОБҲОИ МИНЕРАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН - ТАРКИБ, ХОСИЯТИ ТАБОБАТӢ ВА НАВЪҲОИ ОНҲО

Мавзуи об яке аз масъалаи муҳим дар зиндагии башарият буда, дар шароити кунунии ҷаҳон ба яке аз проблемаҳои ҷаҳонӣ мубаддал гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ташаббускори ҷаҳонӣ дар сиёсати байналмилалии об буда, дорои захираҳои ғании обӣ мебошад. Махсусан, бахши обҳои менералии Тоҷикистон аз муҳимтарин сарватҳои табиии кишвар буда, ҳамчун манбаи шифо истифода мегарданд. Ин нигошта доир ба обҳои минералии кишвар дар қолаби дарси намунавӣ дар синфи 8 аз химия манзур карда мешавад.

**Барнома:** Навъҳои обҳои минералии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тарзи пайдоиш. Обҳои минералии шифобахши Тоҷикистон (Оби Шифо, Оби Ҳавотоғ, Лойқаи шифо, Хоҷа Оби Гарм, Оби Гарм, Тандикӯл, Шоҳамбарӣ, Явроз, Хоҷа Сангхок, Файзобод, Оби Зулол ва ғайра).

**Салоҳиятҳо:**

• Обҳои асосии минералии Ҷумхурии Тоҷикистонро муайян карда метавонад.

• Сарчашмаҳои геологии обҳои минералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарк карда метавонад.

• Фоида ва истифодаи обҳои минералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаҳмонида метавонад.

**Мақсади таълим**

Бо омӯзиши мавзуъ хонанда бояд навъҳои обҳои минералии Ҷумхурии Тоҷикистонро вобаста ба тарзи пайдоиш, шифобахшӣ ва мавқеи ҷойгиршавӣ (Оби Шифо, Оби Ҳавотоғ, Лойқаи шифо, Хоҷа Оби Гарм, Оби Гарм, Тандикӯл, Шоҳамбарӣ, Явроз, Хоҷа Сангхок, Файзобод, Оби Зулол ва ғайра)-ро донад.

**Методикаи таълим**

Қадамҳо ва фаъолиятҳои дарс хусусияти тавсиявӣ доранд. Ҳангоми банақшагирии дарс аз онҳо самаранок истифода мебарем.

**I. Водоркунӣ (оғози дарс).**

1) Қисми ташкилии дарсро мегузаронем.

2) Масъалагузорӣ бо мақсади ба ёд овардани донишҳои пешинаи хонандагон. Бо ин мақсад аз саволҳои матни китоби дарсӣ низ истифода мебарем.

**Саволҳо:**

- Фарқи байни обҳои укёнусҳо ва рӯдҳои Тоҷикистон дар чист?
- Барои тоза нигоҳ доштани обҳои маҳал чӣ пешниҳод доред?
- Оё оби боронро оби муқаттар (оби дистиллат) номидан мумкин аст? Ҷавобатонро шарҳ диҳед.
- Масъалаҳои пайдоиш ва тарзи истифодаи обҳои минералиро кадом илмҳо меомӯзанд?
- "Оби дурушт" гуфта, кадом обро меноманд?
- Барои чӣ обро "зебоии табиат" меноманд?
- «Оби кишвар мисли шири модар аст»- Ин чӣ маъниро ифода мекунад?
- «Об қувваи ба ҳаракатдоварандаи ҳаёт аст» - Барои чӣ ин хел мегӯянд?

3) Аз рӯйи саволи мавзуъ хӯша (кластер)-ро пур мекунем. Намунаи хӯша:




**II. Даркнамоӣ (қисми асосии дарс).**

4) Кори фардӣ – хониши мустақилона. Ба хонандагон мефармоем, ки матни китобро хонанд ва аз рӯйи мазмуни он 5 савол таҳия намоянд. Барои ин кор вақти муайян ҷудо мекунем.

Таҳияи саволҳо бо ҷавобҳояшон барои намуна:

**1)** Дар ҳудуди Тоҷикистон чанд чашмаи оби минералӣ мавҷуд аст, ки аксари онҳо хусусияти шифоӣ доранд?

**Ҷавоб:** Дар ҳудуди Тоҷикистон зиёда аз 200 чашмаи оби минералӣ мавҷуд аст, ки аксари онҳо хусусияти шифоӣ доранд.

**2)** Обҳои минералии Тоҷикистон чанд навъ мешаванд ва вобаста ба ҳарорат, тарзи пайдоиш ва дар кадом сатҳи қишри замин ҷойгир шуданашонро шарҳ диҳед.

**Ҷавоб:** Ҳарорати обҳои минералии Ҷумҳурии Тоҷикистон якхела набуда, вобаста ба тарзи пайдоиш ва дар кадом сатҳи қишри замин ҷойгир шуданашон чор навъ мешаванд:

1. Чашмаҳои сард (ҳарораташон то 20°С);
2. Чашмаҳои муътадил (ҳарораташон аз 20°С то 37°С);
3. Чашмаҳои гарм (термалӣ) (ҳарораташон аз 37°С то 42°С);
4. Чашмаҳои ҷӯшон (гармчашмаҳо) (ҳарораташон аз 42°С боло).

**3)** Дар асоси кадом обҳои минералии шифобахш дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон табобатгоҳу осоишгоҳҳо ва санаторияҳо сохта шудаанд?

**Ҷавоб:** Дар асоси обҳои минералии шифобахши Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, Шоҳамбарӣ дар ноҳияи Ҳисор, Оби Ҳавотоғ дар шаҳри Истаравшан, Оби Шифо дар шаҳри Исфара, Хоҷа Оби Гарм дар ноҳияи Варзоб, Обигарм дар ноҳияи Роғун, Явроз дар дараи Ромити шаҳри Ваҳдат, Шӯрчашма дар ноҳияи Дӯстӣ, Гармчашма дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон табобатгоҳу осоишгоҳҳо сохта шудаанд.

**4)** Кадом намуди обҳои минералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун оби ошомидании минералӣ истифода мебаранд?

**Ҷавоб:** Обҳои ошомидании минералие, ки ба зарфҳо ҷойгир карда, ба муомилот мебароранд, инҳо мебошанд: Оби Зулол, Сиёма, Файзобод, Ҳавотоғ, Шоҳамбарӣ, Хоҷасангхок, Қаротобон ва ғайра.

**5)** Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон чанд чашмаи оби минералӣ мавҷуд аст ва чандтои онҳоро оби гарм ва чандтои онҳоро

оби хунук ташкил медиҳанд?

**Ҷавоб:** Дар ВМКБ 71 чашмаи оби минералӣ мавҷуд аст, ки 28-тояш оби гарм ва 43-тояш оби хунук дорад.



**6)** Яке аз чашмаҳои машҳури Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кадом чашма ба ҳисоб меравад? Ҷавобатонро шарҳ диҳед.

**Ҷавоб:** Яке аз чашмаҳои машҳури ВМКБ Гармчашма мебошад. Ҳарорати оби ин чашма аз 47 то 62°C буда, дар таркиби он ҳидрокарбонати натрий, хлориди натрий, сулфур, оҳан, оксиди карбон (IV) ва ғайра мавҷуд аст. Оби Гармчашма аҳаммияти калони шифоӣ дорад.

**7)** Чаро обҳои минералии Ҷумҳурии Тоҷикистон хосияти шифобахшӣ доранд?

**Ҷавоб:** Чунки таркиби обҳои минералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сулфиди ҳидроген, пайвастагиҳои силитсий, оҳак, пайвастагиҳои радон, намакҳои натрий, карбонатҳо, сулфатҳо, сулфидҳо, йод, бром, оҳан ва ғайра иборат мебошад.

**8)** Обҳои минералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кадом бемориҳо шифо мебахшанд?

**Ҷавоб:** Обҳои минералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бемориҳои тарбод, меъдаву рӯда, ҷигар, гурда, пӯст, асаб, дарди буғум ва узвҳои ҳаракат шифо мебахшанд.

**Муҳокимаи саволҳо**

Баъди анҷоми вақт аз рӯйи саволҳои тартибдодашуда байни хонандагон саволу ҷавоб ташкил мекунем. Хонандагон бо навбат ба ҳамдигар савол медиҳанд.

-Ҷавобҳои нодурусти хонандагонро пурра мекунем.

**Кори гурӯҳӣ.** Ба гурӯҳҳо чунин супориш медиҳем:

- Обҳои минералии шифобахши Тоҷикистонро шарҳ диҳед.
- Коратонро ба дигарон муаррифӣ намоед.

- Бартараф намудани тасаввуроти ғалат. Барои ҳалли масъалаҳои баҳсталаб ба хонандагон мадад мерасонем.

**III. Мулоҳизаронӣ (анҷоми дарс)**

**9)** Аз саволу супоришҳо ва тестҳои китоби дарсӣ истифода бурда, дониши хонандагонро мустаҳкам мекунем ва месанҷем.

- Дар бораи кӯлҳои Тоҷикистон маълумот диҳед?
- Кадом нерӯгоҳҳои барқи обии (НБО) Тоҷикистонро медонед?
- Дарёҳои Тоҷикистонро номбар кунед ва аз харита онҳоро нишон диҳед.
- Массаи 5 мол об ($H_2O$) ба чанд баробар аст?
- Ҳиссаи массаи оби кристаллизатсиониро дар таркиби купориси мис ($CuSO_4 \cdot 5H_2O$) бо ҳисоби фоиз муайян кунед.
- Чанд фоизи таркиби об ($H_2O$)-ро оксиген ташкил медиҳад?

**10)** Барои баровардани хулосаҳои дарс аз хулосаҳои китоби дарсӣ истифода мебарем. Албатта, хонандагон низ метавонанд, хулосаҳои худро пешниҳод кунанд.

**11)** Дарсро хулоса ва ҷамъбаст карда, заҳмати хонандагонро қадр мекунем. Заҳмати хонандагонро бо суханони руҳбаландкунанда («Офарин, бачаҳо», «Шумо имрӯз хеле хуб кор кардед», «Ман аз фаъолияти шумо дар дарси имрӯза хеле хурсандам» ва ғайра) таҷассум мекунем.

**12) Вазифаи хонагӣ:** Аз рӯйи мазмуни мавзуъ эссеи хурд тартиб диҳед.

Бо чунин шакл гузаронидани дарс барои баланд бардоштани донишҳои хонандагон мусоидат намуда, дар таҳкими зеҳнияти хонандагон дар самти шинохти сарватҳои табиии кишвар ва мавқеи устувори байналмилалии кишвар дар масъалаҳои об заминаи устувори маънавӣ мегузорад.

**Фирӯз МИРЗОЕВ,**
**ходими илмии шуъбаи**
**таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии**
**Институти иқтисод ва демографияи АМИТ**



# ҚАДАМҲОИ УСТУВОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РОҲИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ

«Иқтисоди сабз» яке аз моделҳои рушди иқтисодӣ, самти муосири илми иқтисодиёт буда, ба устуворӣ, ҳифзи захираҳои табиӣ ва коҳиши зарар ба муҳити зист нигаронида шуда, таваҷҷуҳи рӯзафзуни коршиносон ва олимони соҳаҳои гуногунро ҷалб намудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи рушди иқтисоди сабз қадамҳои устувор гузошта, дорои захираҳои бойи иқтисоди сабз дар соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза мебошад. Дар кишвари мо истеҳсоли неруи барқ танҳо аз ҳисоби энергияи обӣ 98%-ро ташкил медиҳад. Тибқи маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёна 99,56% неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия истеҳсол мегарданд.

Дар ин самт Тоҷикистон яке аз кишварҳои фаъол буда, аз 30 сентябри соли 2022 (№ 482) Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 қабул гардидааст.

Имрӯзҳо иқтисоди сабз на танҳо як тамоюл, балки зарурат ва воқеияти рушди иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф менамоянд, ки иқтисоди сабз метавонад, як муҳаррики тавонои рушд, инноватсия ва некуаҳволии иҷтимоӣ бошад. Созмони Милали Муттаҳид солҳои ҳаштодуми асри XX «Консепсияи рушди устувор - зиндагӣ бидуни зарар расонидан ба наслҳои оянда»-ро тартиб дод. Дар асоси он модели «Иқтисоди сабз» таълид ёфт, ки бояд оянда ҷойгузини модели то ин дам амалкунанда гардад.

Мувофиқи ҳисоботи «Bloomberg NEF» барои то соли 2050 ноил шудан ба сатҳи сифрии партоби карбон давоми солҳои 2026-2030 барои бунёди неругоҳҳои офтобию шамолӣ ҳамасола дар ҷаҳон 1,5 триллион доллар маблағгузорӣ бояд кард. Соли 2021 ҳаҷми ба истифода додани иншооти манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар ҷаҳон 227 гигаватро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2020-ум 4,7 фоиз зиёдтар аст. Сармоягузорӣ дар ин самт ба 755 миллиард доллар расид. Маблағи дар ин ҷода сарфнамудаи шаҳрвандони алоҳида дар тамоми мамолики дунё 40 миллиард долларро ташкил додааст.

Роҳбари давлати тоҷикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҷанбаи муҳимро ба эътибор гирифта, дар Паёми навбатиашон таъкид намуданд, ки дар шароити таҳаввулоти босуръату пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва паёмадҳои тағйирёбии иқлим бояд дар кишвар тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Аз ин лиҳоз, механизми маблағгузории фондҳои махсус дар самти татбиқи «лоиҳаҳои сабз», хусусан, барои роҳандозии барномаву лоиҳаҳои мақсадноки рушди «иқтисоди сабз», аз ҷумла, «энергияи сабз», бояд васеъ ҷорӣ карда шавад.

Мувофиқи маълумоти Фонди ҷаҳонии табиати ёбоӣ (WWF) иқтисоди ҷаҳонӣ ҳар рӯз аз ифлосшавии ҳаво бо сабаби истифодаи сӯзишворӣ 8 миллиард доллар зарар мебинад. Бо мақсади кам кардани ихроҷи газҳои гулхонаӣ дар бисёр кишварҳо рӯ ба нақлиёти барқӣ оварда истодаанд, аммо неруи барқ дар аксари ин мамлакатҳо дар неругоҳҳои ҳароратӣ ис-

теҳсол мешавад, ки он ҳам ба сӯзишворӣ ниёз дорад. Дар кишвари мо бошад, 98 дарсади неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол шуда, аз лиҳози экологӣ тоза мебошад.

Президенти мамлакат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ ба масъалаи мазкур дахл намуда, чунин иброз намуданд: «Тоҷикистон яке аз давлатҳои дорои захираҳои бузурги истеҳсоли неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза мебошад. Чунонки борҳо таъкид кардаам, ҳоло 98 фоизи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯйи ин нишондиҳанда, яъне, фоизи истеҳсоли «энергияи сабз», кишвари мо дар ҷаҳон ҷои шашумро ишғол менамояд. Аз рӯйи кам будани ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ низ Тоҷикистон дар яке аз ҷойҳои баландтарин қарор дорад. Дар сурати истифодаи неруи барқи «тоза»-и дар кишвар истеҳсолшаванда дар воситаҳои нақлиёти барқӣ метавон талаботи мамлакатро аз маҳсулоти нафтӣ коҳиш дода, ба ин восила, ба ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат мусоидат намуд».

Бино ба гуфтаи раиси Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадраҳим Юсуфӣ, сармоягузорӣ ба «иқтисоди сабз» дар баробари овардани манфиатҳои иқтисодӣ боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар шудани саломатии одамон гашта, дар маҷмуъ, ба ҳалли бисёр мушкилиҳои иҷтимоӣ низ мусоидат мекунад. Аз рӯйи ҳисоби коршиносон як долларе, ки барои барқароршавии ҷангал сарф мешавад, оянда 30 доллар манфиати иқтисодӣ меорад. Як миллион долларе, ки барои тавлиди «энергияи сабз» сарф мешавад, боиси таъсиси 16,7 ҷойи нави корӣ мегардад. Ин рақам дар неругоҳҳои бо сӯзишворӣ фаъолияткунанда 5,3 ҷойи кориро ташкил медиҳад.

Бояд қайд кард, ки соли 2017 ба соҳаи «энергияи сабз» дар ҷаҳон 280 миллиард доллар ва ба энергияи бо сӯзишворӣ фаъолияткунанда 103 миллиард доллар сармоягузорӣ шуда буд. Солҳои минбаъда низ ин нишондиҳанда ба манфиати «энергияи сабз» буда, дар ҳоли афзоиш будааст.

Ба андешаи Ҷамшед Солеҳов, «иқтисоди сабз» яке аз самтҳои муосири илми иқтисод буда, тайи ду даҳсолаи охир ба арсаи илм ворид гардидааст ва дар доираи он бахшҳои дигари иқтисод, ки аз ҷузъҳои табиати муҳити атроф вобастагӣ доранд, баррасӣ мешаванд.

- Айни замон ҷомеа моҳияти ибораи «иқтисоди сабз»-ро ба маъноҳои гуногун дарк мекунад. Гурӯҳи аввал чунин меҳисобанд, ки ин соҳаи нави иқтисод буда, табиати муҳити зистро беҳтар мегардонад. Тарафи дуюм ин ифодаро ҳамчун технологияи нав ва як навъи экосистема, ки ба кумаку фоидаоварӣ ба табиат даъват мекунад, мефаҳманд. Гурӯҳи сеюм чунин мепиндоранд, ки он марҳилаи нави гузариши рушд буда, мақсади асосиаш истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза аст. Дар маҷмуъ, иқтисоди сабз ба технологияи тоза ё «сабз» асос ёфтааст»,- мегӯяд ӯ.

Бо амалисозии лоиҳаҳои бузурги бунёду таҷдиди иншооти энергетикии мамлакат, аз ҷумла, бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд» ва «Қайроққум» дар 7 соли оянда иқтидори энергетикии мамлакат иловатан ба 4000 МВт афзоиш дода шуда, ба 10000 МВт расонида мешавад. Ба гуфтаи иқтисодшиносон, ҳадафи стратегии рушди «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – ин таъмини рушди иқтисодӣ аз ҳисоби истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои табиӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва суботи иҷтимоӣ, таъмини баробарии экологӣ, инчунин, истифодаи мақсадноки сармояи ҷалбгардида дар давраи дарозмуҳлат мебошад.

Ин раванд дар самти эътироф гардидани Тоҷикистон ҳамчун мамлакати пешбарандаи принсипи «иқтисоди сабз» идома ёфта, ба гуногунсамтиву рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, рушди неруи инсонӣ, таҳкими институтсионалӣ ва дар ин замина, таъмин намудани рушди устувору сифатноки иқтисоди миллӣ, истеҳсол ва содироти маҳсулоти аз лиҳози органикӣ ҷавобгӯ ба талаботи муосир ва «энергияи сабз», инчунин, ба ҷалби захираҳои молиявӣ ва истифодаи технологияҳои муосири ҷавобгӯ ба «иқтисоди сабз» афзалият дода мешавад ва яқин метавон гуфт, ки бо амалӣ кардани ин тадбирҳо дар самти «иқтисоди сабз»ояндаи наздик Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеан ҳам, ба «мамлакати сабз» табдил меёбад.

**А. МАҲМАДАМИНОВ,**
**М. СОЛЕҲОВ,**
**устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ХОБ БЕДОРИСТ, ЧУН БО ДОНИШ АСТ



Дар ҳаёти ҳар як халқу миллат дар ҳар давру замон зуҳури симоҳо, чеҳраҳо ва шахсиятҳо ҳамчун фаророрасии марҳалаи нави таърихӣ маърифат карда мешавад, зеро онҳо дар муаррифии миллат марҳалаи нави таърихиро месозанд. Ҷустору ибтикорот, тозакориу бозёфтҳои илмӣ, нодиракориҳо, амикравиҳои ҳадафнок, бахусус, кашфу мухтареот ва ғайра, ин ҳама ҳамчун падидаҳоеанд, ки таҷдиди назар ба зиндагиномаи миллатро ногузир месозанд.

Ин ҳам мусаллам аст, ки пешрафти ҷомеа ва шинохту эътирофи миллат ба иртифои мақоми илм ва саҳми калидии уламо дар ин ҷода марбут аст. Аммо раванди бавоярасии тоифаи уламо ҳосили муҳлати кӯтоҳи таърихӣ нест. Тибқи қазовати Одамушшуарои каломи ҳунарии ирфонӣ – Ҳаким Абулмаҷид Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ ҷараёни бавоярасии уламо басо тӯлонист. Ба ин маънӣ Ҳаким Саноӣ қазовати ҷолибе дорад, ки мегӯяд:

**Солҳо бояд, ки то як санги аслӣ з-офтоб,**
**Лаъл гардад дар Бадахшон ё ақиқ андар Яман.**
**Умрҳо бояд, ки то як кӯдаке аз рӯйи табъ,**
**Олиме гардад наку ё шоире ширинсухан.**

Манзури мо аз қазовати фавқуззикр варақгардоне аз корномаву осори илмӣ - пажуҳишии Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи забони арабӣ, доктори илми филология, профессор, устоди соҳибноми кафедраи филологияи араби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сайидраҳмон Сулаймонӣ аст, ки фузун аз панҷоҳ сол боз тавъам бо ҳирфаи пуршарафи устодӣ-омӯзгорӣ, пешаҳои тарҷумонӣ ва ковишу ҷусторро ҳам бар зимма дорад. Устод Сайидраҳмон Сулаймонӣ дар давоми фаъолияти пурсамару пурманофеи хеш тавассути ҷустору таҳқиқ, таълиму тадрису тарбия дар камолоти маънавии миллат, наслҳои сершумори маълумоти олидор ва соҳибунвонҳои илмии номзадҳою докторҳо саҳми сазовор дорад.

Назар ба эътирофи худи устод С. Сулаймонӣ ҳанӯз дар солҳои таҳсили дабистонӣ, ки ба ашъори суханварони асримиёнагӣ бештар дилбастагӣ доштааст, чанд байте аз Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ӯро ҷиддитарин такон додаанд. Аз ҷумла, байти зерин, ки Мавлоно дар «Маснавии маънавӣ» мегӯяд:

**Хоб бедорист, чун бо дониш аст,**
**Войи бедоре, ки бо нодон нишаст.**

Ҳамчунон байти дигаре ҳам аз ҳамин асар, ки таҳкимбахши хостаҳояш шудааст:

**Хотами мулки Сулаймон аст илм,**
**Ҷумла олам сурату ҷон аст илм.**

Хосса ин рубоии Мавлоно, ки дар солҳои мактабӣ баҳри амалӣ гардидани орзуҳояш қатъияти том эҳдо намудааст:

**Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,**
**Ҳар ҷо, ки равӣ, азизу маҳрам бошӣ.**
**Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,**
**То тоҷи наберагони Одам бошӣ.**

Устод Сайидраҳмон Сулаймонӣ зодаву парвардаи ноҳияи зебоманзару овозадори Тоҷикобод аст. Таҳсили оғозину мутавасситро дар ҳамон ноҳияи биҳиштосо фаро гирифтааст.

Баъди хатми мактаби миёна дунёи таманно ӯро ба шуъбаи арабии факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) овард, ки

ин гардиши сарнавиштсози ҳаёт барояш соли 1964 иттифоқ афтода буд.

Баъди адои хидмати ҳарбӣ устод Сайидраҳмон Сулаймонӣ фаъолияти меҳнатии хешро соли 1972 дар донишгоҳи азизаш оғоз намуда, соли 1974 ба шуъбаи аспирантураи кафедраи филологияи араб дохил шуда, соли 1979 дар мавзуи «Асосҳои лингвистии топонимика дар «Муъҷаму-л-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ дар Пажуҳишгоҳи ховаршиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст.

Устод Сайидраҳмон Сулаймонӣ тайи солҳои 1980-1983 ба Ҷумҳурии Ироқ сафари хидматӣ намуда, ба ҳайси тарҷумон-референти мушовир доир ба равобити иқтисодии сафорати собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар Ҷумҳурии Ироқ фаъолият намудааст. Баъд аз бомуваффақият ба анҷом расидани хидмати фавқуззикр, устод Сулаймонӣ соли 1983 ба Ватан баргашта, дар кафедраи филологияи араби факултети шарқшиносии ДМТ ба ҳайси дотсент фаъолият мекунад. Соли 1985 ӯ бо даъвати раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати ходими калони шуъбаи тарҷума ва таҳияи осори фалсафии мутафаккирони тоҷику форс ба Пажуҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи АИ ҶТ (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) ба кор омадааст. Мавсуф тайи солҳои 1992-2005 ба ҳайси мудири шуъбаи тарҷума ва таҳияи осори фалсафии мутафаккирони тоҷику форс фаъолият кардааст ва дар ин ҷода барои фарҳангу тамаддуни миллат хидмати бунёдӣ сомон додааст. Хусусан, дар тарҷумаву таҳияи осори илмии Ибни Сино саҳми шоиста гузоштааст.

Метавон гуфт, ки профессор С. Сулаймонӣ дар ҳама гуна ҳолату вазъият бо кафедраи филологияи араби ДМТ буд ва аз кафедраи мазкур равобити илмии хешро канда накардааст:

**Гар барканам дил зи туву бардорам аз ту меҳр,**
**Ин меҳр ба кӣ афканам, ин дил куҷо барам?**

Ана ҳамин муҳаббати хосси ӯ ба тадрису таълим ва омодасозии арабшиносону мутахассисони соҳаи филологияи тоҷику араб буд, ки соли 2005 ба тариқи озмун, ба ҳайси мудири кафедраи филологияи араб ба фаъолият оғоз намудааст. Инак, аз соли 2012 ба минбаъд устод Сайидраҳмон Сулаймонӣ ба сифати профессори кафедраи мазкур кор мекунад.

Агар шохистар баҳс ба миён биёварем, профессор С. Сулаймонӣ фаъолияти басо серсоҳа ва ниҳоят пурмаҳсул дорад. Ӯ устод аст ва агар боз ҳам мушаххастар бигӯем, устоди устодони соҳа эътироф шудааст. Профессор С. Сулаймонӣ ба мутахассисон аз предметҳои таълимии зерин дарс мегӯяд: «Забони арабӣ», «Мадхали тахассус», «Таърихи шарқшиносӣ», «Мулаххаси матбуоти даврии араб», «Таълими матнҳои илмӣ-адабӣ, фалсафӣ, забонӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ», «Забоншиносии араб ва методологияи омӯзиши он» ва ғайра.

Соҳаи дигари фаъолияти бисёрпаҳлу ва пурмаҳсули профессор С. Сулаймонӣ тарҷума ва таҳияи осори фалсафии мутафаккирони тоҷику форс аз забони арабӣ, ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мебошад, ки хеле арзишманд ва писанди аҳли илм қарор гирифтааст. Воқеан, устод Сулаймонӣ тайи 20 соли фаъолияти пурсамар дар Пажуҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (1985-2005) ва ҳатто минбаъд ҳам, як силсила осори Шайхурраис Абуалӣ ибни Синоро тарҷума намуда, ба табъ расонидааст, ки аз силки он осор метавон чандеро номбар кард: «Ал-ҳикмат-ал-машриқия», «Ал-ҳидоя», «Ал-ибора», «Ал-қиёс», «Ал-муғолата», «Китоб-ал-ҳайвон», «Китоб-ан-набот», «Китоб-аш-шифо» ва ғайра. Ё худ аз силки осори динӣ-ирфонии Ибни Сино беш аз 20 рисолаи ӯро тарҷума ва нашр кардааст, ки фузун аз корҳои сомондодаи илмӣ-тадқиқотӣ дар як давраи ҳисоботӣ дар як пажуҳишгоҳ дониста мешавад. Чунончи, номгӯйи баъзе аз он осор: «Ал-ҳудуд», «Андар ахлоқ», «Тафсири Ибни Сино ба бархе аз сураҳо ва оятҳои Қуръон», «Андар ишқ», «Саломон ва Абсол», «Фирдавс дар моҳияти инсон» ва ғайра, ки муҷиби иртифои нуфузу мартабаи ин донишманди хушсалиқа дар ҷомеаи имрӯза маърифат мешавад.

Фаъолияти тарҷумонии профессор Сайид-раҳмон Сулаймонӣ бо он афзал аст, ки ӯ фарогирифтаи чандин забонҳост. Маҳз тавассути заҳматҳои шабонарӯзии ин донишманд, метавон гуфт, ки осори нодири мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс дастраси оламиён гардидааст, ки ин яке аз рисолатҳои сирф таърихии баҷоовардаи С. Сулаймонӣ дар муаррифии осори мутафаккирони тоҷику форс дар сатҳи байналмилалист. Фаразан, маҳз бо саъй ва эҳтимоми С. Сулаймонӣ осори донишманди сатҳи ҷаҳонӣ Ибни Сино бори нахуст бо забони русӣ тарҷума шудааст, ки аз тозакориҳои ӯ дар шуҳратёбии осори ниёи ба ҳисоб меравад.

Аз силки ин осор метавон чандеро номбар намуд: «Восточная философия», «Руководство по философии», «Книга спасения», «Родники

мудрости», «Книги исцеления» ва ғайра. Инчунин, мутарҷим чандин рисолаҳои дигари ин мутафаккирро низ тарҷума намуда, ба табъ расонидааст. Аз ҷумла: «Об определениях», «Комментарии к некоторым сурам Корана», «Об этике», «О любви», «Живой сын Бодрствуюшего», «Саламан и Абсал», «О птицах», «Касида о душе», ки осори фавқуззикр тайи солҳои 2005 то 2019 дар нашриёти «Дониш»-и АМИТ нашр шудаанд.

Профессор С. Сулаймонӣ тавъам бо осори мазкур, як силсила асарҳои фалсафии Умари Хайёмро низ тарҷума кардааст.

Ҳамин тариқ, С. Сулаймонӣ чандин асари дигари Ибни Синоро аз забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ ба забони русӣ тарҷума кардаву соли 2003 нашр кардааст. Тарҷумаҳои С. Сулаймонӣ дар кишварҳои дигари собиқ Шуравӣ низ ба табъ расидаанд, ки натиҷаҳои заҳматҳои бунёдӣ ва сидқию содиқонаи ӯ баҳри муаррифии миллати куҳантаъриху фарҳангсолори хеш аст. Фаразан, рисолаи «Ал-аршия»-и Садриддини Шерозӣ бо заҳмати устод Сулаймонӣ ба забони русӣ тарҷума карда шуда, соли 2004 асари фавқуззикр дар шаҳри Алмаато, таҳти унвони «Небесная мудрость» ба чоп расидааст. Умуман, С. Сулаймонӣ тайи солҳои 1997 то 2004 дар ин мамлакат чандин асари дигарро низ ба забони русӣ тарҷума намуда, дастраси мардум сохтааст, ки аз натоиҷи заҳматқаринии олим башорат медиҳад. Аз он осор метавон чандеро номбар намуд: «Житие Имома Хусайна» (Сайидҷаъфари Шаҳидӣ), «Подобный весенним цветам», «Новый взгляд на жизнь и личность великого Пророка ислама», «Бог в исламской философии» (Муҳаммад Тақӣ Мисбоҳи Яздӣ) ва ғайра.

Профессор С. Сулаймонӣ чанд асари ҳакимонаи адиби садаи XI - Ҳаким Абумуиниддин ибни Ҳорис Носири Хусрави Қубодиёнӣ - «Зоду-л-мусофирин», «Рисолаи ҳикматӣ»-ро ба табъ расонидааст. Ҳамчунин, ӯ «Ақидат-ул-ақоид»-и Насриддини Тӯсиро ба забони русӣ тарҷума кардааст, ки ҳоло дар дасти чоп аст. Фаъолияти С. Сулаймонӣ бисёрсоҳаву серсамт буда, ӯ тавъам бо ҳирфаи устодӣ-омӯзгорӣ, инчунин, тарҷумонӣ, ки қаблан руҷуъ шуд, ба пажуҳишу таҳқиқ низ амиқравиҳои бунёдӣ дорад, ки соҳаи мазкур ҳам натоиҷи дилхоҳ ба бор овардааст. С. Сулаймонӣ хосса дар тарғибу муаррифии осори Ибни Сино ҳампанҷа надорад. Аз тарафи дигар, маҳз амиқравиҳои ӯ ва корҳои бунёдии сомондодааш устодро водор намудаанд, ки соли 1997 дар мавзуи «Таҳаввули истилоҳоти фалсафӣ дар забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ дар пояи мероси фалсафии Ибни Сино» рисолаи докторӣ дифоъ намояд, ки дар филологияи араб нодиртарин бозёфт буд.

Дар иртибот бо масоили фавқуззикр ӯ як силсила асару мақолаҳои илмӣ таълиф намудааст, ки метавон чандеро номбар кард: «Очерки мухтасари сарф (морфология)-и забони арабӣ» (2006), «Китоби хониш» (2006), «Матнҳои баргузида барои қироат» (2013), «Китоби хониш» (2016), «Грамматикаи мухтасари забони арабӣ» (2016), «Очерки мухтасари сарфи забони арабӣ» (бо такмилу таҷдиди назар, (2016), «Чиҳил мақола» (маҷмуаи мақолаҳо (2017), «Панду ҳикматҳо аз адабиёти Мисри Қадим» (20017) ва ғайра. Устод С. Сулаймонӣ барои тақозои кунунии иқтисоди бозоргонӣ ва бо дарназардошти ёрӣ ба мутарҷимону мутахассисони ҷавон соли 1999 «Дастури мукотиботи бозаргонӣ»-ро таълиф намуда буд.

Як рисолати сирф таърихии баҷоовардаи ин донишманди беқиёс дар таълифи фарҳангҳои дузабониву сезабонӣ аст, ки бахши мазкур таъмингари шуҳрати олим дар қаламрави Шарқ гардидааст. Ба назар мерасад, ки ин осор комилан мондагортарин таълифотанд. Яке аз хидматҳои бузурги дар ин ҷода сомондодаи С. Сулаймонӣ таълифи аввалин фарҳанги бузургҳаҷми дузабонӣ таҳти унвони «Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ» (дорои 70000 калима) мебошад, ки соли 2005 рӯйи кор омадааст. Баъдтар фарҳанги фавқуззикр бо такмилу иловаҳои зиёд (дорои 100000 калима) соли 2010 ба табъ расидааст.

Ҳоло профессор С. Сулаймонӣ луғати сезабонии алифбоиеро таҳти унвони «Фарҳанги алифбоии арабӣ-тоҷикӣ-русӣ» (дорои 150 000 калима) ва «Фарҳанги фалсафии арабӣ-тоҷикӣ-русӣ» (шомили 25000 калима)-ро ба анҷом расонида, ба таҳрири пешазнашрӣ сарукор дорад.

Чунин хидматҳои шоистаи олим буд, ки ҳанӯз соли 2012 барои таълифи «Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ» донишмандон аз Донишгоҳи Коҳира, Донишгоҳи ал-Азҳар, Маркази забонҳо ва Академияи забони арабӣ профессор С. Сулаймониро ба ҳайси узви вобастаи Академияи забони арабӣ дар Қоҳира интихоб намудаанд, ки метавон падидаи мазкурро ифтихори миллати тоҷик унвон кард.

Хулоса, заҳматҳои илмию адабии донишмандони асили миллати тоҷик боис шудааст, ки новобаста аз вазъияти сиёсию иқтисодӣ ва мавқеи иҷтимоӣ миллати мо ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун миллати фарҳангофару фарҳангтустар муаррифӣ мешавад.

**Ибодулло АБДУЛЛОЕВ,**
**омӯзгори калони кафедраи**
**таҳсилоти касбӣ ва информатикаи**
**Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос**
**ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф**

# АРЗЁБИИ ТАШАККУЛДИҲАНДА - ҶУЗЪИ АСОСИИ БАНАҚШАГИРИИ ДАРС

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як баромаду суханрониҳои худ ба масъалаи илму маориф таваҷҷуҳи хос намуда, илмро дар авлавияти сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор додааст. Махсусан, Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд, ки: «Рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад».

Ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои созандаи Сарвари давлат дар самти маориф ва илм бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул гардидааст ва мо - омӯзгорон бояд барои рушди таълиму тарбияи шогирдон усулҳоеро коркард созем, ки ба салоҳиятнокии онҳо мусоидат карда тавонад. Ба вежа, дар самти омӯзиш яке аз муҳимтарин воситаи ташхиси натиҷаи таълим арзёбӣ мебошад.

Арзёбӣ ҷузъи калидии раванди таълим буда, аз омӯзгор маҳорати баланди касбиро талаб мекунад, зеро ин раванди доимии назорат ва мушоҳидаи таълими хонанда ба шумор меравад. Арзёбии ташаккулдиҳанда ғайрирасмӣ буда, дар асоси меъёрҳои мутақобилаи хонандаю омӯзгор ба роҳ монда мешавад. Арзёбии диди назар ба омӯзгор имкон медиҳад, ки маводи таълимиро пешакӣ ташхис карда, раванди таълимро ба дараҷаи фаъолияти хонанда мутобиқ созад. Ба хонандагон низ ин навъи арзёбӣ имкон фароҳам меорад, ки сатҳи баланди масъулиятро нисбат ба таълим дарк намоянд. Бояд тазаккур дод, ки арзёбии ташаккулдиҳанда барои беҳбудии таълим ва баландбардории маърифатнокии хонанда ёрӣ мерасонад. Арзёбӣ натиҷаи таҳсили хонандагонро таҳти назорати доимӣ нигоҳ дошта, дараҷаи азхудкунии хонандагонро ташхис медиҳад, ба онҳо ёрӣ мерасонад ва раванди таълимро дуруст роҳандозӣ мекунад. Одатан банақшагирии раванди таълим дар асоси натиҷаи арзёбӣ ба роҳ монда мешавад, ки чунин аст:

**1. Арзёбии ташакккулдиҳанда - ҷузъи асосии банақшагирии дарс**

Дар ин намуди арзёбии ташаккулдиҳанда омӯзгор ҳангоми банақшагирии дарс фаъолиятҳоеро бояд ба нақша гирад, ки ҳам ба омӯзгор ва ҳам ба хонанда барои назорати раванди таълим шароит фароҳам оварда тавонад. Ин намуди арзёбӣ, асосан, бо се рукн тарҳезӣ карда мешавад:




Дар раванди омӯзиш ба роҳ мондани чунин намуди арзёбӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дар марҳалаи банақшагирии дарс роҳу воситаҳои арзёбӣ муайян шуда, дараҷаи эътимоднокии он таҳлил карда шавад.

**2. Арзёбии ташаккулдиҳандаи ба таҳлили раванди омӯзиш нигаронидашуда**

Мақсади ба роҳ мондани чунин шакли арзёбӣ аз он иборат аст, ки хонандагон бояд дар раванди омӯзиш ба саволҳои зерин ҷавоб диҳанд:




Ин шакли арзёбӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки раванди таълимро таҳлил карда, ба дараҷаи дониши азхудкардаашон боварӣ ҳосил намоянд. Пас аз иҷрои ҳар як фаъолияти таълимӣ омӯзгорро лозим аст, ки ба воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда дараҷаи фаъолияти хонандагонро муайян намуда, таҳлил ва хулоса борораду фаъолияти минбаъдаи худро аз рӯйи натиҷаҳои ниҳоӣ муайян намояд.

**3. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун меҳвари дарс**

Ҳар як фаъолияти таълимӣ, ки дар дарс амалӣ карда мешавад, бояд хусусияти арзёбии ташаккулдиҳанда дошта бошад, ба монанди супоришҳои амалӣ, саволу ҷавоб ва дигар фаъолиятҳои таълимӣ тарзе тарҳрезӣ карда шавад, ки ба хонандагон имкон фароҳам оварад, то ин ки раванди омӯзиши худро таҳлил карда тавонанд.

**4. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун рукни асосии омодагии касбии омӯзгор**

Омӯзгорро лозим аст, ки дар раванди фаъолияти худ дониш ва маҳорати касбии худро баланд бардорад, малакаю маҳорати истифодаи воситаҳои гуногуни арзёбӣ дошта бошад ва онҳоро амалӣ карда тавонад. Манбаъҳои омӯзиш ва баланд бардоштани малакаю маҳорати омӯзгор чунин аст, ба ҷадвал нигаред:




**5. Арзёбии ташаккулёбандае, ки ба дастовардҳои таълимии хонанда равона шудааст**

Натиҷаи асосии кори ҳаррӯзаи омӯзгорро дастовардҳои хонанда ташкил медиҳад, ки дар давоми омӯзиши худ соҳиб шудааст. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгорро лозим аст, ки тамоми дастовардҳои таълимии хонандаро ба эътибор гирифта, онро қадрдонӣ кунад. Ҳар як хонанда бояд имкони гирифтани тавсия, тақриз ва таҳлили фаъолияти худро дошта бошад. Агар омӯзгор дастовардҳои хонандагонро дуруст арзёбӣ накунад ва ҳавасманд нагардонад, қобилияти маърифатҷӯии хонанда паст мегардад. Аз ин рӯ, бояд ҳар як дастоварди хонанда дар доираи имкон қадрдонӣ карда шавад.

**6. Арзёбии ташаккулдиҳандаи асоснок ва қабулгардида**

Омӯзгор ҳангоми пешниҳоди тавсияю натиҷаҳои арзёбӣ бояд чӣ гуна таъсир доштани онро ба эътибор гирад? Тавсияҳо ба хонанда то кадом андоза таъсири манфӣ ё мусбат расонида метавонад? Тавсия ва нишондодҳое, ки омӯзгор ба натиҷаи кори хонанда медиҳад, бояд ба тамоми фаъолияти хонанда иртибот гирад, на ба шахсияти ӯ. Тавсияву тақризҳое, ки омӯзгор ба хонанда медиҳад, бояд ба фаъолияти хонанда асоснок бошад, то зинаҳои дигари таҳсил ба натиҷаи хуб ноил шудани ӯ мусоидат кунад.

Дар ин намуди арзёбӣ натиҷаи он бояд боиси қабули тарафҳо бошад.

**7. Арзёбии ташаккулдиҳандае, ки ба шавқу ҳаваси хонанда нигаронида шудааст**

Арзёбӣ барои баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагон ба таҳсил нақши муҳимме дорад. Омӯзгорро лозим аст, ки дар раванди арзёбӣ аввал ба дастовардҳои хуби хонанда диққат диҳад, сипас, фаъолияти дигари он, аз ҷумла, ғалату камбудиҳои ӯ таҳлил карда шавад. Тавсия карда мешавад, ки омӯзгор ҳангоми муошират ва таҳлили фаъолияти хонанда дар қадами аввал ҷиҳатҳои хуби корро баррасӣ кунад, баъд аз он роҳу усулҳои такмилдиҳии фаъолияти хонандаро мавриди амал қарор диҳад. Дар ин ҳолат хонанда ҳавасманд шуда, омӯзиши худро такмил медиҳад.

**8. Арзёбии ташаккулдиҳандаи ба рушди минбаъдаи хонанда таъсиррасон**

Барои таъсир расонидан ба самти рушди минбаъдаи хонандагон аз тарафи омӯзгор тавсияҳо дода шавад, ки боиси инкишофи минбаъдаи хонандагон шуда тавонад. Тавсияҳои омӯзгор бояд ба чунин шакл бошанд:




Тавсияҳо ҳамчун дастур пешниҳод карда мешаванд, то ки хонандагон самти такмилдиҳии омӯзишашонро пурра дарк карда тавонанд, дар ин маврид савияи донишашонро инкишоф дода, ба натиҷаҳои назаррас соҳиб шуда тавонанд.

**9. Арзёбии ташаккулдиҳандаи мақсади таълим ва меъёрҳои он**

Хонанда дар раванди таълим бояд аз мақсади таълим огоҳ бошад, моҳияти омӯзиши онро дарк карда тавонад, то он ки мақсади онро фаҳмида, дар хусуси гирифтани таълим масъулияти баланд ҳис намояд. Чунин намуди меъёрҳои таълим се рукни асосиро дар бар мегиранд:




Омӯзгор дар оғози дарс мақсади омӯзиши онро муаррифӣ карда, дар раванди таълим бояд натиҷаи ниҳоияшро нишон диҳад. Хонанда низ бояд дарк карда тавонад, ки ҳар як дигаргуние, ки дар омӯзишаш пайдо мешавад, мавриди таваҷҷуҳ ва таҳлили омӯзгор қарор дода мешавад. Бояд тазаккур дод, ки амалисозии меъёрҳои арзёбӣ ва донистани он ба хонанда имкон медиҳад, ки тамоми фаъолияти таълимиашро ба тартиб дарорад ва онро барои ба даст овардани мақсаду натиҷаҳои муайян равона созад. Ба ҳамаи меъёру натиҷаҳои арзёбӣ бояд хонанда огоҳ бошад ва иштирок намояд. Дар робита ба ин, бояд зикр намуд, ки арзёбии ташаккулдиҳанда барои баланд бардоштани фаъолияти ҳаррӯза ва минбаъдаи хонандагон мавқеи асосӣ дошта, раванди таълим низ аз тарафи омӯзгор мавриди назорату таҳлил қарор дода мешавад. Баррасии арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгор имкон медиҳад, ки раванди таълимро мушоҳида намуда, ба ин васила, бо маслиҳату машварат фаъолияти худро барои расидан ба мақсадҳои ниҳоии таълим равона созад. Ин навъи арзёбӣ хонандагонро водор месозад, ки фаъолияти ҳаррӯзаи худро инкишоф диҳанд, барои дастрасии фаъолияти ояндаашон шароиту имконият фароҳам созанд.

**Қурбон СИРОҶОВ,**
**омӯзгори фанни ҳуқуқи инсони**
**мактаби №6-и ноҳияи Тоҷикобод**



# ИНЪИКОСИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ДАР АШЪОРИ УСТОД АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Ба ҳамагон маълум аст, ки устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар баробари шоири маъруф, мутрибу сароянда машҳур будан, дигар илмҳои замонаи худро низ ба дараҷаи аъло аз худ карда буд. Дар эҷодиёти мавзуъҳои қонун, ҳуқуқҳои инсон ва риояи онҳо, адолат, ахлоқи пок, одамият, дӯстӣ, дастгирии якдигар, тарғиби илму дониш ва монанди ин дигар мавзуъҳо инъикос ёфтаанд. Ҳар як омӯзгор метавонад дар дарсҳои худ аз ашъори рангини падари шеъри форсӣ дар ҳар мавриде истифода барад, аз ҷумла дар дарсҳои «Ҳуқуқи инсон» низ омӯзгорон имконияти хуби истифодаи ашъори ӯро доранд.

Истифодаи шеърҳои устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар дарсҳои «Ҳуқуқи инсон» аз як тараф ба алоқамандии фанҳо ва мавзуъҳо сабаб гардад, аз тарафи дигар дарсҳои ин фанро дар доираи чорабиниҳои соли маърифати ҳуқуқӣ тароввати маънавӣ бахшида, шавқовар менамояд.

Ин ҷо мехостам ба ҳамкорони худ таҷрибаи ҳосилнамудаамро манзур намоям, шояд барои ҳамкасбон дар раванди дарсҳо истифода гардад. Ман дар дарсҳои худ (мавзуъҳои алоҳида) аз шеърҳои устод Рӯдакӣ истифода мебарам. Ҳангоми гузаштани мавзуи «Ғояҳои ҳуқуқи инсон дар афкори мутафаккирони форсу тоҷик» (синфи 10) махсус ба эҷодиёти устод такя мекунам. Зеро устод дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон панду андарзҳои зиёде гуфтааст. Ӯ инсонҳоро новобаста аз вазъи иҷтимоӣ дар як сатҳ мегузорад. Мардӣ ва ҷавонмардиро ба шахсоне, мансуб медорад,



ки дасти маъюбону бечорагон, ятимону фитодагонро мегиранд:

**Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,**
**Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.**
**Мардӣ набувад фитодаро пой задан,**
**Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.**

Ин рубоии машҳури устодро ҳангоми гузаштани мавзуи «Ҳуқуқҳои ашхоси имконияташон маҳдуд ва пиронсолон (синфи 11) истифода бурдан хеле мувофиқ аст. Зеро бар «кӯру кар ар нукта» нагирифтан ба пиндори шоир нишона ва аломати мардонагӣ мебошад!

Инчунин, дар «Қасидаи шикоят аз пирӣ» шоир аз даврони пирӣ ҳамчун даврае, ки инсон муҳтоҷи ёрӣ ва дастгирист ёдовар шуда, зарурати нигоҳубин ва ҳифзи ҳуқуқҳои пиронсолонро таъкид кардааст. Дар вақти таълими мавзуи «Ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ» (ҳам дар синфи 10 ва ҳам синфи 11) барои омӯзгор имконияти бештари истифодаи панду андарзҳои устод фароҳам аст. Зеро устод фарҳангро дараҷаи олии пайвастани ақл, дониш, маърифат, адаб медонад ва ҳамаи инсонҳоро барои баҳра бурдан аз ин сарват даъват менамояд, Фарҳангро ба як ганҷинаи бебаҳое монанд мекунад ва мардумро мефармояд, то рӯй ба ин ганҷ ниҳанд:

**Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,**
**То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ.**

Чун ҳуқуқ ба таҳсил низ яке аз ҳуқуқҳои фарҳангии инсон аст, ҳангоми гузаштани ин мавзуъ метавонем мисраи машҳури устодро оид ба таҳсил, донишомӯзӣ, аҳамияти илму дониш истифода барем.

**То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,**
**Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.**
**Мардумони бихрад андар ҳар замон,**
**Роҳи донишро ба ҳар гуна забон.**
**Гирд карданду гиромӣ доштанд,**
**То ба санг андар ҳаме бингоштанд.**
**Дониш андар дил чароғи равшан аст,**
**В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.**

Ин мисраъҳои ба дониш бахшидашударо дар мавзуи «Мафҳуми фарҳанги ҳуқуқи инсон» истифода бурдан мумкин аст. Чунки илму дониш дар ҳама давру замон ҳамчун равшангари роҳи зиндагӣ хизмат менамояд. Ҳар як шахс барои ба даст овардани дониш, махсусан дар давраи мактабӣ бояд кӯшишу ғайрат намояд.

Дар вақти гузаштани мавзуи «Арзишҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқҳои инсон (синфи 10) қайд мекунам, ки мазмуни асосии ҳуқуқҳои инсонро инсондӯстӣ ташкил медиҳад. Меҳру муҳаббат ба инсон, волоияти мақоми иҷтимоии он ва ҳимояи манфиатҳои он ҳуқуқи инсонро ба вуҷуд овардааст. Инсондӯстӣ волотарин ғояест, ки устод Рӯдакӣ дар эҷодиёти худ онро тарғиб кардааст. Устод мегӯяд:

**Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,**
**Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт.**

Ин мисраъро ҳангоми мавзуи «Ифротгароӣ ва масъалаи ҳимояи ҳуқуқҳои инсон» (синфи 11) низ истифода бурдан мумкин аст. Аз он сабаб, ки имрӯзҳо масъалаи ифротгароӣ ва шомилшавии баъзе аз ҷавонони гумроҳ ба гурӯҳҳои ифротӣ ба масъалаи доғи рӯз табдил ёфтааст. Муаллим, инчунин, метавонад мисраъҳои **«Замона гуфт маро, хашми хеш дор нигоҳ, Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст»**-ро ҳангоми гузаштани мавзуи «Озодии сухан» (синфи 10) барои муқоисаи озодии сухан дар замони устод ва замони ҳозира биёрад. Ба шогирдон фаҳмонидани он нукта муҳим аст, ки ҳар як шахс дар баробари доштани озодии сухан маҳдудиятҳои онро низ дониста, ҳатман онҳоро бояд риоя намояд.

Хулоса, ашъори устод пур аз байтҳои аҳамияти тарбиявӣ, инсондӯстӣ, адлу инсоф, некию накӯкорӣ, дӯстию рафоқат дошта мебошанд ва ҳар як омӯзгор дар ҷараёни дарсҳои худ метавонад аз онҳо истифода барад.

ИЛМҲОИ ДАҚИҚ

**Рамазон ШАРИФОВ,**
**омӯзгори химия ва биологияи Литсейи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**

# ҶОИЗАИ БОНУФУЗТАРИНИ ҶАҲОН - НОБЕЛ КАЙ ВА ЧӢ ТАВР ТАЪСИС ЁФТААСТ?

ҶОИЗАИ НОБЕЛ (ба забони шведӣ-Nobelpriset, англисӣ-Nobel Prize) яке аз бонуфузтарин ҷоизаҳои байналхалқӣ мебошад, ки ҳар сол барои тадқиқотҳои барҷастаи илмӣ, ихтироъкориҳои илмӣ-амалӣ, саҳми бузург гузоштан дар фарҳангу адабиёт, рушди ҷомеа, таъмини сулҳу амният супорида мешавад. Дар ин навишта мехостам, каме дар бораи ин ҷоизаи муътабари байналмилалӣ ба хонандагони маҷаллаи “Маърифати омӯзгор”-устодону омӯзгорони арҷманди кишвар маълумоти мухтасар пешниҳод намоям, то ҳангоми баргузории дарсҳо, хусусан, илмҳои дақиқ аз ин иттлоот самаранок истифода намоянд.  Ҷоизаи Нобел мувофиқи васиятнома (мероснома)-и Алфред Нобел соли 1895 таъсис ёфтааст. Дар соли 1901 нахустин бор Ҷоизаи Нобел ба гирандагони он эҳдо шуд. Тибқи васияти ӯ панҷ ҷоиза ба таври солона ба олимони соҳаҳои физика, химия, физиология ва тиб, адабиёт ва сулҳ, ки бештарин хидматро ба мардум кардаанд, супорида мешавад. Шашумин ҷоиза, яъне, ҷоиза оид ба илмҳои иқтисодӣ низ аз соли 1969 инҷониб бо ташаббуси Бонки Шветсия таъсис дода шудааст, ки онро ғайрирасмӣ Ҷоизаи Нобел барои соҳаи иқтисод меноманд.

## АЛФРЕД БЕРНХАРД НОБЕЛ КӢ БУД?

АЛФРЕД БЕРНХАРД НОБЕЛ химики швед, кашшофи моддаи тарканда динамит ва яке аз машҳуртарин олимони ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Алфред Нобел аз зумраи онҳоест, ки пеш аз вафоти худ хабари фавтиданашро аз рӯзнома хондааст. Ин олими номвар 21-уми октябри соли 1833 дар шаҳри Стокголм, Иттиҳоди Шветсия ва Норвегия, дар оилаи муҳандис таваллуд шудааст. Вай сеюмин фарзанди оила буда, таҳсилро дар зодгоҳ гирифтааст. Дар олами илм Алфредро ҳамчун химик, инженер ва ихтироъкор мешиносанд. Нобел дар зиндагӣ бисёр шахси сарватманд, муваффақ ва илмдӯст буд. Ӯ қисми зиёди даромади худро аз 355 ихтирооти худ ба даст оварда буд, ки машҳуртарин ихтироаш динамит (соли 1867) буд. Алфред Нобел 10-уми декабри соли 1896 аз сабаби хунравии мағзи сар дар Сан-Ремои Италия даргузашт. Дар қабристони Норра-Солна, ки яке аз қабристонҳои калонтарини шаҳри Стокголми Шветсия аст, ба хок супорида шуд.







## САБАБИ ТАЪСИСИ ҶОИЗАИ НОБЕЛ ДАР ЧИСТ?

Бародари Нобел Людвиг дар яке аз таркишҳо

даргузашт ва бо иштибоҳи рӯзноманигорон дар рӯзномаҳо дар бораи марги худи Алфред Нобел эълон нашр карданд. Пас аз мутолиаи мақолаи яке аз рӯзномаҳои фаронсавӣ тахти унвони «Тоҷири марг мурдааст», Нобел дар бораи он фикр ва эҳсоси надомат кард, ба худ савол дод, ки агар воқеан ин марги бародарам не, балки марги ман мебуд, мардум чӣ гуна маро ба ёд меоварданд? Барои як олим ин хуб аст ё бад? Ё барои ихтирои аслиҳаи ҷонгудоз – динамит маро накуҳиш карданд? Ӯ фаҳмид, ки дигар роҳи пахншавии ин аслиҳаро гирифта намешавад (чун дар истифодаи омма қарор дошт).

- Ман бояд коре кунам, ки пас аз марг маро на бадӣ, балки ба хубӣ ва ҳамчун як олим шиносанд.

Баъдан васиятномаашро тағйир дод. Ҳоло тамоми олам Алфред Нобелро чун як олими барҷастаи соҳаи химия ва асосгузори Ҷоизаи ҷаҳонии Нобел мешиносанд, на ҳамчун ихтироъкори динамит.

## ВАСИЯТНОМАИ АЛФРЕД НОБЕЛ КАЙ НАВИШТА ШУД?

Васиятномаи Алфред Нобел 27 ноябри соли 1895 навишта шуда, дар моҳи январи соли 1897 барои омма эълон карда шуд.

Матни аслии васиятнома чунин аст:

“Тамоми амволи манқул ва ғайриманқули ман аз ҷониби иҷрокунандагони ман бояд ба дороиҳои пардохтпазир табдил дода шаванд ва сармояи ба ин тартиб ҷамъовардашуда бояд дар бонки боэътимод ҷойгир карда шавад. Даромади маблағгузорӣ бояд ба фонде тааллуқ дошта бошад, ки онро ҳар сол дар шакли мукофот ба онҳое тақдим карда шавад, ки дар давоми соли гузашта ба ҳаёти инсоният нафъи калон расондаанд. Фоизи нишондодашуда бояд ба панҷ қисми баробар тақсим карда шавад ва ба панҷ соҳаи зерин эҳдо гардад:

**ЯКУМ** — ба касе, ки дар соҳаи физика муҳимтарин кашфиёт ё ихтироъ мекунад;

**ДУЮМ** — ба касе, ки дар соҳаи химия муҳимтарин бозёфт мекунад;

**СЕЮМ** — ба касе, ки дар соҳаи физиология ё тиб бозёфти муҳимтарин мекунад;

**ЧОРУМ** — ба касе, ки барҷастатарин асари адабии самти идеалистӣ эҷод мекунад;

**ПАНҶУМ** — ба касе, ки дар кори ягонагии халқҳо, барҳам додани ҷангу низоъҳои байналмилалӣ ё байналхалқӣ ва барои пешбарӣ намудани конгрессҳои сулҳу осоиштагии мардум



ҳиссаи калон гузоранд.

Ҳамзамон, тақдим ва муайян кардани ҷоизаҳо дар соҳаи физика ва химияро Академияи Шоҳигарии Илмҳои Шветсия, соҳаи физиология ва тибро Институти Шоҳии Каролинска (дар шаҳри Стокголм), оид ба адабиётро Академияи Шветсия (Стокголм) ва Ҷоизаи сулҳро аз ҷониби панҷ нафар аъзои комитети Стортинги Норвегия таъйин кунанд ва супоранд. Орзуи вижаи ман ин аст, ки ҳангоми супурдани ҷоизаҳо миллати номзадҳо ба назар гирифта нашавад ва сазовортаринҳо новобаста аз скандинавӣ будан ё набудани онҳо ин ҷоизаро гиранд".

## АРЗИШИ ҶОИЗАИ НОБЕЛ ЧӢ ҚАДАР АСТ?

Эквиваленти он пурра муайян карда нашудааст, зеро ба маблағи дар бонкгузошташуда ё ба қурби асъор вобастагӣ дорад. Мисол: дар аввал арзиши Ҷоизаи Нобел 10 миллион кронаи шведӣ (қариб 1,05 млн евро ё 1,5$ млн доллари ИМА )-ро ташкил медод. Ҳоло бошад ҳар як ҷоиза 950 000 доллари амрикоӣ арзиш дорад.

## ҚОИДАҲОИ СУПОРИДАНИ МУКОФОТ ЧӢ ГУНА АСТ?

Ҳуҷҷати асосие, ки қоидаҳои додани ҷоизаро танзим мекунад, муқаррароти Хазинаи Нобел мебошад. Мукофот танҳо ба шахсони алоҳида, яъне, худи шахс дода мешавад, на ба муассисаҳо (ба истиснои мукофоти сулҳ). Ҷоизаи сулҳ метавонад ба шахсони алоҳида, инчунин, ба ташкилоти расмӣ ва ҷамъиятӣ дода шавад. Мутобиқи банди 4-и оиннома дар як вақт метавонад як ё ду асар мукофотонида шавад, аммо шумораи умумии гирандагон набояд аз се нафар зиёд бошад. Гарчанде ки ин қоида танҳо дар соли 1968 ҷорӣ карда шуда буд, он ҳамеша воқеан эҳтиром карда мешавад. Дар ин маврид мукофоти пулӣ дар байни лауреатҳо ба таври зерин тақсим карда мешавад: мукофот аввал байни асарҳо ва баъд дар байни муаллифони онҳо баробар тақсим карда мешавад. Ҳамин тавр, агар ду кашфиёти гуногун мукофотонида шавад, ки яке аз онҳоро ду кас сохта шудааст, пас охирин 1/4 қисми пулии мукофотро мегирад.

## ОЁ ҶОИЗАСУПОРӢ ЯГОН САНАИ МУАЙЯН ДОРАД?

Ҳар сол рӯзи вафоти Алфред Нобел - 10-декабр дар зодгоҳаш шаҳри Стокголми Шветсия бо тантана супорида мешавад.

## ҶОИЗАИ НОБЕЛ БА КИҲО ДОДА МЕШАВАД?

Дар васиятномаи Алфред Нобел қабл аз маргаш навишта шуда буд, ки ин ҷоиза ба намояндагони панҷ соҳа: физика, химия, физиология ва тиб, адабиёт ва сулҳ, ки бештарин хидматро ба мардум кардаанд, супорида шавад.

## Аз оғози таъсиси Ҷоизаи Нобел то ҳозир чанд нафар сазовори он гардиданд?

| № | СОҲАЕ, КИ ҶОИЗА ДОДА МЕШАВАД | АЗ КАЙ БОЗ СУПОРИДА МЕШАВАД | МАКОНИ ҶОИЗАСУПОРӢ | ТО ҲОЛ ЧАНД НАФАР ИН ҶОИЗАРО ГИРИФТААНД |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Физика | аз соли 1901 | Шветсия | 227 нафар |
| 2. | Химия | аз соли 1901 | Шветсия | 192 нафар |
| 3. | Физиология ё тиб | аз соли 1901 | Шветсия | 226 нафар |
| 4. | Адабиёт | аз соли 1901 | Шветсия | 120 нафар |
| 5. | Тарғиби сулҳ дар тамоми дунё | аз соли 1901 | Норвегия | 111 нафар |

## ОЁ МЕТАВОНАД ЯК ШАХС ЧАНД МАРОТИБА САЗОВОРИ ҶОИЗАИ НОБЕЛӢ ГАРДАД?

Ҷоизаҳо (ба ҷуз Ҷоизаи сулҳ) танҳо як маротиба дода мешаванд, аммо дар таърихи ҷоиза чанд истисно аз ин қоида вуҷуд дошт, панҷ

## ИЛМҲОИ ДАҚИҚ

### РӮЙХАТИ АВВАЛИН БАРАНДАГОНЕ, КИ ДАР ПАНҶ СОҲА САЗОВОРИ ҶОИЗАИ НОБЕЛ ГАРДИДААНД

| № | НОМИ СОҲА | СОЛ | БАРАНДА (ному насаб, соли таваллуд, кишвар) | БАРОИ КАДОМ КАШФИЁТ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Физика | 1901 | Рентген Вилҳелм (1845-1923), Германия | Кашфи нурҳои аҷибе, ки баъдан ба номи худаш гузошта шуд |
| 2. | Химия | 1901 | Генри Якоб Вант Гофф (1852-1911), Германия | Кашфи қонуни динамикаи химиявӣ ва фишори осмотикӣ дар маҳлулҳо |
| 3. | Физиология ва тиб | 1901 | Эмил Адолф фон Беринг (1854-1917), Германия | Кашфи роҳҳои муолиҷаи бемории дифтерия ва зардоб |
| 4. | Адабиёт | 1901 | Сюли Придом, Фаронса | Барои фазилатҳои адабӣ ва бо ҳам пайвастани фавқулодаи руҳу истеъдод дар асарҳояш |
| 5. | Тарғиби сулҳ дар тамоми дунё | 1901 | Анри Дюнан (1828-1910), Швейцария | Бахри ҳамкорӣ ва осоиштагии халқҳо ва асосгузори кумитаи байналмилалии Салиби Сурх |
| | | | Фредерик Пасси (1822-1912), Фаронса | Барои саъю кӯшиши чандинсолаи муҳофизати сулҳ. Асосгузор ва президенти лигаи сулҳ ва озодӣ |

нафар ду маротиба ҷоизаи Нобелро гирифтанд:

• Мари Склодовская-Кюри, соли 1903 дар физика ва соли 1911 дар химия.

• Линус Полинг, химия дар соли 1954 ва мукофоти сулҳ дар соли 1962.

• Ҷон Бардин, ду ҷоиза дар соҳаи физика, дар солҳои 1956 ва 1972.

• Фредерик Сангер, ду ҷоиза дар соҳаи химия, дар солҳои 1958 ва 1980.

• Барри Шарплесс, ду ҷоиза дар соҳаи химия, дар солҳои 2001 ва 2022.

### ТАШКИЛОТЕ, КИ ЯКЧАНД МАРОТИБА САЗОВОРИ ИН ҶОИЗАИ НОБЕЛӢ ГАРДИДААНД:

• Комитети байналхалқии Салиби Сурх се маротиба - дар солҳои 1917, 1944 ва 1963 бо мукофоти сулҳ сарфароз гардидааст.

• Идораи Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезаҳо ду маротиба, дар солҳои 1954 ва 1981 Ҷоизаи сулҳро гирифтааст.

### ОИЛАЕ, КИ АЗ ҲАМА ЗИЁД САЗОВОРИ ИН ҶОИЗА ГАРДИДААСТ:

Соли 1903 ҳамсарон - Пер Кюрӣ ва занаш Мария Склодовская Кюрӣ, аввалин зане, ки барандаи ҷоиза гардид, ҷоизаи Нобелро дар соҳаи физика гирифтанд. Пас аз марги шавҳараш Мария дар соли 1911 ҷоизаи дуюми Нобелро дар соҳаи химия гирифт. Соли 1935 духтари калонии онҳо Ирен Ҷолиот-Кюрӣ ҳамроҳи шавҳараш Фредерик Жулио-Кюрӣ низ соҳиби мукофоти Нобел дар соҳаи химия гардиданд.

### ОЁ ДАР ДИГАР СОҲАҲО НИЗ ЧУНИН ҶОИЗАҲОИ БОНУФУЗ ВУҶУД ДОРАД?

Барои намояндагони соҳаҳои дигари илм ва санъат, ки Нобел онҳоро аз таваҷҷуҳи худ дур кардааст, мукофотҳое ҳастанд, ки аз ҷиҳати мақому мартаба ба ҷоизаи Нобел нисбатан наздиканд. Барои риёзидонон ин, пеш аз ҳама, ҷоизаҳои Ҳобил ва Филдс мебошанд. Дар соҳаи дин ба ҷоизаи Нобел ҷоизаи Темплтон монандӣ дорад.

### АЗ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ЯГОН НАФАР САЗОВОРИ ИН ҶОИЗА ГАРДИДААСТ?

Боиси қайд аст, ки се нафар аз давлатҳои наздикии мо Малола Юсуфзай (соли тав. 1997) аз кишвари Покистон дар соҳаи сулҳ - соли 2014, ҳамчун ҷавонтарин зан, ки сазовори ин ҷоиза гардидааст, Султон Азизӣ аз Туркия, дар соҳаи биология соли 2016 ва Наргис Муҳаммадӣ (соли тав. 1972) аз Ҷумҳурии исломии Эрон дар соҳаи сулҳ сазовори ин ҷоизаи бонуфуз гардидаанд.

**Шоиста САИДОВА,**
**омӯзгори Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент**

# ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕДАГОГӢ ВА ИТТИЛООТИИ МУОСИР ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Имрӯз дар кишвари мо раванди такмилу таҷдиди низоми таълим ҷараён дорад, ки он барои ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ равона гардида аст. Ин ҳолат дар назария ва амалияи раванди таълими педагогӣ дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал меорад. Ҷойи як низомро равишҳои нав, муносибатҳои гуногун, рафтори дигар ва тафаккури нави педагогӣ мегирад. Амиқан, барои ин дигаргунӣ технологияи педагогӣ муҳим мебошад.

Ҷиҳати дарки амиқи мафҳуми технологияи педагогӣ, ки ба истилоҳоти педагогии муосир устуворона ворид шудааст, чанд намуна манзур менамоем:

• Технологияи педагогӣ модели мукаммали фаъолияти муштараки педагогӣ дар лоиҳакашӣ, ташкил ва пешбурди раванди таълим бо муҳайё намудани шароити мусоид барои хонандагон ва муаллим мебошад.

• Технологияи педагогӣ равиши муназзами ба офаридан, татбиқ намудан ва муайян кардани тамоми раванди таълиму тарбия бо дарназардошти захираҳои техникӣ ва инсонӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо мебошад, ки мақсадаш беҳтар намудани шаклҳои таълим аст.

Ҳамин тариқ, технологияи педагогӣ вазифаҳои илмро дар бар мегирад, ки чӣ тавр оқилонатар кардани таълим, принсипҳо ва усулҳои дар раванди таълим истифодашаванда, инчунин, сифати раванди таълимро меомӯзад.

Технологияи иттилоотӣ (бо забони англисӣ IT) як синфи васеи фанҳо ва соҳаҳои фаъолиятест, ки бо технологияҳои идоракунӣ ва коркарди додаҳо, аз ҷумла, технологияҳои компютерӣ истифода мегардад. Имкониятҳои афзояндаи технологияҳои иттилоотӣ барои рушди низоми маориф на танҳо дар кишвари мо, балки берун аз он низ мусоид аст.

Равандҳои ҷомеаи муосир нишон медиҳад, ки дар ҳар як низоми корӣ мутахассисе лозим аст, то фаъолияти худро ба нақша гирифта, мушкилотро зуд ва мустақилона ҳал кунад ва аз воситаҳои гуногуни техникаи иттилоотӣ бо камоли кордонӣ истифода бибарад. Инчунин, ба натиҷаҳои фаъолияти касбии худ баҳогузорӣ карда, фазои иттилоотиро озодона паймоиш кунад ва донишу малакаи худро такмил диҳад. Бо ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар ҳаёти донишомӯзон ин талабот комилан имконпазир мегардад.

Тағйироте, ки дар соҳаи коркарди иттилоот, муносибатҳои виртуалӣ, рушд ва таҷдиди муҳити иттилоотӣ ба амал меоянд, дар маҷмуъ, ба раванди таълим таъсир ва дигаргуниҳои ҷиддӣ ворид мекунанд. То имрӯз роҳҳои гуногуни истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим вуҷуд доранд. Аз ҳама ҷолиб, ба андешаи банда маҳсулоти таълимии нармафзор, технологияҳои интернетӣ, дарсҳои виртуалии коллективӣ (конференсияҳо, семинарҳо, мубоҳисаҳо) мебошанд, ки имконоти онҳо бо рушди алоқаи рақамӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Бахшҳое аз васоити ахбори омма ба ин марбут аст, ки бо истифода аз технологияҳои навтарини таълимӣ дар вебсайтҳои худ воҳӯриҳои интерактивии назарияпардозону коршиносон бо истеҳсолкунандагон ва таҷрибаомӯзони ин соҳаро, ки ба пайгирии иттилооти навтарин ва таълимӣ машғул ҳастанд, баргузор месозанд.

Дар низоми маориф зарурияти ба кор бурдани шаклу воситаҳои нави таълим вобаста ба инкишофи илм, техника ва тафаккури ҷамъиятӣ ба миён омадааст. Технологияи иттилоотӣ яке аз чунин воситаҳои таълим аст, ки ба рушди

малакаҳои тадқиқотии донишҷӯён мусоидат мекунанд, раванди таълимро шавқовар мегардонанд (барои зинаҳои ибтидоии таҳсил бо унсурҳои бозӣ). Истифодаи воситаҳои муосири техникӣ ва технологияҳои нави иттилоотӣ дар раванди таълим хотира, зеҳн, мушоҳидакориро фаъол ва тарбия мекунад. Инчунин, диққати хонандагонро мутамарказ мекунад, ба онҳо барои ба таври дигар баҳо додан ва ба иттилооти пешниҳодшуда ҷалб шуданро мусоидат мекунад.

Истифодаи компютер дар синф пешниҳоди иттилооти таълимиро гуногунтар мегардонад. Истифодаи садо, графика, ранг ва таҷҳизоти муосири видеоӣ имкон медиҳад, мавзуъро ба таври амалӣ мушоҳида кунем! Ҳамаи ин, ҳавасмандии хонандагонро ба раванди таълим зиёд мекунад. Илова бар ин, истифодаи технологияи иттилоотӣ дар дарс яке аз сабабҳои аз байн бурдани нокомӣ дар ҷараёни дарс мебошад. Ҳангоми кор дар компютер донишомӯз имкон дорад, ки дар иҷрои супориш фаъол бошад ва онро ба анҷом расонад. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки истифодаи технологияи компютерӣ ҷанбаҳои мусбати зеринро медиҳад:

**- маҳсулнокии дарсҳоро баланд мебардорад;**

**- раванди таълимро ҷолиб мегардонад;**

**- муносибати тафриқавӣ ба омӯзишро имкон медиҳад;**

**- назорати саривақтӣ ва объективии донишҳоро таъмин мекунад.**

Компютерҳо муддати тӯлонӣ дар соҳаи маориф истифода мешаванд. Вақте татбиқи онҳо ба қадри кофӣ васеъ гардид, истилоҳи «Технологияи нави иттилоотии таълим» пайдо шуд. Технологияҳои иттилоотӣ инҳоро дар бар мегиранд:

**- таълими барномарезишуда;**

**- олами микро;**

**- омӯзиши зеҳнӣ;**

**- системаҳои экспертӣ;**

**- намоишҳо;**

**- гиперматн;**

**- мултимедиявӣ;**

**- омӯзиши симулятсия.**

Вобаста ба вазъият ва ҳадафҳои омӯзиш, ин ё он усули мушаххас метавонад истифода шавад. Имрӯз истифода аз технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим як мавзуи доғ аст. Омӯзгор бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ имкон дорад, омӯзиши маводро аёнтару ҷолибтар гардонад, инчунин, робитаҳои байнифанниро нишон диҳад.

Бояд қайд кард, ки чунин шакли технологияҳои иттилоотӣ, ба монанди эҷоди презентатсияҳо аз имконияти муаррифии аниматсионии мавод истифода мебаранд. Масалан, гардиши сохтори сеченакаи формулаи химиявӣ ё назорати ҳаракати объектҳои алоҳида бо истифода аз унсурҳои идоракунӣ, ба монанди тугмаҳо намоиш дода мешавад, чунки нақши технологияҳои иттилоотӣ дар татбиқи омӯзиши интегративӣ ҳатмист. Ҳамин тариқ, татбиқи лоиҳаҳои мавзуӣ аз фанҳои гуногун метавонад дар дарсҳои информатика амалӣ карда шавад ва ин ҳолат робитаи байни фанҳоро нишон медиҳад.

Дар омӯзиши мустақилона ва фосилавӣ базаҳои иттилоотӣ ҳамчун манбаи иловагӣ нақши муҳим доранд. Ба ин базаҳо луғатҳо, энсиклопедияҳо, китобхонаҳои электронӣ ва бойгониҳо шомил мешаванд.

Дар дарсҳое, ки аз технологияҳои иттилоотӣ истифода мебаранд, ҳамеша таваҷҷуҳи зиёди донишҷӯён ва омӯзгоронро доранд. Онҳо, чун қоида, хуб андешида шудаанд, маводҳои шавқовару асил ва истифодаи қобилиятҳои ақлию эҷодии талабагонро дар бар мегиранд. Бешубҳа, бо чунин шакл ташкили раванди таълим, ки дар он технологияҳои иттилоотӣ бо технологияҳои муосири педагогӣ ба ҳам пайвастаast, ба ташаккули салоҳиятҳои умумӣ ва касбии хонандагон мусоидат намуда, боиси тарбияи одамони эҷодкор, бомаърифат ва соҳибақл мегардад.

Хулоса, дар раванди таълим ҷорӣ намудани усулу воситаҳои нави иттилоотӣ дар ҳамаи зинаҳои таълим зарур аст. Саводи компютериро дар хонандагон ҳарчи зудтар ривоҷ додан аз талаботи муосир мебошад. Ин ҳолат метавонад хонандагонро ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ зуд ворид намояд ва донишҳои муосирро хубу муассир омӯзанд, зеро дар ҷомеаи навин таҳия ва татбиқи технологияҳои нави педагогӣ ҳамеша ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ тавъам будаанд.

**Шаҳло ЭШОНОВА,**
**рӯзноманигор,**
**тарҷума аз забони русӣ**



# ЧАРО ОЯНДАИ МО АЗ МУТОЛЕА ВОБАСТАГӢ ДОРАД?

**Дар ҳошияи озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», ки иқдоми шоиставу мондагори Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.**

Андешаҳои нависандаи англис, муаллифи асарҳои машҳури фантастикӣ Нил Гейман доир ба моҳият ва манфиати китоб хондан хеле аҷиб ва судманд буда, ҳар як хонандаро зери таъсири худ қарор медиҳад. Аз ин рӯ, тасмим гирифтам, ки ҳиссае аз афкорашро тарҷума намуда, ба шумо-хонандагони маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" пешниҳод намоям.

Агар дӯстони риёзидонатон аз шумо суол кунанд, ки чаро бояд адабиёти бадеӣ мутолиа намуд, ба онҳо ин матнро бидиҳед. Агар дӯстонатон ҳамарӯза шуморо бовар мекунонанд, ки ба наздикӣ тамоми китобҳо электронӣ мешаванду дигар китобҳои чопӣ боқӣ нахоҳанд монд, ба онҳо низ ин матнро бидиҳед. Агар шумо бо эҳсоси хуш ва ё баръакс ба китобхона рафтанатонро ба хотир меоред, ин матнро мутолиа кунед. Агар кӯдакони шумо ба воя мерасанд, ин матнро ҳамроҳи онҳо бихонед ва агар шумо сари он меандешед, ки чиро ва чӣ гуна ҳамроҳи кӯдакон бояд мутолиа кунед, пас боз ҳам ин матнро бихонед.

**Барои ҳар як нафар мавқеи худро муайян намудан ё ба қавле баёни манофеъ, хеле муҳим аст.**

Ман мехоҳам, бо шумо доир ба аҳаммияти хониш суҳбат кунам, дар ин хусус ибрози андеша намоям, ки хондани китобҳои бадеӣ ва хондан ба хотири лаззат бурдан, яке аз муҳимтарин унсурҳо дар ҳаёти инсон мебошад ва бешак, ман ба хондан майлу рағбати беандоза дорам. Чун нависанда ҳастам ва муаллифи осори адабӣ. Ман ҳам барои кӯдакон, ҳам барои калонсолон асарҳо эҷод кардаам. Зиёда аз 30 сол боз ман ба қавле бо нӯги қалам ризқу рӯзии хешро пайдо мекунам, 30 сол боз бо сухан сару кор дорам. Яъне, воқеаву рӯйдодҳоро дидаву ба риштаи тасвир мекашам. Бешубҳа, ман хеле мехоҳам, ки одамон нигоштаҳои маро мутолиа кунанд, адабиёти бадеиро мутолиа кунанд, то китобу китобхонаҳо арзи ҳастӣ намоянду дар қалби хонанда нисбат ба китобу китобхонӣ тухми муҳаббат биколанд. Хуллас, ман ҳамчун адиб нисбат ба хониш рағбати зиёд дорам.

Боре дар Ню-Йорк шоҳиди гуфтугӯи ду нафар шудам. Онҳо дар бораи сохтмони маҳбаси шахсие суҳбат доштанд. Сохтмони чунин иншоот дар Амрико аз соҳаҳои саноати босуръат рушдкунанда маҳсуб меёбад. Ҳангоми бунёди маҳбасхонаҳо бояд рушди минбаъдаи ин соҳа ба инобат гирифта шавад. Масалан, ба нақша гирифта шавад, ки барои ин маҳбас чанд ҳуҷра лозим аст? Шумораи маҳбусон баъди 15 сол чӣ қадар хоҳад шуд? Ва онҳо як чизро кашф намуданд, ки инро пешгӯӣ кардан хеле осон аст, барои ин аз алгоритми содатарин истифода менамоянд, ки аз чунин назарсанҷӣ асос ёфтааст: чанд фоизи наврасони 10-11-сола хонда наметавонанд? Албатта, наметавон гуфт, ки дар ҷамъияти бомаърифат ҷинояткорӣ вуҷуд надорад, аммо алоқаи байни омилҳо мушоҳида мешавад. Ман гумон мекунам, ки омили зер аз омилҳои асосӣ аст:

*Одамони бомаърифат адабиёти бадеӣ мехонанд.*

**Адабиёти бадеӣ ду хусусияти асосӣ дорад:**

Нахуст, он дар ниҳоди шумо вобастагиеро ба хондан ба вуҷуд меорад. Хоҳиши зиёди донистани он, ки давоми қисса чӣ мешавад, шавқи сафҳагардонӣ, зарурати идома додан, ҳатто агар ин душвор ҳам бошад, зеро нафаре дучори бадбахтие гаштаасту ту бояд донӣ, ки он воқеа бо чӣ меанҷомад... Ин шуморо водор месозад, ки бо калимаву ибо-

раҳои нав шинос шавед, фикррониатонро тағйир дода, ба пеш рафтанро идома диҳед ва оқибат дарк намоед, ки хондан лаззат бурдан ва ҳузуру ҳаловат аст. Агар як дафъа инро дарк намудед, шумо аллакай дар роҳи мутолиаи доимӣ қарор мегиред.

Хониши муқаррарӣ кафили боҳушу бомаърифат ба воя расидани кӯдакон мебошад. Барои ин шавқи хонишро дар ниҳоди онҳо бедор намудан даркор аст, то дарк кунанд, ки хондан машғулияти хушу гуворост. Муҳимтар аз ҳама, китобҳое пайдо намоед, ки мутобиқ ба завқу хоҳиши онҳоянд ва барои китоб хондани онҳо шароит фароҳам созед.

Барои кӯдакон муаллифони бад вуҷуд надоранд, онҳо саргузаштҳои барояшон ҷолибро мехонанд ва худ низ ба ин қиссаву саргузаштҳо ворид мегарданд. Матнҳои ба назари шумо кӯҳнаю забонзада барои онҳо нав ҳастанд. Чун кӯдак онро бори нахуст кашф мекунад ва табъу завқи ҳар яки онҳо гуногун аст. Ҳаргиз кӯдаконро, бо андешаи он ки онҳо адабиёти нописандро мутолиа мекунанд, аз хондан бознадоред. Шояд маҳз адабиёте, ки писанди шумо нест, роҳкушои онҳо барои мутолиаи доимии асарҳои бадеӣ бошад.

**Нақши дигари адабиёти бадеӣ ин аст, ки он хаёлпарастиро тавлид месозад.** Вақте шумо ягон филм ё намоиши телевизиониро тамошо мекунед, он воқеаҳоеро мебинед, ки бо дигарон рӯй медиҳанд. Асари бадеӣ чизест, ки худи шумо онро аз руъёҳо, аз тахайюлот месозед, барои худ олами дигар бунёд мекунед, ба он ворид мешавед ва ба атроф бо чашми дигар менигаред. Шумо ҳама чизро дигаргуна эҳсос мекунед, ба сайри олами дигар мебароед, оламе, ки қаблан намешинохтед. Шумо дарк мекунед, ки олами берунӣ ин худи шумо низ ҳастед. Шумо як навъ дигар мешавед ва вақте ба дунёи худ бармегардед, дар ниҳоди шумо каме тағйирот ба назар мерасад.

**Хаёлпарастӣ ин усул ё воситаест, ки одамонро ҷамъ овардаву имкон медиҳад, то онҳо на ҳамчун ашхоси танҳою худписанд, балки дигаргуна рафтор намоянд.** Ҳамчунин, шумо дар китобҳо чизҳои ҳаётан муҳимеро барои вуҷуд доштан дар ин дунё кашф мекунед. Ва яке аз онҳо ин аст: *муҳим нест, ки ту ҳатман ҳамин гуна бошӣ, ҳама чиз метавонад тағйир ёбад.*

Соли 2007 ман дар Чин дар кори конвенти миллӣ оид ба фантастикаи илмӣ ширкат доштам. Он ҷо ман аз як намояндаи расмии ҳукумат суол кардам:

- Бо кадом мақсад? Охир фантастикаи илмӣ муддати тӯлонӣ эътирофнашуда буд? Чӣ тағйир хоҳад ёфт?

- Хеле одӣ, - гуфт ӯ. - Чиниҳо чизҳои оличаноб бунёд мекунанд, агар лоиҳаашон ба онҳо пешниҳод гардад. Аммо худи онҳо ягон чизро беҳтар насохтаанду чизе ихтироъ накардаанд. Онҳо ихтироъкор нестанд. Аз ин рӯ, онҳо намояндаҳои худро ба ИМА, ба Apple, Microsoft, Google фиристода, миёни одамоне, ки ояндаро фикр карда баровардаанд, доир ба худашон пурсиш гузаронианд ва кашф карданд, ки онҳо дар хурдсолиашон фантастикаи илмиро хонда будаанд.

**Адабиёт ба шумо дунёи дигарро муаррифӣ менамояд.** Он шуморо ба ҷойҳое мебарад, ки қаблан надида будед. Вақте як маротиба ба дунёи дигар ворид мешавед, мисли онҳое, ки меваҳои афсонавиро чашидаанд, шумо дигар наметавонед аз дунёе, ки бузург шудаед, комилан қаноатманд бошед. Қонеъ набудан одамро ба кор водор мекунад.

**Агар ҷои махсусе барои китоб набошаду кӯдакон натавонанд онҳоро мутолиа кунанд**, муҳаббати кӯдакон ба мутолиа аз байн меравад. Ман кӯдаки хушбахт будам, чун вақте бузург шудам, соҳиби як китобхонаи оличанобе дар ноҳия будам. Инчунин, волидоне доштам, ки ҳар бори ба кор рафтанашон, дар вақти таътил маро ба он китобхона мерасониданд.

**Китобхона ин озодӣ аст.** Озодии хониш, озодии муносибатҳо. Ин маълумотест, донишест, ки ҳатто вақти мактаб ва ё донишгоҳҳоро хатм кардан низ тамом намешавад, фароғатест, паноҳгоҳест ва роҳест ба самти иттилоот.

**Ба андешаи ман ин ҷо ҳама гап сари моҳияти иттилоот аст.** Иттилоот нарх дорад, аммо иттилооти ҳаққонӣ ва дуруст бебаҳост. Мо дар тӯли мавҷудияти бани башар дар давраҳои норасоии иттилоот зиндагӣ кардаем. Ба даст овардани иттилооти зарурӣ ҳамеша муҳим ва ҳамеша арзишманд буд. Кай бояд иттилоъро паҳн кунем, ашёро, харитаро, саргузашту қиссаҳоро аз куҷо дастрас намоем – ин чизҳоеанд, ки ҳамеша арзиш доштанд. Иттилоот ҳамеша арзиш дошт ва нафаре, ки соҳиби он буд, ҳамеша пешдаст буд.

**Солҳои охир мо ба сарбории афзуни иттилоот ва зиёдшавии беҳади он расидаем.** Ба андешаи Эрик Шмидт аз **Google** акнун ҳар ду рӯз пас нажоди одамӣ чандон иттилооте месозад, ки мо аз давраи пайдоиши нахустин тамаддун то ба имрӯз сохтаем. Имрӯз вазифаи асосӣ на дар биёбон гули

нодир пайдо кардан, балки ҷустуҷӯи гиёҳи мушаххасе дар биёбон аст. Мо дар самти дарёнавардӣ ба кумак ниёз дорем, то дар байни ин иттилоот он чизеро пайдо созем, ки дар ҳақиқат ҳам, бароямон лозим аст.

**Китоб як василаи робита бо гузаштагон аст.** Ин усули омӯзиш аз онҳоест, ки дигар бо мо нестанд. Инсоният худро сохт, рушд намуд, навъҳои донишу маърифатро, ки метавонанд онҳоро ташаккул диҳанд, тавлид кард. Афсонаҳое мавҷуданд, ки аз аксари кишварҳо куҳансолтаранд, афсонаҳое, ки муддатҳои тӯлонӣ маданияту монеаҳо ва он деворҳоеро, ки онҳо бори нахуст он ҷо қисса шудаанд, таҳаммул намудаанд.

*Агар шумо арзиши китобхонаро намедонед, пас арзиши иттилоот, маданият ва ё ҳикматро низ намедонед. Садои гузаштаро фурӯ менишонеду ба оянда осеб мерасонед.*

**Мо бояд бо фарзандонамон бо овози баланд китоб хонем.** Бо онҳо чизеро хонем, ки барояшон фараҳу шодмонӣ мебахшад, саргузаштҳоеро бо онҳо мутолиа кунем, ки худ аз онҳо аллакай хаста шудаем. Бо садоҳои мухталиф бо онҳо гуфтугӯ кунем, завқи онҳоро бедор созем ва танҳо ба хотири он ки худашон хонданро омӯхтанд, мутолиаро қатъ насозем. Дар лаҳзаҳои танҳоӣ китоб бояд хонд, он лаҳзаҳое, ки бо садои баланд китоб мехонед, набояд касе машғули телефон, телевизор ва ё дигар корҳо бошад, яъне, ҳангоми китоб хондан тамоми ҷаззобият ва дилфиребиҳои ин дунёро як тараф бояд гузошт.

**Мо бояд аз забон истифода кунем.** Рушд кунем, ба маънои калимаву иборaҳои нав сарфаҳм равем ва донем, ки чӣ гуна аз онҳо бояд истифода намуд, бо забони содаву фаҳмо муомила карданро омӯзем ва он чизеро бигӯем, ки дар зеҳнамон ҳаст. Набояд саъй кунем, ки забонамон карахту беҳис бошад, набояд тавре вонамуд созем, ки он як чизи мурдаест, ки бояд қадраш кунем. Мо бояд забонро ҳамчун узви зиндае истифода кунем, ки мудом дар ҳаракат асту ҳарф мезанад, ба суханҳо маъно медиҳад.

**Адибон, хосса адибони бачаҳо, дар назди хонанда уҳдадорӣ доранд.** Мо бояд ҳақиқатро нависем. Вақте дар бораи одамоне, ки вуҷуд надоранд ва ё маҳалҳое, ки ҳаргиз дар он ҷо набудем, қиссаҳо эҷод мекунем, бояд бидонем, ки ҳақиқат ин чизе нест, ки дар асл рӯй додааст, балки он чизест, ки ба мо доир ба кӣ будани худи мо қисса мекунад.

Мо набояд хонандаи худро хаста кунем, балки воқеаҳоро тавре тасвир намоем, ки дар қалби онҳо бевосита хоҳиши варақгардон кардани саҳифаҳои минбаъда пайдо шавад. Яке аз воситаҳои беҳтарини ҷалб намудани хонандаи танбал ин тасвири саргузаштҳои ҷолибу хонданбобест, ки онҳоро ба мутолиаи минбаъдаи китоб водор карда метавонад.

**Мо бояд ба хонандаи худ ҳақиқатро баён сохта,** онҳоро мусаллаҳ ва ҳимоя намоем. Барояшон донишеро ҳадя кунем, ки дар ҳаёти начандон тӯлонии хеш аз таҷрибаҳои рӯзгор ҳосил намудаем.

**Ҳамаи мо - ҳам калонсолон ва ҳам хурдсолон, ҳам адибону ҳам хонандагон, бояд орзуҳо дошта бошем.**

Мо бояд аз тахайюлу руъёҳо кор барем.

Бубинед.Ман ҷиддӣ мегӯям. Лаҳзае бозистед ва ба биное, ки худ он ҷо ҳузур доред, назар андозед. Ман ба шумо чизи аҷиберо нишон додан мехоҳам, ки онро аллакай ҳама фаромӯш кардаанд. Ана он: ҳама он чизеро, ки шумо мебинед, аз ҷумла, ҳамин деворҳо низ бофтаи тахайюли нафаре ҳастанд. Касе фикр кардааст, ки дар курсӣ нишастан нисбат ба рӯйи замин нишастан хеле муносибтар аст ва курсиро ихтироъ кардааст. Касе усулеро фикр карда баровардааст, ки ман тавонам бо ҳамаи шумо худи ҳозир, бе ягон хавфи зери борон мондану тар шудан, озодона суҳбат дошта бошам. Ин утоқ ва ҳамаи ашёҳои ин бино бахри он вуҷуд доранд, ки одамон боз ва боз ягон чизро фикр карда бароранд.

Мо бояд ашёҳои атрофи худро зебо гардонем. Набояд ин дунёро зишту қабеҳтар аз пештара гардониду укёнусҳоро холӣ кард, набояд мушкилоти имрӯзро ба наслҳои оянда ба мерос гузошт. Мо бояд аз пушти худ нопокиҳоро тоза кунем ва фарзандонамонро дар дунёе, ки худ онро ифлос намудаем, ғорат кардаем ва вайрону валангор сохтаем, нагузорем.

Боре аз Алберт Эйнштейн суол карданд, ки чӣ бояд кард, то фарзандони мо боақлу закӣ бошанд. Ҷавоби ӯ муқаррарӣ ва ҳакимона буд. *Агар шумо хоҳед, ки фарзандони шумо боақл бошанд, - гуфт ӯ, - барояшон афсона хонед. Агар хоҳед, ки онҳо беш аз ин боақлу закитабъ бошанд, барояшон бештар афсона хонед.*

Ӯ арзиш ва моҳияти хониш ва тахайюлотро ба хубӣ дарк мекард. Умедворам, мо ба фарзандони хеш он дунёеро ба мерос хоҳем гузошт, ки онҳо хонанду илм омӯзанд, аз тахайюл ва руъёҳо кор бигиранд ва дарку фаҳми воло дошта бошанд.

**Муҳаммаднабӣ БАЁНӢ,**
**муовини директори Муассисаи давлатии «Хонаи китоби Тоҷикистон», номзади илмҳои филологӣ**



# ОСОРХОНА - ПОСДОРИ ТАЪРИХУ ТАМАДДУНИ МИЛЛАТ

Омӯзгор, мураббӣ ва устод вожаҳои муқаддас мебошанд, ки ба тарбияву таълими наслҳо машғул буда, ҳар кас сазовори ин номҳои бузург шуда наметавонад. Дар воқеъ, омӯзгор аст, ки чароғи орзую омоли кас фурӯзон мегардад. Маҳз омӯзгор бо талошу заҳмати сангин тухми илму маониро дар дили шогирд мекорад, хуни ҷигар мехӯрад, то шогирдон ҳамчун шахсият дар ҷамъият нуфуз ёбанду барои миллату давлату ҷамъият хадамоти шоиставу содиқона анҷом диҳанд. Ҳамин аст, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба беҳбуди вазъи устодону омӯзгорон ва баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа ғамхории беандоза зоҳир мекунанд.

Мақсад аз овардани ин муқаддима он аст, ки дар идома чанд сухане доир ба заҳмату талошҳои омӯзгори асил ва дӯстдори ҳақиқии касби хеш, муаллими мактаби №5-и ноҳияи Панҷ Садриддин Муҳаммадиев иброз намоям. Номбурда зиёда аз 30 соли ҳаёти худро дар касби омӯзгорӣ бахшида, ба наврасону ҷавонони кишвар таърихро, ки яке аз фанҳои ҳувиятсоз, ғурурофар ва василаи муҳим барои худогоҳии миллии хонандагон мебошад, омӯзонидааст ва имрӯз низ ба таълиму тарбияи насли ҷавон машғул аст.

Камина, ки аз маънавияти дарсҳои ин устоди фозил баҳраманд гардидаву дарси хештаншиносӣ омӯхтаам, то ҳол чунин маъниофарӣ ва фазосозиеро, ки Садриддин Муҳаммадиев дар раванди дарсҳояшон ба вуҷуд меоваранд, дучор нашудаам. Ӯ барои ҳар як дарси таърих ашёҳои таърихӣ, нигора ва бозёфтҳоеро ба ҳар шакл ба дарс ҳозир намуда, дар атрофи нигораҳои таърихӣ ва бозёфтҳо суханронӣ мекард ва ҳар як суханашро бо намоиши ашёву олоти таърихӣ такмил месохт.

Маҳз ин ҳисси баланди масъулият, миллатдӯстиву ватанпарастӣ ва таърихдӯстӣ боис шудааст, ки аз ҷониби ин шахсияти шариф «Осорхонаи махсуси таърихӣ-кишваршиносӣ» дар мактаби №5-и ноҳияи Панҷ таъсис дода шудаву тамоми нигораҳо аз ҷониби устод дар ин осорхона ҷамъоварӣ шудааст.

Таҳлилҳои педагогӣ-иҷтимоӣ нишон медиҳанд, ки ташкили чунин осорхонаҳо аз як сӯ барои дар сатҳи баланди маънавӣ баргузор шудани дарсҳо мусоидат кунанд, аз ҷониби дигар, дар самти ҳифз, нигоҳдошт ва аз парокандагию нестшавӣ эмин доштани нигораҳои таърихӣ ва бозёфтҳои бостонӣ мусоидат мекунад. Осорхонаи мазкур барои бедорӣ ва худшиносии миллии таълимгирандагони мактаб ва муассиру муфид гузаронидани дарсҳо таъсири хеле калон мерасонад.

Имрӯзҳо низ Садриддин Муҳаммадиев



ҷода ба ҷода ва деҳа ба деҳа ба ҷамъоварии нигораҳои таърихӣ машғул буда, аксари экспонатҳои ҷамъовардаи ӯ таърихи зиёда аз 500-сола доранд. Ба ҳар гӯшаю канори ноҳия ва ҷумҳурӣ сафар мекунад ва пайваста як ҳадаф дорад: ҷустуҷӯи нигораҳои таърихӣ!!!

Намояндагони шуъбаи маорифи ноҳия низ ба фаъолияти омӯзгорӣ ва таъсиси осорхонаи ӯ баҳои баланд додаанду омӯзгорони дигар муассисаҳои таълимии ноҳия аз ҷамъоварӣ ва таъсиси осорхонаи ӯ истиқболи шоиста мекунанд.

Садриддин Муҳаммадиев 20-уми марти соли 1962 дар ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон зода шуда, мактаби ибтидоиро дар зодгоҳаш хатм кардааст. Ӯ аз он ифтихор дорад, ки соли 1969 аввалин қадами худро ба синфи 1-ум дар мактаби №5-и ноҳияи Панҷ ниҳодаву имрӯз дар ин боргоҳи маърифат аз таърих ба шогирдон дарс медиҳад. Пас аз хатми мактаби миёна меҳру муҳаббати омӯзгорӣ дар дилаш ҷӯш мезанад. Азбаски аз хурдӣ таъриху ҳуқуқро бештар меписандид, орзу дошт, ки оянда аз ин фанҳо ба шогирдон дарс гӯяд. Ниҳоятан, соли 1980 орзуи С.Муҳаммадиев амалӣ гардида, ба факултети таърихи Донишгоҳи давлатии ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 1985 бо сари баланд хатм мекунад. Фаъолияташро аз мактаби миёнаи №5 оғоз бахшида, ҳамакнун беш аз 30 сол аст, ки дар ин касби пурифтихор, вале заҳматталаб ифои масъулият дорад.

Ин марди хоксор ва фидоии касби омӯзгорӣ ҳамеша аз шахсиятҳое, ки чароғи илму маонӣ ва меҳри омӯзгориро дар дили ӯ ҷой кардаанд, ёдовар мешавад. Аз ҷумла, мегӯяд: «Устодони мушфиқу ғамхоре, ки ба ман бевосита дарс доданду маро ба касби омӯзгорӣ дилгарм карданд, шахсиятҳои маънавие, ба мисли Латиф Шарифов, Ҳасан Шарифов ва Холмаҳмад Қодиров буданд. Устодоне, ки усулҳои таълиму тарбияро ба ман омӯзонданд, шодравон Анвар Алимардонов ва Анвар Наботов буданд».

Мавсуф дар давоми фаъолияташ шогирдони зиёдеро ба воя расонидааст. Даҳҳо шогирди ӯ дар озмунҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок карда, ҷойҳои намоёнро ишғол намудаанд.

Маврид ба таъкид аст, ки мактаби №5-и ноҳияи Панҷ яке аз мактабҳои пешқадам дар ноҳия маҳсуб мегардад. Бо истифода аз фурсат, мехоҳам аз шахсиятҳое, амсоли Ҳаким Ҳақдодов, Холмаҳмад Қодиров, Содиқ Шодиев, Ҳадичамоҳ Собирова, Нуриддин Раҳматуллоев, Аҳрор Мухторов, Бобошоҳ Муҳаммадиев, Давлатбӣ Раҳматова ва дигарон ёдовар шавам, ки ҳамчун машъалафрӯзони роҳи ҳаёти насли наврас солҳои тӯлонӣ дар ин макон фаъолият намудаанд. Ёдоварӣ аз исми чунин устодон хотираи неки онҳоро пос доштан аст ва барои насли ҷавон сабақе хоҳад буд дар садоқати касбияшон. Ҳамзамон, имрӯз дар ин мактаб дар қатори Садриддин Муҳаммадиев омӯзгорони асилу соҳибтаҷриба, ба мисли Бахтиёр Зулфиқоров, Шукрулло Файзиев, Анвар Наботов, Пирмурод Миров, Давлатмурод Баёнов, Раҳмоналӣ Шарифов, Моҳлиқо Ҷӯраева, Санавбар Ибронова, Мухтадо Шомаҳмадов, Мунира Ҳалимова, Исо Пиров, Маҳмадризо Пиров ва дигарон фаъолияти шоиста мекунанд. Онҳо ба насли наврас содиқона таълим медиҳанд, ки сифатҳои неки омӯзгорӣ, равиш ва услуби таълими эшон барои омӯзгорони ҷавон дарси ибрат аст. Хусусан, ман ҳамчун эҷодкор аз устодони худ ифтихор дорам.

Бо ошно гардидан ба фаъолияти омӯзгорӣ ва осорхонаи Садриддин Муҳаммадиев ба хулосае омадем, ки ӯ дар баробари омӯзгори асил будан, посдори таъриху тамаддуни миллати тоҷик аст, зеро бо нигораҳои ҷамъовардааш насли навраси як гӯшаи зебоманзари Тоҷикистони азизро ба гузаштагони худ ошно карда, ифтихор ва худшиносии миллиро дар замири онҳо бедор месозад. Боварӣ дорем, ки шогирдон ва насли имрӯзу фардои ин минтақа ҳеҷ гоҳ заҳматҳои С. Муҳаммадиевро фаромӯш намекунанд ва мудом ҳамчун омӯзгори ботаҷриба, мушфиқу раҳнамо ва ҳалиму дилсӯз эҳтиром хоҳанд кард.

**Эмоми НАЗАРИЁН,**
**рӯзноманигор**

# ЧӢ ТАВР СОБИРҶОН БА КӮДАКИСТОН ОДАТ КАРД?

**Масъалаи ҷалби кӯдакон ба боғчаву ширхоргоҳ яке аз масъалаҳои хассос дар раванди таълиму тарбия буда, андак муносибати нодуруст метавонад ба равони кӯдак таъсири ногувор дошта бошад. Дар ин нигошта як роҳи содаи моил кардани кӯдакон ба боғчаву ширхоргоҳ тасвир ёфтааст, ки барои мураббию мураббияҳо метавонад ҳамчун маводи методӣ кумак кунад!**

Бачаҳо-духтаракону писаракони гурӯҳ пас аз хӯроки нисфирӯзӣ ба хоб рафтанд.

-Ҳама чашмҳоямонро мепӯшему ба хоб меравем!-гуфт мураббӣ. - Хоби хуш!

-Ту чаро ба ҷойгаҳат надаромадӣ?-баъди чанде мураббӣ пурсид аз Собирҷони чорсола, ки ӯро як ҳафта пеш модараш ба кӯдакистон оварда буд.

Собирҷон чизе нагуфту дар чашмонаш ашк ҳалқа шуд. Ҳеҷ не ки ӯ ба ҳаёти кӯдакистон одат намояд. Мураббӣ Собирҷонро бардошта, ба ҳавлии кӯдакистон баромад.

-Мехоҳӣ, ба арғунчак савор шавӣ?

Писарак бо инкор сар ҷунбонд.

-Медонӣ-чӣ? Биё, мо расмҳои кӯдакистонро тамошо мекунем, ана, ин расмҳои чист?

-Гург ва лаклак.

-Дуруст, аз филми тасвирии «Гург ва лаклак». Ту онро тамошо кардаӣ?

-Ҳа.

-Маъқул шуд?

-Маъқул шуд,-ором шуда, посух дод писарак.

-Собирҷон, ана ин расми чист?

-Бузаки ҷингилапо…

-Офарин! Ту доно́як будаӣ-ку! Акнун мо дар алвонҷаки таги себ мешинему ман бароят афсонаи «Хурӯси зирак»-ро нақл мекунам. Ту афсонаро дӯст медорӣ?

-Ҳа.

-Буд-набуд, як хурӯси зирак буд, - бо лафзи ширин ба афсонагӯӣ оғоз намуд мураббӣ:

-Боре хурӯс дар саҳро дон чида мегашт, ки ӯро рӯбоҳи ҳиллагар дида монд. Рӯбоҳ дарҳол хост, хурӯсро фиреб дода, бихӯрад, аммо хурӯс ӯро дидан замон парида ба шохи баланди дарахте нишаст. Рӯбоҳ бо ҳиллае хост, хурӯсро аз дарахт ба замин фарорад.

-Медонӣ, Собирҷон, хурӯс чӣ тавр зиракӣ карда, аз душмани ҷонаш - рӯбоҳ халосӣ ёфт?

-Не.

-Ӯ ба гапҳои ширини рӯбоҳ бовар накарда гуфт:

-Ана аз дур як селаи сагон давида ба сӯйи мо меоянд. Рӯбоҳ, туро мекобанд-чӣ?

Рӯбоҳ аккоси сагонро шунида, рӯ ба гурез овард. Хурӯс ҳамин тавр аз душманаш халосӣ ёфт.

Собирҷон, афсона ба ту маъқул шуд?

Собирҷон дар ҷавоб чизе нагуфт, ӯро аз лафзи ширини мураббӣ ва алвонҷхӯрӣ дар алвонҷак хобаш бурда буд.

«Ана ҳамин тавр кӯдакон ба муҳити кӯдакистон одат мекунанд»,-қаноатманд аз хаёлаш гузаронд мураббӣ.

-Оиша,-ба ёрдамчиаш рӯ овард ӯ, - биё Собирҷонро бурда, дар катча хобонем…

Бегоҳӣ модар барои писараш омада дид, ки ӯ дар ҳалқаи бачаҳои гурӯҳ хушҳолона мошинчабозӣ дорад. Модар хурсандона нафас кашид...

Мураббӣ дар вақти гусели онҳо гуфт:

-Имрӯз ба Собирҷон афсонаи «Хурӯси зирак»-ро гуфтам, бодиққат гӯш намуда, инҷиқӣ накард.

Сипас, ӯ ба Собирҷон бо меҳрубонӣ гуфт:

-Пагоҳ ба кӯдакистон, ки омадӣ, бароят боз як афсонаи шавқовар гуфта медиҳам, бо бачаҳо як бозии нав мекунем. Пагоҳ меоӣ, Собирҷон?

-Бо очаҷонам меоям! - қатъӣ гуфт Собирҷон.

**Мураттиб: Ҳотами ҲОМИД**

## ЧАЙНВОРДИ «ДОНИШ»

1 Нашриёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2 Маркази давлати Сомониён. 3 Гунбад, сипеҳр. 4 Қаҳрамони филми «Қисмати шоир». 5 Адолат, инсоф. 6 Шоири халқии Тоҷикистон. 7 Кӯҳи афсонавӣ. 8 Фанни хониш. 9 Исми дигари асал, ширинӣ. 10 Неъмати моддӣ. 11 Ҳиссаи нутқ. 12 Ҷирми осмонӣ, сайёра. 13 Шумораи миқдорӣ. 14 Асъори хурди замони Шуравӣ. 15 Мева. 16 Ҳарфи алифбои ниёгон. 17 Ба нестӣ расида, азбайнрафта. 18 Собиқ Президенти АМИТ. 19 Мафҳуми математикӣ. 20 Исми шоҳ дар «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ. 21 Макони илму ирфон, дониш. 22 Исми маъмулии мардонаи тоҷикӣ. 23 Ҳарфи алифбои ниёгон. 24 Ситоиш, таъриф. 25 Узви ҷумла. 26 Гул.




## ҶАВОБҲОИ ЧАЙНВОРДИ «ХАРИТА»

**Аз чап ба рост:**

4. Наниманча, 5. Сурма, 7. Сино, 8. Опел, 9. «Реал», 10. Амин, 13. Иртиш, 16. Муму, 17. Мард, 18. Марг, 19. Рига, 22. Варта, 23. Марминҷон.

**Аз боло ба поён:**

1. Энгелс, 2. Амирӣ, 3. Паскал, 5. Сандалӣ, 6. Алпомиш, 9. Рустам, 11. Намонд, 12. Атом, 14. Амиров, 15. Харита, 18. Муаммо, 20. Афсона, 21. Артиш.

# МУНДАРИҶА


**СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ**

И. САИДЗОДА. Рушди босуръати кишвар танзими ҳуқуқиро талаб менамояд............................1

**ИФТИХОР АЗ ИСТИҚЛОЛ**

Ҳ. АЗИЗОВ. Озодӣ - арзишмандтарин неъмат барои ҳар як халқу миллат...................................3

**ИДЕОЛОГИЯ**

С. ҶОНОНОВ. Ҷомеаи иттилоотӣ ва масоили ҳифзи худшиносии миллӣ....................................5

**МУҚАДДАСОТИ МИЛЛӢ**

Б. САИДОВА. Арзишҳои маънавӣ - омили ташаккули ватандӯстист............................................7

**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**

Н. ҚОСИМОВА. Дар бораи фаслҳои сол чӣ медонед?......................................................................9

**ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ**

К. ШУКУРОВ. Зеҳни сунъӣ талабот ба неруи инсониро коҳиш медиҳад?.................................11

**ФИЗИКА**

М. АСЛИДДИН. Сарфа ва истифодаи қувваи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................14

**МАТЕМАТИКА**

А. ОДИНАЕВ, Ф. РАҶАБОВ. Намунаи мисолҳо барои иштирокдорони озмун.......................18

**ХИМИЯ**

А. КАСИРОВА. Банақшагирии дарс дар мавзуи «Спиртҳо».............................................................21

**ШЕВАИ ТАЪЛИМ**

Б. ҲАЙДАРОВ. Усули таълими манзумаи «Духтари муқаддас»-и Мирзо Турсунзода.............24

**РИЁЗӢ**

Р. БУРҲОНОВА. Аз таҳти аломати решаи квадратӣ озод кардани адад.........................................27

**БА ЁРИИ ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН**

М. ҶУМЪАЕВ. Дарси хештаншиносӣ: «Бобоҷон Ғафуров - фарзанди фарзонаи миллат»..........29

**ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ**

А. НАЗАРОВ. Китобхонаи электронӣ ва мақоми он дар раванди таълим ва корҳои илмию тадқиқотӣ...........32

**ПАЖУҲИШ**

З. ИСМАТОВА. Нахустин муҳаққиқи осори публитсистии устод Садриддин Айнӣ ки буд?.......34

**АЗ ТАҶРИБА**

М. ИБРОҲИМОВ. Обҳои минералии Ҷумҳурии Тоҷикистон - таркиб, хосияти табобатӣ ва навъҳои онҳо....37

**ИҚТИСОДИ САБЗ**

Ф. МИРЗОЕВ. Қадамҳои устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи татбиқи стратегия...........40

**ОЛИМОНИ МО**

А. МАҲМАДАМИНОВ, М. СОЛЕҲОВ. Хоб бедорист, чун бо дониш аст.............................42

**МЕТОДИКА**

И. АБДУЛЛОЕВ. Арзёбии ташаккулдиҳанда - ҷузъи асосии банақшагирии дарс....................45

**ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ**

Қ. СИРОҶОВ. Инъикоси ҳуқуқҳои инсон дар ашъори устод Абуабдулоҳи Рӯдакӣ........................48

**ИЛМҲОИ ДАҚИҚ**

Р. ШАРИФОВ. Ҷоизаи бонуфузтарини ҷаҳон - Нобел кай ва чӣ тавр таъсис ёфтааст..................50

**ВОСИТАҲОИ НАВИ ОМӮЗИШ**

Ш. САИДОВА.Технологияи педагогӣ ва иттилоотии муосир дар раванди таълим...................54

**ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ**

Ш. ЭШОНОВА. Чаро ояндаи мо аз мутолеа вобастагӣ дорад?..........................................................56

**ТАШАББУСИ НАҶИБИ ОМӮЗГОР**

М. БАЁНӢ. Осорхона - посдори таъриху тамаддуни миллат.............................................................59

**ОЛАМИ РАНГИНИ ТИФЛӢ**

Э. НАЗАРИЁН. Чӣ тавр Собирҷон ба кӯдакистон одат кард?.............................................................61

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Ҳ. ҲОМИД. Чайнворди «Дониш».................................................................................................62

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»**

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**МУАССИС**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика.

**Ҳасан АЗИЗОВ,** муовини сармуҳаррир.
**М. АТОЗОДА,** муҳаррир.
**Қосимхуҷа НАЗАРОВ,** таррох.
**А. САИДОВ,** масъули сомона.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи матолиби нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**МОРО ДАР ҶАҲОНИ ИНТЕРНЕТ ҲАМРОҲӢ НАМОЕД**

СОМОНАИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

ГУРӮҲИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

**Индекси обуна: 77570.**
**Андозаи 60x841/8.**
**Адади нашр 6410 нусха.**
**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**
**Нархаш шартномавӣ.**

**E-mail: marifati.omuzgor@mail.ru**
**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**